# ХАЗИНАИ МАЪРИФАТ 5

## *500 Ҳикмат*

***Қисмати дуюм***



# ХАЗИНАИ МАЪРИФАТ 5

## *500 Ҳикмат*

*Қисмати дуюм*

## Қурбонов Субҳон

**Душанбе - 2016**
**"Графика - Принт"**

ББК 84тоҷик 7-4+83,3(2тоҷик)+86,38
Қ - 93
Х - 18

Китоб аз ҷониби Кумитаи оид ба корҳои дин, тазими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ташхиси давлатии диншиносӣ (илова ба №160 аз 24.12.2015с. тибқи мактуби 1602/ -01 (3) аз 21.09.2016с.) гузашта, ба чоп тавсия шудааст.

Хазинаи маърифат 5, *500 Ҳикмат, Қисмати дуюм*.

**Муаллиф:**
Қурбонов Субҳон

**Муҳаррир:**
Саидолимов Комилҷон

**Сарпараст:**
Қурбонова Фарзона

**Ҳуруфчинон:**
Каримҷон Сафаров
Меъроҷ Неъматов
Қурбонов Субҳон

**Тарроҳӣ:**
Валиҷон Алиев

**ISBN: 978-99947-932-8-0**

© Хазинаи маърифат 5, *500 Ҳикмат, Қисмати дуюм* 2016

# Мундарича


*Сарсухан* ........ 13
*Навиштаҷоти ангуштарин* ........ 15
*Навиштаҷоти санги сари қабр* ........ 16
*Намози Имоми Аъзам* ........ 17
*Намудҳои ҳайкал* ........ 18
*Намунаи ибрати сулҳ аз ҳазрати Умар (р.а.)* ........ 20
*Нархи матоъ* ........ 23
*Насиҳати бамаврид* ........ 25
*Насиҳати ҳазрати Алӣ (р.а.) ба фарзандаш* ........ 26
*Насронӣ ва зиреҳи ҳазрати Алӣ (р.а.)* ........ 27
*Нафақаамро худам таъмин мекунам* ........ 29
*Нафсаш ӯро кушт* ........ 30
*Нафсро чӣ гуна қонеъ сохт?* ........ 31
*Наҷот аз ҷаҳаннам (2)* ........ 32
*Наҷот аз ҷаҳаннам* ........ 34
*Нерӯи зеҳнӣ* ........ 35
*Нигоҳ ба сӯи адолат* ........ 36
*Нигоҳе, ки бар дигарон мекунем* ........ 38
*Нозӯкона бартараф намудани хато* ........ 39
*Нури Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.)* ........ 40
*Об ва гул* ........ 42
*Одами боақл ғайбат намекунад* ........ 44
*Одамон ба ҳузури Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) чӣ гуна мебароянд?* ........ 45
*Одоби дастархон* ........ 46
*Одоби нишаст дар дастархон* ........ 48
*Оиладорӣ аз нигоҳи бузургони дини мубини Ислом* ........ 49
*Оина* ........ 51
*Оқибати зулм* ........ 52
*Оқибати нияти бад* ........ 53
*Олим ва маст* ........ 54

*Омодаем, магар?* ........ 55
*Он чи коштӣ, ҳамон медаравӣ* ........ 56
*Онҳо маро не, зебогие, ки Аллоҳ Таъоло ба ман додааст, ҳамонро сила мекунанд* ........ 58
*Оташ аз дунё меояд* ........ 59
*Офатҳое, ки мӯъмин бо он рӯ ба рӯ мегардад* ........ 61
*Ошиқии ҷавон ба духтари подшоҳ* ........ 62
*Оштӣ* ........ 64
*Пайвастагӣ ба суннат* ........ 66
*Парранда ва дарвеш* ........ 67
*Пешниҳоди Афлотун* ........ 69
*Пиразан ва кӯза* ........ 71
*Пиронсолии ҳақиқӣ* ........ 74
*Подоши омӯзондани Қуръон* ........ 75
*Подшоҳ, дигар чӣ кор дорад?* ........ 76
*Подшоҳӣ дар хоб* ........ 78
*Пули сирот аз нигоҳи Абулфазли Аҳмадӣ* ........ 79
*Равшании коинот* ........ 80
*Рассом ва шогирд* ........ 81
*Рафиқи ҳазрати Мӯсо (а.с.) дар ҷаннат* ........ 83
*Рафтор дар вақти дороӣ* ........ 85
*Рафтори Иброҳими Адҳам нисбати маст* ........ 86
*Рафтори инсонгарӣ* ........ 87
*Рафтори Мансури Ҳаҷҷоҷ* ........ 89
*Рафтори ҳазрати Иброҳим (а.с) нисбат ба меҳмон* ........ 90
*Рафтори ҳассос миёни зану шавҳар* ........ 92
*Ризқдиҳанда* ........ 94
*Ризқи зоҳид* ........ 95
*Ризқи кӣ дар дасти туст?* ........ 96
*Ризқи ҳалол* ........ 97
*Риоя бар ҳаққи банда* ........ 98
*Роҳи заиф кардани шайтон* ........ 99
*Роҳи наҷот аз азоб* ........ 100
*Роҳҳои шинохтани одамон* ........ 101
*Рӯзе мешавад, ки меравӣ ва дубора барнамегардӣ* ........ 103
*Рӯҳамон* ........ 104
*Сабаби қабул нашудани дуо* ........ 106

Сабр бар бало бо рӯҳ аст на бо бадан ........ 107
Сабр ва дарс ........ 108
Савоби қарздиҳӣ ........ 109
Саволдиҳиро низ бояд донист ........ 111
Саволу ҷавоб бо ҳазрати Алӣ (р.а.) ........ 112
Сад далел барои шинохти Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ........ 113
Садақаи мо намозҳоямон шавад ........ 115
Сайри ду рафиқ ........ 116
Саломат ва боофият дар куҷо аст? ........ 117
Санади хона ........ 118
Сарват қадре надорад ........ 120
Сартарош, дарвеш ва марди бад ........ 123
Сафар бо хачир ........ 125
Саховатмандии ҳазрати Алӣ (р.а.) ........ 126
Саховатмандтарин шахс ........ 127
Саҳоба бахшиш пурсиду Аҳли Байт ба оғӯш гирифт ........ 128
Се масъала ........ 131
Се намуди косахонаи сар ........ 133
Сирри оила ифшо намегардад ........ 134
Содиқии ҳазрати Абӯбакр (р.а.) ........ 135
Суръати мошинро нигоҳ дор ........ 136
Сухан не, амал лозим ........ 138
Сухани нозуконаи ҳазрати Умар (р.а.) ........ 139
Суҳбати модар бо духтар ........ 140
Суҳбати падар бо духтар ........ 142
Суҳбати падар бо писар ........ 143
Суҳбати ҷонон ........ 145
«Таббат» болои «Ихлос» аст ........ 147
Таваккул ва ё таъаққул? ........ 148
Таваҷҷуҳи мардум ба кибр роҳ мекушояд ........ 149
Тавба дерӣ надорад ........ 150
Тавбаи аспдузд ........ 151
Тавбаи дӯзанда ........ 153
Тавбаи ҷавон ........ 155
Тавсияи девона ба авлиё ........ 157
Тавсияҳо ........ 159
Тадбири ҳақиқӣ ........ 160

*Такрори хато* ........ 162
*Талаби каромат* ........ 163
*Талхтарин ва ширинтарин* ........ 165
*Танҳо раҳм кардан аст* ........ 166
*Тарки ҷамоат аз талбидан беҳтар аст* ........ 168
*Тарси Аллоҳ (ҷ. ҷ.)* ........ 169
*Тарси тарки амал монеаи илмомӯзӣ намегардад* ........ 170
*Тафаккур садақаи ақл аст* ........ 171
*Тафсири вафо* ........ 172
*Таҳқир* ........ 173
*Таҷаллои раҳмат ва баракати Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.)* ........ 174
*Ташфиқи илмомӯзӣ* ........ 175
*Таъна нисбати ҳазрати Усмон (р.а.)* ........ 176
*Тиҷорати ҳазрати Усмон (р.а.)* ........ 178
*Ту аз ман фақиртарӣ?* ........ 180
*Ту кафили ман ҳастӣ* ........ 181
*Туҳфаи деҳотӣ ба халифа* ........ 182
*Ӯ аз аҳли байти ту нест* ........ 183
*Услуби ба роҳи рост даъват кардан* ........ 185
*Усули кор* ........ 187
*Усули нави даъвати мардум ба намози бомдод* ........ 189
*Усули омӯзиши дарси раҳм кардан бар дигарон* ........ 191
*Усули рафъи васваса* ........ 192
*Усули тарк кардани ҳасад ва бахилӣ* ........ 193
*Усули ҷавоб бар беодоб* ........ 194
*Фақирию дороӣ имтиҳони сабру шукр аст* ........ 195
*Фарзанди ман мешавӣ?* ........ 196
*Фарзандҳоятон шуморо ба бахилӣ набаранд* ........ 198
*Фарзҳоро беҳтар адо кардан* ........ 199
*Фарқи фиқҳ ва тасаввуф* ........ 200
*Фарқияти писар ва духтар* ........ 202
*Фатво ба хотири раҳоӣ аз қасам* ........ 204
*Фатвои Абӯҳанифа нисбати ҷасади зан* ........ 206
*Фатвои гарон* ........ 207
*Фаҳмиши бузургон аз «ИД»* ........ 209
*Фаҳмиши зикр* ........ 210
*Фикрониро рушд бояд дод* ........ 212

Фитна ... 213
Фитнаи бузургтарин ... 216
Хазинаи давлат ... 217
Хайри маҷусӣ ... 218
Халифа ҳазрати Усмон (р.а.) назди ғуломе ба зону нишаст ... 220
Халифаи одил ... 221
Хамр ... 223
Хизмат ба пиронсол ... 225
Хоб мисли марг ... 226
Хоби олим ва бедории нодон ... 227
Хоби Султон Сулаймон ... 228
Хоби ҳазрати Алӣ (р.а.) ... 229
Хонасоз ... 231
Хондани намоз ... 232
Хониши намози зебо ... 233
Хониши намози Ҳотами Асам ... 235
Хостгори зиндагӣ ва ё хосгори марг? ... 237
Хостгорӣ ... 239
Хоҳиши зино кардани ҷавон ... 242
Ҳабиби Аҷамӣ ... 243
Ҳадаф аз илмомӯзӣ ... 244
Ҳадис Қуръонро шарҳ медиҳад ... 245
Ҳадяи Султон ... 246
Ҳаётро чӣ гуна бинем? ... 247
Ҳазар аз суҳбат бо бадон ... 249
Ҳазрати Мӯсо (а.с.) ва гусфанд ... 250
Ҳазрати Мӯсо (а.с.) ва дуои борон ... 251
Ҳазрати Мӯсо (а.с.) ва ҳодисаи аҷиб ... 253
Ҳазрати Мӯсо (а.с.) ва чӯпон ... 255
Ҳазрати Сулаймон ва Ҳудҳуд ... 257
Ҳазрати Умар (р.а.) марди зебоеро аз шаҳр берун кард ... 259
Ҳайф бар шумо ва бар бутҳое, ки парастиш мекунед ... 260
Ҳақ бузургтар аст ... 262
Ҳаққамро дар дунё гирифтан намехоҳам ... 263
Ҳақиқати шукр ... 264
Ҳаққи бародарӣ чист? ... 265
Ҳаққи кор ... 266

*Ҳаққи либоспӯшӣ* ........ 267
*Ҳаққи модар* ........ 269
*Ҳаққи чашм чист?* ........ 272
*Ҳаққи шикоят кардан надорем* ........ 273
*Ҳалолу ҳаром* ........ 274
*Ҳама чизро хайрашро талаб кун* ........ 276
*Ҳамдарди муъминон шудан* ........ 278
*Ҳамроҳи дӯстдорони Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бош* ........ 279
*Ҳамсоя дар ҷаннат* ........ 280
*Ҳамсояи бад* ........ 281
*Ҳамсояи маст* ........ 284
*Ҳар кас бо дӯстдоштааш якҷо ҳаст* ........ 286
*Ҳар шабро қадру ҳар касро Хизр дон!* ........ 287
*Ҳатто аз бӯяш ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) паноҳ бурд* ........ 288
*Ҳаҷми гуноҳ дар телевизион* ........ 289
*Ҳаҷҷи мӯри ланг* ........ 290
*Ҳикояи хоркаш ва мор* ........ 291
*Ҳилаи шайтон бар муқобили Ҷунайди Багдодӣ* ........ 293
*Ҳилакорӣ* ........ 294
*Ҳисобу китоби ресмон* ........ 296
*Ҳодисае дар Покистон: «Ҳаргиз аз дуо кардан (талаб аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) даст накашед!»* ........ 297
*Ҳукм бар шахс не, бар ҳақ аст* ........ 299
*Ҳукми гайбат* ........ 300
*Чаро ашки чашмашро тоза намекард?* ........ 301
*Чаро инсон аз дигар махлуқот бошараф аст?* ........ 302
*Чаро мардҳо бар ситами занҳо сабрро пеша мекунанд?* ........ 304
*Чаро пайгомбари сахӣ хӯрокашро надод?* ........ 306
*Чаро рибо ҳаром карда шуд?* ........ 307
*Чаҳор гурӯҳи дӯст* ........ 308
*Чаҳор неъмат дар ҳар як мусибат* ........ 309
*Чаҳор шарти тавба* ........ 310
*Чашмоне, ки гиря намекунад, дар он хайр нест* ........ 311
*Чӣ гуна аз гафлат бояд халос ёфт?* ........ 312
*Чӣ гуна Расулуллоҳ (с.а.с.)-ро дар хоб дид?* ........ 313
*Чӣ ҳоҷат ба ибодат?* ........ 314
*Чист неъмати бузург?* ........ 315

*Чор шамъ* ... 317
*Чуби охират дардноктар аст* ... 319
*Чунин амр гирифтем* ... 321
*Ҷавоб ба касе, ки дуо талаб кард* ... 322
*Ҷавоб бар айбдоркунӣ* ... 323
*Ҷавоб бар одами беадаб* ... 324
*Ҷавоби зани оқила бар ҳамсояи фитнагар* ... 325
*Ҷавоби Имоми Аъзам (р.а.)* ... 326
*Ҷавонон сухан намегӯянд?* ... 327
*Ҷазои марде, ки ба номуси зан даст зад* ... 328
*Ҷанги ҳезумкаш бо шайтон* ... 331
*Ҷаннат рафтан мехоҳам* ... 333
*Ҷаннати абадӣ чӣ гуна ба даст оварда мешавад?* ... 334
*Ҷоду* ... 335
*Ҷойи фаромӯшшуда* ... 336
*Ҷунайди Бағдодӣ ва дарвеш* ... 337
*Ҷунубӣ ду намуд аст* ... 339
*Шайтон кай ғолиб мебарояд?* ... 340
*Шайх ва хизматгор* ... 341
*Шапалак* ... 342
*Шарбати асал* ... 343
*Шарикии зан дар савоби мард* ... 344
*Шарти ғусл* ... 346
*Шарти омӯхтани илм* ... 347
*Шахсе, ки зулмаш кардааст, дуои авф намуд* ... 348
*Шахси талабкунанда нашавед* ... 349
*Шаҳри худро бо адолат иҳота кунед* ... 350
*Шаъну шараф чист?* ... 351
*Шубҳа* ... 352
*Шукр* ... 354
*Эҳтиёҷ дошта бошӣ, назди мо биё* ... 355
*Эҳтиром намехоҳам* ... 356
*Эҳтироми олимон ба якдигар* ... 357
*Эҳтироми устод!!!* ... 358
*Ягон амали хайр бе аҷр намемонад* ... 360
*86400 сония* ... 364



*Эй Худо, эй Қодири бечанду чун,*
*Воқифӣ бар ҳоли беруну дарун.*
*Ин қадар иршод бар мо додаӣ,*
*Ин қадар Ту айби мо пӯшидаӣ.*
*Қатраи илм аст андар ҷони ман,*
*Вораҳонаш аз ҳаво в-аз хоки тан...*
*Ин ҷаҳон кӯҳасту феъли мо – нидо,*
*Сӯи мо ояд нидоҳоро садо...*
*Ин ҷаҳон кӯҳасту гуфтугӯи ту,*
*Аз садо ҳам боз ояд сӯи ту.*
*Мавлоно*

Китобе, ки бо талошу заҳамоти Субҳон Қурбонов таҳия гардидааст, натиҷаи мутолиа ва тафаккуру бардоштҳои маърифатии ӯ маҳсуб мешавад, ки хонандаро низ аз лаззати суханони ҳикматноку гуҳарбори инсонҳои комил, аз қабили паёмбарони илоҳиву азизони Худо ва афроди донишманду ҳаким, бархӯрдор месозад. Ин китоб, дар воқеъ, давои дардҳои қалбиву ҷисмӣ (албатта, барои касоне, ки дар сиришташон тухми маърифату садоқат ва муҳаббат кошта шудааст) ва раҳнамое барои оқилону орифон ва ошиқони каломи ҷонбахш аст, ки василае баҳри ноил гаштан ба камолоти ахлоқист. Вижагии мавзӯъҳои дар китоб матраҳшуда аз он иборатаст, ки инсонро ба тадаббуру чора ҷустан дар ислоҳ ва тарбияи нафси аммора водор месозанд, нафсе, ки ба модарбут (ба қавли Мавлоно: Модари бутҳо бути нафси шумост, З-онки он бут мору ин бут аждаҳост) табдил гардида, имрӯз бани башарро мубталои хеш сохта, ӯро аз ин тариқ ба бадбахтиву фалокатҳои гӯшношунид дучор месозад.

Баҳри ноил гаштан ба камолоти маънавӣ ва ба роҳ мондани тарбияи инсон бар асоси чунин як китоби муфид амри муҳим ва зарурист. Вазифаи аз ҳама муҳимме, ки

ҷиҳати ислоҳи нафс дар назди инсони имрӯзу фардо меистад, ин, пеш аз ҳама, убур кардан аз хоҳишоти ботиниву нафсонии ӯст, ки ба сони бут сабаби ба вуҷуд омадани кибру ғурур ва хештанпарастиву худбузургбинӣ шудаанд. Маҳз ҳамин хасоили зишт омили худбегонагии инсон гардида, роҳи камолотро ба рӯяш масдуд месозанд ва маъмулан чунин ҳолатҳо яке аз омилҳои бозмондан аз рушду нумуи кишвару миллат хоҳад гашт.

Дар вазъи кунунӣ чунин ба назар мерасад, ки насли башар, ба хусус насли ҷавон, аз тарбияи маънавӣ фарсаххо дур ва маҳрум мешаванд. Барои бозгашт ба асолати хеш таҳия ва интишор додани ҳамин гуна мавод аз аҳамият холӣ нахоҳад буд

Аз муҳтавои китоб чунин бармеояд, ки муаллиф дар назди худ ҳадафи неке гузоштааст: он чи, ки аз мутолиаҳои пайваста васила ва мояи лаззати маънавиаш гаштааст, дигаронро низ бичашонад, яъне ҳамон фармудаи муъаллими башарият, ҳазрати Расул (с.а.в.)-ро амалӣ намудааст, ки:

***“Он чиз, ки ба худ намеписандӣ,***
***Бо кас муписанд, эй бародари ман*** *(мазмуни ҳадис)*

Китоб бар мабнои сарчашмаҳои зиёди адабию таърихӣ ва ирфонӣ сурат гирифта, муаллиф зимни баррасии маводи фаровон, дар ҳошияи фармудаҳои бузургон мулоҳизаву хулосаҳои хешро низ зикр кардааст.

***Саидолимов Комилҷон,***
*номзади илмҳои филологӣ*

## Навиштаҷоти ангуштарин

Ба ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) ангуштарине ҳадя намуданд. Расулуллоҳ (с.а.с.) ба ҳазрати Абӯбакр (р.а.) ангуштаринро дод ва гуфт:

«Ангуштаринро ба заргаре бидеҳ, то ин ки дар он навиштаҷоти «*ло илоҳа иллаллоҳ*» -ро сабт намояд».

Ҳазрати Абӯбакр (р.а.) ба назди заргар бирафт ва фармуд, ки ба ангуштарин навиштаҷоти «*Ло илоҳа иллаллоҳ Муҳаммадаррасулуллоҳ*» бинавис.

Ҳол он ки Расулуллоҳ (с.а.с.) чунин амр накарда буд. Ҳазрати Абӯбакр (р.а.) нахост, ки исми Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аз Муҳаммад (с.а.с.) ҷудо шавад. Ангуштарин омода шуд. Ҳазрати Абӯбакр (р.а.) ангуштаринро гирифту роҳ ба сӯи Расулуллоҳ (с.а.с.) ниҳод. Дар ин асно Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ҳазрати Ҷабраил (а.с.) амр намуд:

- Зуд бирас ва дар ангуштарин дар назди исми Ҳабибам (с.а.с.) номи Абӯбакр (р.а.)-ро навис, зеро ӯ нахост номи Ман (ҷ.ҷ.) аз номи Ҳабибам (с.а.с.) ҷудо бошад.

Ҳазрати Ҷабраил (а.с.) дарҳол ҳозир шуд ва номи Абӯбакрро сабт намуд. Ҳазрати Абӯбакр (р.а.) аз сабти номи худаш бехабар буд. Ангуштаринро ба Расулуллоҳ (с.а.с.) бидод. Дар аснои супурдани ангуштарин номи худро ҳам дид ва шарм кард.

Ҳазрати Ҷабраил (а.с.) омад ва ҳодисаро ба Расулуллоҳ (с.а.с.) нақл намуд ва гуфт:

- Ҳазрати Абӯбакр (р.а.) аз сабти номи худаш хабар надошт.

*** Дӯст бидор, то дӯстат доранд. Дӯст, дӯстест, ки дӯсти дӯстро дӯст дорад.

***ХУДОБАХШ***
***05.01.2014с.***

## Навиштаҷоти санги сари қабр

Ҳазрати Иброҳими Халилуллоҳ (а.с.) бар амри ваҳии Худованди Карим (ҷ.ҷ.) барои дидани аҷоибот ба кӯҳ мебарояд. Дар кӯҳ қабреро мебинад. Аз навиштаи санг бармеояд, ки соҳиби қабр Шаддод бинни Од мебошад. Дар болои қабр дар лавҳае чунин навишта шудааст:

- Ман, Шаддод писари Од ҳастам. Ҳазор сол умр дидам. Ҳазор артишро мағлуб кардам. Бо ҳазор духтар издивоҷ кардам. Соҳиби ҳазор фарзанд шудам. Бар қавми Ирам роҳбарӣ намудам. Вақти беморӣ тамоми табибонро болои сарам ҷамъ намудам, аммо аз марг раҳоӣ наёфтам. Аз ман ибрат гиред ва фирефтаи дунё нашавед. Роҳе ёбед, ки маргро бо роҳи осон пешвоз бигиред. Агар роҳи раҳоӣ аз марг мебуд, ман мегурехтам. Модоме, ки ман гурехта натавонистам, шумо ҳаргиз гурехта наметавонед, зеро аз ман зиёдтар соҳиби дунё нахоҳед шуд. Аз ман зиёдтар умр нахоҳед дид. Аз ман зиёдтар соҳиби молу мулк нахоҳед шуд. Инро хуб бидонед, ки дунё фиребдиҳанда аст ва шуморо нобуд кардан мегирад.

*** Шайх Аттор фармудааст:

***Умрро медон ғанимат ҳар нафас,***
***Чун равад, дигар наояд бозпас.***

Мо, худ қазоват кунем, ки чӣ сад ва чӣ ҳазор сол умр бубинем, оқибат марг аст. Дарозумрӣ фазилат нест, балки некумрӣ фазилат аст. Чунон зиндагие кунем, ки ҳам дунё ва қиёмати худро наҷот диҳем ва ҳам василаи наҷоти дигарон бишавем.

***ХУДОБАХШ***
***16.12.2012с.***

## Намози Имоми Аъзам

Имоми Аъзам 55 маротиба ҳаҷ кардааст. Дар вақти ҳаҷҷи охиронаш дар дохили Каъбаи Муаззама ду ракат намоз мехонад. Дар ракати аввал 300 саҳифа Қуръон мехонад. Дар ракати дуюм 300 саҳифаи дигар Қуръон мехонад. Намозашро адо мекунад ва дуо мекунад:

- Худоё! Маро бубахш, ки ба қадри (андозаи) лозима Туро ибодат намекунам.

*** Мо, ки худро дар мазҳаби Имоми Аъзам медонем, пас, бояд андеша кунем, ки дар ҳақиқат аз ӯ пайравӣ мекунем, ё не.

***ХУДОБАХШ***
***14.08.2011с.***

## Намудҳои ҳайкал

Ду шоҳи ҳамсоя доимо дар рӯзҳои иду хурсандӣ ба якдигар тухфаҳои аҷиб ва пур аз маънӣ мефиристоданд. Яке аз ин подшоҳҳо ҳайкалтароши машҳуреро даъват мекунаду амр мекунад. Ҳайкалтарош се ҳайкал месозад ва бо як вазну бо як намуд оянд, аммо фарқияте дар онҳо ҷо мекунад, ки ба ҷуз подшоҳ ва ҳайкалтарош касе намедонад. Ҳайкалҳоро дар рӯзи таваллуди подшоҳи ҳамсоя равон мекунад. Ҳамроҳи ҳайкалҳо мактубе ирсол мекунад, ки дар он чунин навишта шудааст; «Барои зодрӯзат се ҳайкал равон кардам, аммо ҳайкалҳо байни худ фарқиятҳо дорад. Баъди пайдо кардани фарқиятҳо бароям хабар бидеҳ».

Подшоҳ барои пайдо кардани фарқиятҳои ҳайкалҳо корро оғоз мекунад. Вазнро месанҷад. Ҳамаи ҳайкалҳо вазни яксон доранд. Сифати тиллоҳои истифодакардашуда як аст. Ҳамаи санъатшиносонро даъват кард, аммо натиҷа надод. Ҷавони доноеро зиндонӣ карда буд. Ӯро ҳам даъват карданд. Ҷавон пас аз чанд лаҳзаи назар, хост барояш ресмоне биёранд.

Ресмонро ба гӯши ҳайкали якум даровард, ресмон аз даҳон баромад.

Боз ресмонро ба гӯши ҳайкали дуюм даровард, он гоҳ ресмон аз гуши дигари ҳайкал баромад.

Боз ресмонро ба гӯши ҳайкали сеюм даровард, аммо ресмон аз ҳеҷ куҷои ҳайкал набаромад. Аммо роҳи кӯчаке ҳаст, ки то ба қалб мебарад.

Подшоҳ ба подшоҳи дигар чунин мактуби ҷавобӣ равон мекунад:

- Шахсеро, ки сухан аз гӯшаш медарояду аз даҳонаш мебарояд, мақбул нест;

- Шахсеро, ки сухан аз гӯшаш медарояду ба гӯши

дигараш мебарояд, он ҳам мақбул нест;

- Аммо касеро, ки сухан аз гӯшаш медарояду дар қалбаш маскан мегирад, он шахс қимат ва қадрдон аст.

Барои ҳадя миннатдорам.

***ХУДОБАХШ***
***23.05.2015с.***

## Намунаи ибрати сулҳ аз ҳазрати Умар (р.а.)

Ҳазрати Умар (р.а.) аз модарандараш Асмо бародаре дошт, ки исмаш Зайд буд. Ҳазрати Умар (р.а.) Зайдро хело дӯст медошт, зеро Зайд қабл аз Умар (р.а.) мусулмон шуда буд, қабл аз Умар (р.а.) ҳиҷрат карда буд ва дар тамоми набардҳои пайғамбар иштирок карда буд.

Дар ҷанги Бадр дарси фидокориеро бар мо омӯзонд. Қабл аз набард, барояш ҷавшане бидод, аммо қабул накард ва гуфт:

- Ман аз ту камсолтарам ва бояд ман аввал шаҳид бишавам. Ҷавшанро ту ба бар бикун. Ҷавшанро ба бар нокарда, вориди набард шуд. Ҳазрати Умар (р.а.) низ ҷавшанро ба бар накарда буд.

Зайд дар давраи ҳазрати Абӯбакр (р.а.) дар набард бар муқобили пайғомбари сохта Ямома ба орзӯи шаҳидӣ расид.

Ҳазрати Умар (р.а.) хабари марги бародараш Зайдро шунид ва чунин гуфт:

- Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) Зайдро раҳмат бикунад. Дар ду кори хайр аз ман пеш буд. Пеш аз ман Ислморо қабул намуд ва пеш аз ман ба мақоми шаҳидӣ расид.

Ҳазрати Умар (р.а.) рӯзе дар Мадина бо Мутаммим рӯ ба рӯ шуд. Мутаммим барои бародараш Молик шеър менавишту мехонд. Ҳазрати Умар (р.а.) гуфт:

- Агар ман ҳам ба мисли ту шеър гуфта метавонистам, дар ҳақи Зайд шеър мехондам ва каме ҳам бошад, худро таскин медодам.

Мутаммим гуфт:

- Ё Умар (р.а.), агар бародари ман чун бародари ту Зайд дар қатори мусулмонон мебуд ва бар муқобили

мушрикон ҷанг мекард, ман барояш шеър намегуфтам, балки аз хурсандӣ марсия мехондам. Афсӯс, ки бародари ман дар қаттори мушрикон бар муқобили мусулмонон ҷанг карду маргро чашид.

Ҳазрати Умар (р.а.) аз таҳлилҳои шунида ба дард омаду гуфт:

- Эй Мутаммим! То имрӯз касе ба мисли ин сухан маро тасаллое накард. Бо ин ёдрасӣ ғами Зайдро бароям кам намудӣ.

Баъди чанд муддате ҳазрати Умар (р.а.) ба ҳайси халифа интихоб мегардад. Дар вақти сулҳ дар Мадина вақти назорати бозор бо марде вомехӯрад, ки Зайдро шаҳид карда буд. Ба ӯ суол медиҳад:

- Дар ҷанги Ямома Зайдро ту куштӣ?

Қотили Зайд ҳайрон мемонад ва чунин ҷавоб медиҳад:

- Эй Умар! Дар аввал ту маро гӯш бикун ва баъд он чӣ, ки мехоҳӣ, амал бикун. Эътимоди ман дар адолати ту бутун аст. Дар он ҷанг ман аз қатори мушрикон меҷангидам, Зайд бошад, бо имон шарафёб буд ва аз қатори муъминон ҷанг мекард. Агар дар он вақт Зайд маро мекушт, пас аз имон маҳрум мемондам. Аз рафтани ман ба ҷаҳаннам, Зайд чӣ бурд мекард? Хоҳиш мекунам, фикр бикунед. Ба тақдири Аллоҳ (ҷ.ҷ.) бингар, ки бо дасти Зайд маро ба ҷаҳаннам равон накард. Маро зинда нигоҳ дошту бо Ислом мушарраф бигардонд. Бо дасти ман ба Зайд мақоми волотарин, шаҳидиро насиб гардонид. Ту дар ин ду тақдири Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.), бар кадомаш ҳиси ғам мебинӣ? Магар дар марги Зайд ва бенасиб мондани ман аз имон, ва ё расидан ба мартабаи шаҳидии Зайд аз дасти ман? Дар натиҷаи кадоме аз ин тақдир, ғам маскан

дорад?

Яке аз васфҳои ҳазрати Умар (р.а.) «Ваққоф» буд, яъне вақти дидани ҳақиқат истиқоматро нигоҳ медошт. Пас аз ин сухани шунида, ваққофии худро боз нишон дод. Ҳазрати Умар (р.а.) гуфт:

- Ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) шукр мекунам, ки ба бародарам мартабаи шаҳидӣ тақдир кард ва қотилашро, ки дар муқобили муъминон буд, бо имон насиб гардонид ва бо мо бародари динияш хонд.

Баъди ин мусулмонҳо бо қотили Зайд дасти ба даст сайр мекарданд, ки ин нишонаи хотимашавии ҷанг ва оғози сулҳ буд. Паёми гузаштаро фаромӯш кардан ва дар оянда дар чодари сулҳ зиндагӣ кардан буд. Набудани даъвои хун ба хунро феълан нишон дод.

*** Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба мо ҳам сифати ваққофиро насиб гардонад. Ҳисси бахилӣ, душманӣ ва ҳасадро бар бародарони мусулмони худ аз мо дур бигардонад. Дар ҳаққи устодон ва бародароне, ки дар нишон додани роҳи дуруст ҳиммат кардаанд, дуои хайр намоем. Алалхусус ба устодоне, ки алифборо бар мо омӯзонданд, зеро сарчашмаи хониш ва фаҳмиш аз онҳо оғоз ёфтааст. Албатта, мақоми волидайн куллан дигар аст.

***ХУДОБАХШ***
***27.01.2013с.***

## Нархи матоъ

Юнус бинни Убайд дукони матоъфурӯшӣ дошт ва писари бародараш ба фурӯши матоъ машғул буд. Матоъҳоро ба қимати 200 ва 400 дирҳам мефурӯхт. Рӯзе дар кӯча шахсеро мебинад, ки аз матоъҳои ӯ дар даст дорад. Қимати матоъро пурсид. Мард:

- 400 дирҳам.

Юнус бинни Убайд:

- Охир қимати ин матоъ 200 дирҳам аст. Рафта, маблағи зиёдатиятонро гиред.

Мард:

- Ин матоъ дар ҷойи мо панҷсад дирҳам аст, фиреб нахӯрдаам.

бинни Убайд мардро маҷбур кард, то ки рафта, дусад дирҳамашро гирад. Мард ҳам рафта, маблағашро гирифт.

Юнус бинни Убайд ба писари бародараш гуфт:

- Чаро матоъро қимат фурӯхтӣ?

Писар:

- Валлоҳ, ки бо розигии худаш гирифт.

Юнус бинни Убайд:

- Ӯ розӣ шуда бошад ҳам, ту розӣ намешудӣ.

*** Дар тиҷорат баракат аст (маънои ҳадис), агар дар тиҷорат фиребу найранг ҷо нагирад. Ҳаракат кунед, ки кори тиҷоратӣ ба фоидаи мардум ҳам бошад. Мардум ҳам дуои хайр кунад, ки тоҷири боинсоф насибамон гардидааст.

Тоҷир аз чаҳор ҳарфи арабӣ иборат аст. **Т (те)**. **А (алиф)**. **Ҷ (ҷим)**. **Р (ро)**. Яъне:

**Т** - тақво; бо таҳорат ва дар намозу зикр бошад.

**А** - амонат; амонатро бидонад, хиёнат накунад.

**Ҷ** - ҷасорат; ба деҳаҳои дурдаст низ моли худро ба эҳтиёҷманд пешниҳод намояд.

**Р**- раҳмат; бар фақирон раҳм кунаду арзон диҳаду ва дар ҷойи лозимӣ садақа бикунад.

***ХУДОБАХШ***
***11.03.2012с.***

## Насиҳати бамаврид

Бузургворе ҳамроҳи шогирдонаш аз назди қабре мегузаштанд. Устод аз талабаҳояш пурсид:

- Агар ин фарди дар қабрбуда ба дунё дубора ояд, чӣ кор мекунад?

Шогирдон ба ҳар навъ ҷавоб доданд:

- Доимо намоз мехонд.

- Доимо рӯза мегирифт.

- Доимо амали хайр мекард.

Ҳамаи шогирдон амалҳои хайр зикр намуданд. Устод гуфт:

- Ба дунё омадани фарди дар қабрбуда дар гумон аст, аммо рафтани шумо ба он ҷо дақиқ аст. Шумо ҳам мисли ӯ маргро мечашед. Пас, чаро ин амалҳои зикркардаатонро татбиқ наменамоед. Интизори чӣ мебошед? Фурсате, ки ӯ аз даст додааст, шумо ғамнимат бидонед. Амалҳои хайрро ба фардо магузоред.

*** Мо ҳам чун шогирдони устод, амалҳои хайрро набояд ба фардо гузорем. Кор ва илми дунё зиёд аст, аммо умр кӯтоҳ аст. Пас бояд корҳоеро анҷом диҳем ва илмҳоеро аз худ бикунем, ки бештар ба манфиати хеш ва мардум бошад. Ба эҳтиёҷоти худ ва мардум нигариста, қадам бояд гузорем, то ҳама хайр зиндагӣ намоянд.

***ХУДОБАХШ***
***14.10.2012с.***

## Насиҳати ҳазрати Алӣ (р.а.) ба фарзандаш

Ҳазрати Алӣ (р.а.) аз тарафи хоине захмин шуда буд. Фарзандаш ҳазрати Ҳасан (р.а.) бо чашми гирён назди падараш даромад.

Ҳазрати Алӣ (р.а.) гуфт:

- Барои чӣ гиря мекунӣ, фарзандам?

Писар гуфт:

- Чи хел гиря накунам падар. Шумо дар дами марг ҳастед!

Ҳазрати Алӣ (р.а.) гуфт:

Тавсияҳои маро амалӣ бигардон, ки бароят безарар аст.

Гуфтаҳоямро аз худ кун, фарзандам!

1. Беҳтарин доройӣ, доройии ақл аст !

2. Аз ҳама фақиртарин ҳолати инсон бошад, ахмақ будан аст!

3. Танҳоии бадтарин, худпарастист !

4. Шарафи бузургтарин, ахлоқи ҳамида аст !

5. Бо инсони аҳмақ дӯстӣ макун ! Дар вақти эҳтиёҷ ба ҷойи кӯмак кардан, зарараш мерасад.

6. Бо инсони дурӯғгӯй дӯстӣ макун! Ӯ ба ту дуриро наздик ва наздикро дур нишон медиҳад.

7. Бо хасис дӯстӣ макун ! Вақте, ки ту ба ӯ эҳтиёҷ дорӣ, худро дур мегирад.

8. Бо фосиқ ва тарсу дӯстӣ макун ! Туро бар ивази ночизе мефурӯшад.

***ХУДОБАХШ***
***06.01.2013с.***

**Насронӣ ва зиреҳи ҳазрати Алӣ (р.а.)**

Дар вақти хилофатии ҳазрати Алӣ (р.а.) дар Куфа зиреҳаш гум мешавад. Баъди чанде зиреҳашро дар дасти як насронӣ мебинад. Ҳазрати Алӣ (р.а.) ба қозӣ шикоят мекунад:

- Ин зиреҳ моли ман аст. Ман инро на фурӯхтаму на ҳадя кардам. Дар дасти ин кас ёфтам.

Қозӣ:

- Халифа даъвояшро гуфт, ту чи мегӯӣ?

Насронӣ:

- Ин моли ман аст ва гуфтаҳои Алӣ (р.а.) асос надорад.

Қозӣ ба ҳазрати Алӣ (р.а.) гуфт:

- Ту даъво мекунӣ ва ин кас инкор мекунад. Барои ҳамин, ба мо шоҳид лозим аст. Шоҳид дорӣ?

Ҳазрати Алӣ (р.а.) табассум карда, мегӯяд:

- Қозӣ рост мегӯяд. Шоҳид лозим аст, аммо ман шоҳид надорам.

Қозӣ такя ба бешоҳидӣ карда, ҳақро ба ҷониби насронӣ қарор медиҳад.

Насронӣ худ медонад, ки зиреҳ моли кист. Пас аз якчанд қадам, виҷдонаш бедор шуду ақиб баргашт ва гуфт:

- Чунин рафтор аз кайфияти инсон не, балки аз ҳукумати пайғомбарона вобаста аст. Зиреҳ моли Алӣ (р.а.) аст.

Баъди чанде насронӣ, мусулмон шуд.

*** Шоҳ ё коргари оддӣ, доро ва ё фақир, касе аз рӯзи маҳшар гурехта наметавонад. Ин аст, назари мусулмон ва намехоҳад, ки назди Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) шармсор бошад ва барои ҳамин, одилона роҳбарӣ мекунанд ва барои дигарон

намуна мегарданд. Амали боихлос сабаби дар роҳи дуруст қадам мондани дигарон мегардад. Ту худ хабаре надорӣ, аммо дигаронро ислоҳ мекунӣ ва инро танҳо рӯзи қиёмат шоҳид мегардӣ. Хуш ба ҳоли он нафароне, ки бо ихлос амал мекунанд. Беҳтарин болишт, виҷдон аст. Оё мо соҳиби болишти беҳтарин ҳастем ё не?

***ХУДОБАХШ***
***12.02.2012.с.***

## Нафақаамро худам таъмин мекунам

Имом Авзоӣ рӯзе Иброҳими Адҳамро мебинад, ки болои китфаш ҳезум гузошта, рафта истодааст. Имом Авзоӣ ба Иброҳими Адҳам мегӯяд:

- Эй Иброҳим! Ин чӣ кор аст? Дӯстҳоятон эҳтиёҷҳои шуморо рафъ мекунанд. Чаро худро ба ин кор машғул менамоӣ?

Иброҳими Адҳам ҷавоб медиҳад:

- Эй Абӯамр! Ин хел магӯ. Ман шунидаам, ки «Ҳар касе, ки барои ризқи ҳалол ба душвориҳо сабр мекунад, ҷаннат барояш воҷиб мегардад». Кӯшиш мекунам, ки нафақаи худро, худам таъмин намоям.

*** Ин аст фаҳмиш ва дарки «Меҳнат ибодат аст (маънои ҳадис)». Моро мебояд, ки кӯшиш ба он кунем, ки нафақаи худро бо меҳнати худ ба даст орем, на ин ки интизори кӯмаки дигаре шавем. Дар сурати нарасидани қувват ва ё имкон, он вақт ба дигаре метавон, муроҷиат кард. Бешубҳа, бояд таваккал ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) кард, зеро Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) нахоҳад, ҳатто барги дарахт бо хости худаш аз дарахт намеафтад.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Нафсаш ӯро кушт

Ду ҷавон барои чиндани хурмо мераванд. Яке аз онҳо ба навдаи баландтарини дарахт мебарояд. Дигаре мегӯяд:

- Марав, ки навда мешиканад.

Баъди лаҳзае мард аз дарахт меафтаду мемирад. Мардум ҷамъ мешаванд ва мепурсанд:

- Инро кӣ кушт?

Рафиқаш гуфт:

- Инро касе накушт. Ӯро нафсаш кушт.

*** Қаноат, ки набошад, ҳеҷ неъмате инсонро ором намегузорад. Тамаъҳои бемаънӣ инсонро ба сӯи чоҳ мебарад. Ҳасад низ аз ин иқдом бетараф намемонад. Ҳасад хурдан ба дигарон низ сабаби бадбахтии инсон мегардад.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Нафсро чӣ гуна қонеъ сохт?

Иброҳим Таймӣ нақл мекунад:

- Чунин хаёл кардам, ки дар дар ҷаннат қарор дорам. Аз меваҳои тоза ва зебо хӯрда истодаам, аз обҳои босафо ва ширин нӯшида истодаам ва дар наздам ҳуриҳо нишастаанд.

Баъдтар, худамро дар ҷаҳаннам фикр кардам. Аз дарахти зақум (заҳрдор) хӯрда истодаам, хуну зардоб нӯшида истодаам ва бо занҷир баста шудааму азият мекашам.

Баъд аз худам пурсидам:

- Кадомашро мехоҳӣ?

Нафсам бетараддуд чунин ҷавоб дод:

- Хез акнун ва амали солеҳ намо.

*** Ҳар яки мо вобаста аз хоҳишамон амал бояд бикунем. Ҷаннат хоҳем, пас, ибодат ва амали солеҳро барзиёд бикунем.

***ХУДОБАХШ***
***02.06.2013с.***

## Наҷот аз ҷаҳаннам (2)

Толибилме назди устодаш Фахрул Форисӣ меояду мепурсад:

- Устодам! Ман аз як чиз бисёр метарсам.

Устод:

- Ба хайр бодо. Аз чӣ метарсӣ?

Шогирд:

- Оё аз ҷаҳаннам наҷот меёфта бошам? Инро фикр мекунаму бисёр метарсам.

Устод:

- Иншоаллоҳ, наҷот меёбӣ.

Шогирд:

- Иншоаллоҳ, аммо чӣ гуна?

Устод:

- Умедамон ҳамон аст, ки бузургонамон моро соҳибӣ мекунанд ва иншоаллоҳ, шафоатамон мекунанду наҷот меёбем.

Шогирд:

- Агар соҳибӣ накунанд, чӣ?

Устод:

- Хавотир мабош, агар мо онҳоро соҳибӣ кунему гӯш кунем, онҳо моро соҳибӣ мекунанд.

Шогирд:

- Нафаҳмидам, чӣ гуна гӯш кунему соҳибӣ кунем?

-Устод:

- Агар мо суханҳо ва насиҳатҳои бузургонамонро гӯш кардаву амал кунем, ҳамчунон аст, ки онҳоро соҳибӣ кардаем ва баъд онҳо моро низ соҳибӣ хоҳанд кард.

*** Насиҳатро ҳам ба ақлат қабул бикун ва ҳам ба қалбат, зеро баъзан ақлро гӯш намекунем, аммо қалбро доимо гӯш мекунем. Аз насиҳати банда савоб мегиред, агар амал кунед, вагарна аз амали банда шумо савоб намегиред.

***ХУДОБАХШ***
***08.01.2012с.***

## Наҷот аз ҷаҳаннам

Ҷавоне мепурсад:

- Устод! Барои наҷот ёфтан аз дунё ва охират чи бояд кард?

Устод:

- Бо наҷотёфтаҳо бош.

Ҷавон:

- Наҷотёфтаҳо киҳоянд?

Устод:

- Бандаҳои дустдоштаи Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.). Олимони аҳли суннат ва авлиёҳо.

Ҷавон:

- Агар онҳо набошанд?

Устод:

- Агар набошанд, китобҳои эшон ҳастанд. Китобҳои онҳоро хондан, бо онҳо будан аст.

*** Гар бихоҳӣ, бо Худо сӯҳбат кунӣ, Қуръон бихон.

Китобҳои бузургонамон аз қабили Бухорӣ, Тирмизӣ, Абӯҳанифа ва дигар бузургоне, ки тафсирҳои Қуръонро бо азобу машаққат навиштаанд, Саъдию Ҳофизу Мавлонову Бедил ва дигар шоиронамонро низ, ки ояҳои Қуръон ва ҳадисҳои Расулуллоҳ (с.а.с.)-ро бо назму ҳикоя бахри боз ҳам сидқан дарку ҳазм кардан омода кардаанд, бояд ҳамарӯза хонд.

Бо дуо ва умеди насли заррин,

***ХУДОБАХШ***
***15.01.2012с.***

## Неруи зеҳнӣ

Падар писару духтарашро барои тамошо ба кӯҳ мебарад. Вақти баргашт писар шикоят мекунад, ки хаста шудааст ва мехоҳад падар ӯро бардорад. Падар аз дарахт навдае мегирад ва ба писар медиҳаду мегӯяд:

- Ин аспаки ту аст, савор шав ва бидав.

Писар навдаро миёни пойҳои худ монда, бо табъи болида ва неруи тоза бошитоб медавад.

Падар бо табассум ба духтараш мегӯяд:

- Ҳар вақте ки худро хаста ҳис кардӣ, сурудеро, ривоятеро ва ё шеъреро ба худ чун аспе бидон, онро вирди забон биёру қуввате бигир ва роҳатро идома бидеҳ.

*** Баъзан коре нокарда, худро хаста ҳис мекунем. Албатта, инро хастагии зеҳнӣ меноманд. Барои неру бахшидан ба хастагии зеҳнӣ, амали маънавӣ аз қабили ояте хондан, зикри Худо кардан ва ё қиссае аз паёмбарон ва бузургонро ба ёд овардан, ба чунин хастагӣ чун ҳамеша, неруи тозае ба зеҳн ато мекунад.

***ХУДОБАХШ***
***01.12.2012с.***

## Нигоҳ ба сӯи адолат

Халифаи Уммавиҳо Умар бинни Абдулазиз (р.а.) дар масъалаи ҳаққи банда ва адолат бисёр нозукона рафтор мекард. Дар шабонгоҳ ду намуд чароғ истифода мекард. Якеро барои навишт ва масъалаҳои халқ истифода мекард ва вақте, ки машғули кори шахсӣ мешуд, он гоҳ чароғи шахсиро истифода мекард.

Яке аз наздиконаш ба Умар бинни Абдулазиз (р.а.) себ равон кард. Умар бинни Абдулазиз (р.а.) себро бӯй кашиду дубора ба соҳибаш равон кард. Ба масъуле, ки себро мебурд, гуфт:

- Ба ӯ бигӯ, ки себ маконашро ёфт.

Масъул гуфт:

- Эй Роҳбари муъминон! Расулулллоҳ (с.а.с) ҳадяро қабул мекард. Ин себро аз наздикони ту равон кардааст.

Халифа Умар бинни Абдулазиз ҷавоб дод:

- Бале, аммо он чӣ ба Расулуллоҳ (с.а.с.) медоданд, ҳадя буд. Он чӣ, ки ба мо ҳадя медиҳанд, ришва ҳисоб меёбад.

*** Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар сураи «Наҳл» ояти 90 фармудааст:

اِنَّ اللّٰهَ يَاْمُرُ بِالْعَدْلِ وَالْاِحْسَانِ وَاِيتَاۤئِ ذِى الْقُرْبٰى وَيَنْهٰى عَنِ الْفَحْشَاۤءِ وَالْمُنْكَرِ وَالْبَغْىِ يَعِظُكُمْ لَعَلَّكُمْ تَذَكَّرُونَ

- Аллоҳ ба адолат ва эҳсон амр мекунад.

Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) фармудааст:

- Адолати якрӯзаи ҳоким, сардор ва идоракунанда беҳтар аз ибодати он шахсест, ки 60 соли умрашро бардавом бо ибодат мегузаронад (маънои ҳадис, Байҳақӣ).

Ҳазрати Умар (р.а.) фармудааст:

- Адолат зебост, дар роҳбарон зеботар аст.

Худ мебинем, ки аксари вақт туҳфа ба мансабдорон ва дороён аст. Ин маънои онро дорад, ки тӯҳфа не, ришва ҳаст. Модоме, ки ҳадя додан мехоҳанд, пас, ба бечорагону дармондагон бояд дод.

***ХУДОБАХШ***
***16.02.2013с.***

## Нигоҳе, ки бар дигарон мекунем

Домоду арӯс наҳорӣ мекарданд. Дар ин ҳангом, ҳамсоя либосҳои шӯстаашро овезон мекард. Арӯс ба домод гуфт:

- Бубин, либосҳоро тоза нашустааст, ё шуста наметавонад ва ё собуни хубро намедонад.

Домод ҳеҷ сухане намегӯяду наҳорияшро давом медиҳад. Ҳар субҳе, ки ҳамсоя либос овезон мекунад, арӯс такрор ба такрор ҷумлаи яксонро мегӯяд. «Бубин, либосҳоро тоза нашустааст, ё шуста наметавонад ва ё собуни хубро намедонад».

Рӯзе арӯс мебинад, ки ҳамсоя либосҳои хело тозаро овезон дорад ва ҳайрон мемонаду мегӯяд:

- Бубин, дар охир либосшӯиро омӯхт. Ҳайронам, либосшӯиро барояш, кӣ дарс дода бошад.

Домод мегӯяд:

- Ман ин саҳар барвақттар хестаму тирезаамонро тоза кардам.

*** Барои дидани дигарон, тозагии тиреза муҳим аст. Манзур аз тиреза, чашм ҳам ҳаст, қалб ҳам. Пеш аз касеро тавсиф намудан, зеҳни худро мавриди санҷиш қарор диҳем, ки тавсифро холисона мекунем ё ин ки муғризона. Худоё! Чашму қалби моро тоза нигоҳ бидор.

***ХУДОБАХШ***
***26.01.2013с.***

## Нозӯкона баратараф намудани хато

Муҳаммад бинни Мансур нақл мекунад:

- Дар маҷлиси Имом Бухорӣ нишаста будем. Шахсе ифлосиеро, ки дар ришаш часпида буд, гирифта ба замин партофт. Имом Бухорӣ ифлосиро дид ва фурсати муносибе дарёфту онро аз замин гирифту ба ҷайбаш ниҳод. Дидам, ки баъд аз маҷлис ахлотро ба партов андохт.

*** Муъминро шарманда кардан, берун аз ахлоқи ҳамида аст. Ҳаддалимкон хатои муъминро дар танҳоӣ ва бо шеваи мулоим фаҳмондан афзал аст. Сарзаниш дар назди мардум боиси ранҷонидан мегардад ва албатта, ки аксуламали манфӣ мегирад.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Нури Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.)

Рӯзе дар моҳи муборaки Рамазон Боязиди Бастомӣ дар саҳро бо шогирдонаш суҳбат мекард. Пас аз суҳбат лаҳзае барои истироҳат ҷудо карданд. Интизори ифтор шуданд, зеро вақт кам монда буд. Дар ин лаҳза шайтон дар осмон нуре нишон дод. Дар ҳаво дар як қаср бо нур намоён шуд ва гуфт:

- Эй бандаҳои ман! Ман аз шумо розӣ шудам. Рӯзаҳоятонро бихӯред.

Дар ин лаҳза Боязиди Бастомӣ гуфт:

- Ҳаргиз махӯред. Ӯ шайтон аст.

Шайтон ғайб зад ва шогирдон пурсиданд:

- Устод! Шумо шайтон буданашро аз куҷо фаҳмидед?

Боязиди Бастомӣ:

- Шайтон буданашро фаҳмидем, зеро макон нишон дода шуд. Боз садо аз як ҷониб омад. Садои Ҳақ (ҷ.ҷ.) аз шаш ҷониб меояд. Ҳақ (ҷ.ҷ.) макони садоро нишон намедиҳад. Ҳам макони садо ва ҳам худаш намоён шуд.

*** Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ҳама гуна нурро соҳиб аст. Нури сафед, сиёҳ, кабуд ва сурх ҳам. Ба рангҳои сурхмонанд ва зард фирефта машавед, зеро эҳтимол аст, ки шайтон бошад. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба шайтон имкон додааст, ки худро чун нур нишон бидиҳад.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар сурат «Нур», ояти 35 фармудааст:

اللهُ نُورُ السَّمٰوَاتِ وَالْاَرْضِ مَثَلُ نُورِهٖ كَمِشْكٰوةٍ فِيهَا
مِصْبَاحٌ اَلْمِصْبَاحُ فِى زُجَاجَةٍ اَلزُّجَاجَةُ كَاَنَّهَا كَوْكَبٌ دُرِّىٌّ
يُوقَدُ مِنْ شَجَرَةٍ مُبَارَكَةٍ زَيْتُونَةٍ لَا شَرْقِيَّةٍ وَلَا غَرْبِيَّةٍ يَكَادُ
زَيْتُهَا يُضِىءُ وَلَوْ لَمْ تَمْسَسْهُ نَارٌ نُورٌ عَلٰى نُورٍ يَهْدِى اللهُ
لِنُورِهٖ مَنْ يَشَاءُ وَيَضْرِبُ اللهُ الْاَمْثَالَ لِلنَّاسِ وَاللهُ بِكُلِّ شَىْءٍ
عَلِيمٌ

- Аллоҳ (ҷ.ҷ.) нури осмонҳову замин аст. Мисоли нури Ӯ (ҷ.ҷ.) чун чароғдонест, ки дар он чароғе бошад, он чароғ даруни шишае ва он шиша чун ситорае дурахшанда. Аз равғани дарахти пурбаракати зайтун, ки на шарқӣ асту на ғарбӣ афрӯхта бошад. Равғанаш равшанӣ бахшад, ҳарчанд оташ ба он нарасида бошад. Нур бар болои нур. Аллоҳ ҳар касро, ки бихоҳад ба он нур менамояд ва барои мардум мисолҳо меоварад. Зеро ба ҳар чизе огоҳ аст!

Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) фармудааст:

- Муъмин бо нури Аллоҳ (ҷ.ҷ.) назар мекунад.

***ХУДОБАХШ***
***03.02.2013с.***

## Об ва гул

Рӯзе аз рӯзҳо Гул бо Об вомехӯранд ва дӯстӣ барпо мекунанд. Аввал танҳо ошноӣ карданд, зеро якдигарро пурра намедонистанд. Ошноӣ ба дараҷае ҷиддитар гардид, ки пас аз гузашти ҳафтае Гул ёди Об мекунад. Ин чунин маъно дорад, ки Гул ошиқи Об шудааст.

Гуле, ки бори аввал ошиқ шудааст, аз шодии зиёд ба гирду атрофаш бӯи тоза ва хуш паҳн мекунад. Рӯзе ба Об нигариста мегӯяд:

Туро дӯст доштам ва ба ту ошиқ шудам, аз ин рӯ, ман тағйир ёфтам ва ба атроф бӯи зебоямро пахш мекунам.

Ҳиси ошиқӣ дар дили Гул аланга заданро дучанд мекард. Гул доимо ба Об нисбати дӯстдорияш ҳарф мезад ва ҳатто доимо бо овози маҳин ва пур аз умедҳо ба Об мегӯяд, ки «туро дӯст медорам».

Об дӯстдории самимӣ нишон намедод. Гул дарки он мекунад, ки Об ӯро на он қадар дӯст медорад ва ин ба Гул ғаму дард овард. Гул доимо ба худ суол мекунад, ки чаро Об маро кам дӯст медорад, магар лоиқаш нестам.

Рӯзе Гул ба Об мегӯяд, ки намедонӣ магар, туро бениҳоят дӯст медорам. Об бошад, танҳо ва танҳо мегӯяд, ки «ман ҳам». Ин сухан Гулро шод намекард, аммо Гул доимо ва аз таҳти дил ба Об мегуфт, ки «ман туро дӯст медорам». Гул аз бӯйфишонӣ мемонад. Хазон шудан мегирад.

Яке аз рӯзҳо Гул тамоми ҳастияшро ҷамъ намуда, бо як умеди тоза назди Об омада бо чашмони пур аз ашк ва бо дили пур аз муҳаббат мегӯяд, «Ман туро ҳоло ҳам дӯст медорам ва дӯст хоҳам дошт». Об бошад, ба як муомилаи хунукназарӣ ба Гул мегӯяд, «Ман ҳам дӯстат медорам ва бояд, ки сад маротиб гӯям?».

Гул ба хонаи танҳобудаи худаш меояд ва ба болинаш меафтад. Бемор мешавад.

Хазон.

Баъди чанд руз Об ба зиёрати Гул меояд, то кӯмакаш кунад. Маълум буд, ки Гул мемирад. Об болои сари Гул навбатдорӣ мекард. Гул бо азоб сарашро аз болишт бардошта, ба Об мегӯяд, ки «Ман туро бениҳоят дӯст медорам ва касе туро ба мисли ман дӯст нахоҳад дошт.»

Табибе даъват мекунад. Табиб меояду ташхис мекунад ва мегӯяд:

«Мутаассифона, аз дастам чизе намеояд. Бемор мемирад. Илоҷе дар дастам надорам».

Об ҳайрон мешавад, ки ин чи беморист, ки Гулро ба марг мерасонад. Об аз табиб сабаби марги Гулро пурсон мешавад. Табиб мегӯяд, ки Гул ҳеҷ дарде надорад. Ба Гул эътиборе надодаӣ, танҳо бе об мондааст ва сабаби маргаш ҳамин ҳасту халос.

Баъди сухани табиб, Об мефаҳмад, ки танҳо сухани «Дӯстат медорам» кифоягӣ намекардааст, аммо ҳайҳот, ки дер шудааст.

*** Шумо низ дер намонед!

Танҳо бо сухан не, ҳаракат кунед, ки дӯстдориатонро исбот кунед ва чизеро барояшон дареғ мадоред. Ҳоло ҳам вақт доред, дидорбиниро ғанимат шумуред, то гулатон ба мисли Гул хазон нашавад.

***ХУДОБАХШ***
***14.06.2015с.***

**Одами боақл ғайбат намекунад**

Абдуллоҳ бинни Муборак ба Суфёни Саврӣ дар бораи Имоми Аъзам суҳбат мекард:

- Ё Абӯабдуллоҳ! Абӯҳанифа касест, ки аз ғайбат хело дур аст. Боре ҳам надидам, ки душманашро ғайбат карда бошад.

Суфёни Саврӣ чунин гуфт:

- Имоми Аъзам чунон боақл аст, ки намегузорад, ки савоби кори хайри кардаашро бо ғайбат кардан нест бикунад.

*** Сухани носазое дар бораи шахси ҳозирнабуда бигӯем ва агар ҳамон сухан дар рӯяш гуфта шаваду нороҳат гардад, пас ӯро ғайбат кардаем. Ибни Ширин фармудааст, ки;

Сухани «Фалон шахс аз фалон шахси дигар некӯтар аст» гуфтан ҳам ғайбат аст, зеро агар шахси дуюм ин суханро шунавад, ғамгин мегардад. Ғайбат сухане дар ғайби инсон гуфтан аст, ки инсони дар ғайб буда, аз шунидани он ғамгин мегардад.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

## Одамон ба ҳузури Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) чӣ гуна мебароянд?

Халифа Сулаймон бинни Абдулмалик ба Абӯҳозим суол кард:?

- Фардо ба ҳузури Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) чӣ гуна мебароем?

Абӯҳозим ҷавоб дод:

- Ашхосе, ки соҳиби амали хайр ҳастанд, ба мисли касе аз шумо, ки аз сафар ба хона бармегардад ва барои расидан ба ҳамсар ва фарзандон хушҳолӣ мекунад, ба ҳузури Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ҳамин зайл мебарояд.

Шахсе, ки соҳиби амали бад ҳаст, ба мисли ғуломе, ки аз хоҷааш фирор кардааст ва мисле, ки хоҷааш аз пешаш мебарояд, бо тарс ба ҳузури Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мебарояд.

*** Ин аст, ки моро ҳама вақт мебояд то омодагии онро дошта бошем, ки ба ҳузури Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мебароем. Ҳазрати Умар (р.а.) фармудааст:

Агар Аллоҳ Таъолоро (ҷ.ҷ.) дар қалбат дар аввал ҷо накунӣ, пас ҳам Аллоҳ Таъолоро аз даст медиҳӣ ва ҳам шахсеро, ки дар аввал гузошта будӣ.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

## Одоби дастархон

Абдурраҳмони Ҷомӣ ба зиёфате даъват мешавад. Вақте ки бо мардум дар дастархон мешинад, ҷавоне худро олим нишон додан мехоҳад ва ба хизматгори маърака чунин садо мекунад:

- Дар дастархон намак нест, намак биёред, то ин ки бо намак ба хӯрдан шурӯъ кунем.

Абдурраҳмони Ҷомӣ аз тарзи гуфтори ҷавон каме нороҳат шуду бо табассум ба ҷавон гуфт:

- Дар таркиби нон намак аст, бо он шурӯъ кунед.

Хӯрданро оғоз карданд. Ҷавон ба нишастагон аҳмият медод ва шахсеро дид, ки бо як даст нон мешиканад. Ҷавон гуфт:

- Нонро бо як даст шикастан макрӯҳ ҳаст.

Абдурраҳмони Ҷомӣ бошад, чунин фармуд:

- Дар дастархон ба даст ва даҳони дигарон назар кардан, макруҳи бузургтар аст.

Ҷавон ҳоло ҳам дарс нагирифта, хост боз худашро маълум созад. Ба нишастагон гуфт:

- Чаро сукут мекунед, дар вақти хӯрок хӯрдан сухан кардан суннат аст.

Абдурраҳмони Ҷомӣ бошад, чунин фармуд:

- Бисёр сухангӯӣ кардан (беҳуда сухан кардан) ҳам макрӯҳ ҳаст (Софӣ Алӣ ибни Ҳусейн, Рашоҳати Айнулҳаят).

*** Гурусна фикр мекунад, ки дар дунё нон нест, аммо сер фикр мекунад, ки ҳама сер аст. Чунин эҳсос вақте сар мезанад, ки инсон дунболи рафъи шубҳаҳояш мегардад. Кӯшиш ба харҷ медиҳад. Мехонаду амал мекунад ва тафаккур мекунаду тавсия медиҳад.

Ҳазрати Алӣ фармудааст:

Илмро аз худ кунед, то ин ки шуморо чун олим бишиносанд ва бо илматон амал кунед, то ин ки чун аҳли илм бишавед.

Пас, маълум мешавад, ки то бо илмамон амал накунем, аз аҳли илм нестем.

***ХУДОБАХШ***
***01.11.2015с.***

## Одоби нишаст дар дастархон

Иброҳими Адҳам вақте, ки дар шаҳри Сур буд, дӯстонашро ба зиёфат даъват намуд. Шахсе бо исми Халлад ҳам ба зиёфат омада буд. Халлад хӯрокашро зуд бихурд ва алҳамдулиллоҳ гуфту бархест. Ҳол он ки дигарон хӯрок хурда истода буданд.

Иброҳими Адҳам фармуд:

- Рафиқамон ду хато кард. Яке он ки, бе иҷозати соҳиби дастархон бархест. Хатои дигар он буд, ки барвақт бархест ва рафиқонаш шарм намуданд.

*** Дар ҳама ҷода бояд одобро риоя кард.

Ибни Ато фармудааст:

- Ҳар касе, ки аз одоб маҳрум монда бошад, аз тамоми хайрҳо ҳам маҳрум мондааст.

***ХУДОБАХШ***
***09.06.2013с.***

## Оиладорӣ аз нигоҳи бузургони дини мубини Ислом

Фарҳанги Ислом бар тамоми аҳли башар ибрат аст. Оиладории мусулмонон дарсест ба ҳамагон.

Имрон бинни Ҳаттон марде буд асабӣ. Ҳамсараш ҳам ба сурату ҳам ба сират зане буд соҳибҷамол. Аз ҳаёташ шикояте намекард.

Рӯзе Имрон ба ҳамсараш, ки бо ин ҳама асабонии худаш шикояте намекунад, ҳамчун сипосгузорӣ гуфт: «Ҳамсарам, ту нисбати ман, ки асабӣ мебошам, шикояте накарда зиндагиро идома медиҳӣ. Аҳсан мехонам ва шукр ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мекунам, ки ба ман чунин зани босабрро насиб гардонидааст».

Зан, ки тақдиркунӣ ва шукргузории мардашро шунид, чунин гуфт: «Ғамгин машав! Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ҳар дуямонро бо мизоҷҳои гуногун офаридааст ва ин гуна офариниш ҳам сабаби ба ҷаннат рафтанамон мегардад. Ин ҳаёте, ки ҳар дуямонро ба ҷаннат мебарад, чаро аз он шикоят бикунам».

Мард мепурсад:

- Ин чӣ гуна мешавад, ки ту зани босабр бо ҳаёте, ки бо марди асабӣ мегузаронӣ, ба ҷаннат мебарад?

Зан:

Ту шукр ба он мекунӣ, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ту зани боодоб насиб кардааст ва ман бошам, сабр ба он мекунам, ки маро бо ин марди асабӣ муносиб дидааст. Бар тақдирам шикоят намекунам. Бо ин ҳаёт маконе насибамон мегардад, ки ба бандаҳои шукргузор ва сабркунанда ваъда шудааст. Иншоаллоҳ, оқибат чунин гардад, пас, чаро аз ҳаёт шикоят бикунам? Ту мукофоти шукру ман мукофоти сабрро мечашам.

*** Расули Худо (с.а.с.) чунин хабар додааст: «Ҳоли муъминон ҳайратовар аст. Дар ҳолати хайр шукр мекунаду дар ҳолати шар сабр ва дар ҳар ду кор бурд мекунанд».

- Ҳар як оила таърих аст ва нафаре, ки хонда метавонад, барояш достон аст (Ла Мартин).

***ХУДОБАХШ***
***19.01.2014с.***

## Оина

Рӯзе Расули Худо (с.а.с.) бо Абӯҷаҳл рӯ ба рӯ мешавад. Абӯҷаҳл ба Расулуллоҳ (с.а.с.) мегӯяд:

- Эй Муҳаммад, хело чиркинӣ. Ба мисли ту чиркине надидам.

Расулуллоҳ (с.а.с.):

- Рост мегӯед.

Баъдан Расулуллоҳ (с.а.с.) бо ҳазрати Абӯбакр (р.а.) рӯ ба рӯ шуд.

Ҳазрати Абӯбакр (р.а.) гуфт:

- Ё Расулуллоҳ (с.а.с.), хеле зебоед.

Расулуллоҳ (с.а.с.):

- Рост мегӯед.

Оне, ки шоҳиди ин кор буд, аз Расулуллоҳ (с.а.с.) пурсид:

- Ба сухани Абӯҷаҳл ҳам «Рост мегӯед» фармудед ва ба сухани ҳазрати Абӯбакр (р.а.) ҳам «Рост мегӯед» фармудед. Ҳикматаш дар чист?

Расулуллоҳ (с.а.с.):

- Ман мисли оинаам. Ҳар, ки маро нигоҳ кунад, худро мебинад. Абӯҷаҳл ба ман назар карду худро дид. Ҳазрати Абӯбакр (р.а.) ҳам назар карду худро дид.

*** Расми худи туст ҳар он чӣ дар ман бинӣ,
Бо шамъ даро, ки хона равшан бинӣ.

***ХУДОБАХШ***
***28.08.2011с.***

## Оқибати зулм

Имом Бухорӣ пеш аз маргаш ба Бухоро баргашт. Волии Бухоро Холид ибни Аҳмад талаб кард, ки Имом Бухорӣ ба мақомаш ҳозир шавад ва фарзандҳои ӯро дарс бидиҳад. Имом Бухорӣ гуфт:

- Ман илмро то ба пеши пойи Волӣ бурда, залилаш намегардонам. Агар илм омӯхтан хоҳанд, ба маҷлиси илм, ки дар хонаам баргузор мегардад, ҳозир шаванд. Барои се -чор нафар дарси махсус омода намекунам, ки дигарон аз дарс маҳрум бимонанд.

Волӣ аз ин кор хашмгин шуд ва амр кард, ки Имом Бухориро аз шаҳр берун намоянд. Имом Бухорӣ низ Волии золимро ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ҳавола карду аз шаҳр берун шуд.

Баъди чанд моҳ Волиро аз вазифа барканор мекунанд. Ӯро ба болои харе шинонда, атрофи шаҳр чархаш мегардонанд. Мардум чунин садо мекард:

«Оқибати зулм ҳамин аст.»

*** Қадри зарро заргар медонад.
Эҳтироми олимон амали хайр аст.
Олимон ворисони пайғомбаронанд (маънои Ҳадис).

***ХУДОБАХШ***
***09.06.2013с.***

## Оқибати нияти бад

Се рафиқ дар рафти саёҳат як миқдор тилло ёфта, хело хурсандӣ карданд. Дертар гурусна буданашонро ҳис намуда, як рафиқро барои овардани хӯрок ба деҳа равон карданд. Рафиқ ба деҳа рафта, хӯрок тайёр карду овард. Дар роҳ шайтон ӯро васваса кард ва даруни хӯрок заҳр илова кард, то ин ки ду рафиқ хӯрокро хӯрда бимиранд ва тилло бо ӯ бимонад.

Ду рафиқ бошанд, фикри онро карданд, ки хӯрокро аз дасти рафиқ мегирем ва ӯро мекушем. Тиллоро на се нафар, балки ду нафар тақсим мекунем.

Рафиқ расид. Ду рафиқ бошанд, хӯрок мегиранду рафиқашонро ба қатл мерасонанд. Нишаста хӯрокро истеъмол мекунанд ва ҳар ду мемиранд. Ҳар се мемиранд ва тилло насиби касе намегардад.

*** Хуш ба ҳоле нафароне, ки тақсим карданро медонанд. Ҳам саломат ва ҳам серу шодон мебошанд. Тилло хайр аст, албатта ба он ашхосе, ки истифода бурдани онро медонанд. Набояд ғуломи нафс шуд ва набояд ба хотири моли дунё қалберо озор дод.

Ниятро хайр донистан, кафолати ба хайр тамом шудани иқдом аст.

***ХУДОБАХШ***
***27.01.2013с.***

## Олим ва маст

Олим аз масҷид мебарояд ва мастеро мебинад, ки боз дар даст хамр дорад. Ба маст наздиктар мешавад ва мегӯяд:

- Шишаи хамратро ба ман деҳ.

Маст:

- Шишаи хамрро чӣ кор мекунӣ?

Олим:

- Шишаи хамрро дар масҷид холӣ мекунам.

Маст:

- Ту ақлатро хурдаӣ. Магар наметарсӣ, ки дар масҷид шишаи хамрро холӣ мекунӣ. Ман чиҳил сол аст, ки хамр менӯшам, аммо ҳаргиз чунин корро намекунам.

Олим интизори ҳамин ҷавоб буд. Олим ба маст мегӯяд:

- Ин масҷидеро, ки мардум бо дасти худ аз сангу хок сохтааст, шишаи хамрро рехта наметавонӣ, аммо ту ба қасри бузурги дарунат, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) барои ибодат халқ кардааст, хамр мерезӣ.

***ХУДОБАХШ***
***01.05.2014с.***

## Омодаем, магар?

Ҷавоне барои дарки фаҳмиши ҳаёт аз шаҳр ба шаҳр сайр менамуд. Ҷавон дар шаҳре назди олиме бирафт. Ба хонаи олим нигарист, ки пур аз китобу дафтар аст ва аз анҷомҳои қимате, ки ҷавон фикр мекард, хабаре нест. Дар хона танҳо мизу курсӣ ва гилеме дар замин бо болишту кӯрпае дид. Аз олим суол кард:

- Чаро дигар ашёе надорӣ? Мизҳои чармину нимкатҳои гарон надорӣ магар? Онҳо дар куҷо ҷойгиранд?

Олим:

- Дар пушти ту ҳам, танҳо як кифт (сумка) аст. Ашёҳои ту дар куҷо аст?

Ҷавон худро чунин ҳимоя кард:

- Чӣ хеле, ки ту мебинӣ, ман дар сафарам.

Олим:

- Ман ҳам дар сафарам. Магар касе ҳаст, ки дар сафар набошад?

*** Мо ҳама дар ин дунё сафарӣ мебошем. Дер ва ё зуд ҳатман дунёро падрӯд мегӯем. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар сурат «Анкабут» ояти 57 мефармояд:

كُلُّ نَفْسٍ ذَائِقَةُ الْمَوْتِ ثُمَّ اِلَيْنَا تُرْجَعُونَ

«Ҳар касе чашандаи таъми марг аст. Ва ба сӯи Мо бозгаронида шавед».

***ХУДОБАХШ***
***27.01.2013с.***

## Он чи коштӣ, ҳамон медаравӣ

Мард, зан, фарзанд ва падари пир якҷоя зиндагӣ мекарданд. Зан падари шавҳарро дидан намехост ва ӯро дар беҳузур кардани оила гунаҳгор медонад.

Зан ба шавҳараш гуфт:

- Аз зиндагӣ безор шудам. Ҷавониям рафт. Ё бо падарат ист ё падаратро аз хона ба дигар ҷо бибар, вагарна ман меравам.

Мард бо як ҳайронӣ ба ҳамсараш мегӯяд:

- Ту чиҳо мегӯӣ. Ӯ падари ман аст. Ба ғайри мо дигар, ки дорад?

Мард мебинад, ки аз сухани ҳамсараш халосӣ намеёбад, фарзандашро бо падараш бо баҳонаи ҳезумҷамъкунӣ гирифта, ба кӯҳ мебарад.

Мард ба падараш мегӯяд, ки ту ин ҷо нишин, мо ҳезум ҷамъ мекунем. Мард бо писараш ҳезум ҷамъ нокарда, аз падари пир дур мешаванд.

Дар роҳ фарзанд ба падараш мегӯяд:

- Бобоямро тарк кардем. Ӯ пир шуд ва он ҷо мемонад.

Кӯдак ҳарчанд гуфт, ки бобояшро бигиранд, аммо фоида накард. Кӯдак дар охир гуфт:

- Падар, агар ту ҳам пир шудӣ, ман низ туро ба кӯҳ бурда, таркат мекунам?

Падар баргашту падари пири худро гирифт ва ба фарзандаш гуфт:

- Фарзандам! Ту маро дар кӯҳ тарк намекунӣ, зеро ман падарамро, то нафаси охиринаш хизмат мекунам.

*** *Ҳар чӣ кунӣ, ба худ кунӣ,*
*Гар ҳама неку бад кунӣ.*
*Кас накунад бо ту чунон,*
*Он чи ки худ ба худ кунӣ.*

**ХУДОБАХШ**
**28.01.2012с.**

## Онҳо маро не, зебогие, ки Аллоҳ Таъоло ба ман додааст, ҳамонро сила мекунанд

Аз айёми хурдсолияш маълум буд, ки Боязиди Бастомӣ шахси бузурге мегардад. Шақиқи Балхӣ ӯро дар хурдсолияш дар вақти бозӣ кардан мебинаду чунин мефармояд:

- Ин кӯдак, ба воя, ки бирасад, авлиёи замон мешавад.

Яке аз олимон Боязидро бидиду хост заковаташро бисанҷад ва чунин суол кард:

- Эй кӯдаки зебо! Намоз хонданро медонӣ?

Боязид гуфт:

- Бале, Агар Худованд (ҷ.ҷ.) хоҳад, хонда метавонам.

Олим фармуд:

- Чӣ гуна?

Боязид посух дод:

- Барои адои амри Худованд (ҷ.ҷ.) такбир мекунам. Қуръони Каримро бо таҷвид мехонам, таъзиму рукӯъ мекунам. Бо хоксорӣ саҷда мекунам ва салом дода тамом мекунам.

Олим ҳайрон монду гуфт:

- Эй кӯдаки ширинрӯяку доно! Ту соҳиби фазилату дониш ҳастӣ. Ҳама сари туро сила мекунад. Чаро ба онҳо иҷозат медиҳӣ?

Боязид фармуд:

- Онҳо маро не, зебогие, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ман додааст, ҳамонро сила мекунанд. Он чӣ, ки аз ман нест, чаро монеаи даст расонидани эшон бишаавам.

***ХУДОБАХШ***
***09.06.2013с.***

## Оташ аз дунё меояд

Баҳлули Доно бо суханҳо ва рафтори аҷиби пандомӯзаш ба ҳама дарс мегуфт. Ин аст, ки бо ин рафтораш ӯро девона медонистанд. Баҳлул доимо назди Ҳорунаррашид ҳозир буд ва ӯро бо ҳар рафторе огоҳ мекарду дарс мегӯфт. Рӯзе Баҳлул бо сару либоси пур аз хоку чанг назди Ҳорунаррашид медарояд.

Ҳорунаррашид:

- Ин чӣ аҳвол аст?

Баҳлул:

- Аз ҷаҳаннам меоям.

Ҳорунаррашид:

- Дар ҷаҳаннам чӣ кор дорӣ?

Баҳлул:

- Оташ лозим буд, барои оташ рафтам.

Ҳорунаррашид:

- Овардӣ?

Баҳлул:

- Не, наовардам. Бо дарбони ҷаҳаннам вохӯрдам ва ба ман гуфт:

«Дар ҷаҳаннам оташ нест, ҳар кас оташи худро аз дунё худаш меорад».

*** Ҳар кори баде, ки дониставу нодиста анҷом медиҳем, он амали бад бароямон оташе дар ҷаҳаннам хоҳад шуд. Ва ногуфта намонад, ки амрҳои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) (намозу рӯзаву закоту ҳаҷ ва ғайра) ба ҷо наовардан низ амали бад аст ва он ҳам дар ҷаҳаннам бароямон оташ мегардад.

Адои амали хайр боғест дар ҷаннат. Пас, қадам ба сӯи амали хайр бимонем, то Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аз мо розӣ гардаду моро дар ҷаннатулфирдавс ҷо кунад.

***ХУДОБАХШ***
***16.08.2011с.***

## Офатҳое, ки мӯъмин бо он рӯ ба рӯ мегардад

Ба Алӣ Ҳаввас суол намуданд:

Кадом офатҳо бо мӯъмин рӯ ба рӯ мегарданд?

Алӣ Ҳаввас фармуд:

- **Офати ақл**- баҳсу ҷидоли бардавоми бемаънӣ.

- **Офати имон** – инкор.

- **Офати амал** - танбалӣ.

- **Офати илм –** иддаоро соҳибӣ кардан.

- **Офати муҳаббат –** роҳи шаҳватро ихтиёр кардан.

- **Офати тавозӯъ** – худро ба дараҷаи ҳақорат паст шумурдан, дучори зиллат.

- **Офати сабр –** ба ҷуз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бар дигаре шикоят намудан.

- **Офати азизӣ ва бузургӣ** - кибру ғурур кардан.

- **Офати саховатмандӣ –** исроф.

- **Офати дӯстӣ** – қаҳр кардан.

- **Офати фаҳмиш –** мунокиша кардан.

- **Офати адолат –**ҳисси қасдро зиёд кардан.

- **Офати озодӣ –**қадрдонӣ накардан, аз чаҳорчӯба баромадан.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

**Ошиқии ҷавон ба духтари подшоҳ**

Ҷавони фақире ба духтари подшоҳ ошиқ шудааст, аммо бо сабаби фақирияш ноумед буд.

Назди дарвеше рафт, то ин ки барояш тавсияе бидиҳад.

Дарвеш:

- Фарзандам дар назди дари даромадгоҳи шаҳр нишин. Ҳар касе, ки чизе бигӯяд, «Аллоҳ» бигӯ, дигар сухане магӯ.

Фақир тавсияро ба ҷо овард. Дарвеш рӯзу моҳҳо тавсияро амалӣ гардонид. Хӯрокаву нӯшокаи фақирро дарвеш таъмин мекард. Бо мурури замон ҷавон машҳур шуд. Рӯзе подшоҳ ҳам ҷавонро донистан хост ва дарвешро ба наздаш хонд. Дарвеш ба подшоҳ гуфт:

- Ҷавон яке аз ашхоси бузурги давр аст.

Подшоҳ назди ҷавон рафт ва аз ҷавон пурсид:

- Ту кӣ ҳастӣ? Чӣ дарде дорӣ? Чӣ мехоҳӣ?

Ҷавон танҳо «Аллоҳ» гуфт, дигар калимае нагуфт.

Дарвеш шаб ба назди ҷавон омаду гуфт:

- То он вақте, ки подшоҳ нагӯяд, ки духтарамро медиҳам, аз подшоҳ чизе талаб макун.

Рӯзе подшоҳ назди ҷавон омаду гуфт:

- Агар хоҳӣ, духтарамро бароят бидиҳам.

- Ҷавон гуфт:

- Акнун, духтаратро ҳам намехоҳам. Ман ба хотири касе «Аллоҳ» гуфтам ва Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) подшоҳи даврро ба пеши пойи мани фақир овард ва духтарашро бароям таклиф кард.

Агар ба хотири Ӯ (манзур Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.)), Аллоҳ

(ҷ.ҷ.) мегуфтам, ки медонист, ки чиҳо мешуд......

Аз ин пас, ба ҷуз Ӯ (ҷ.ҷ.) касеро зикр намекунам ва ғайри Ӯ (ҷҷ.) касеро намехоҳам.

*** Худоё! Бо ихлос зикри Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) гуфтанро бароямон насиб бигардон. Ҳадафи ҳар як мусулмон, ба дасти рост гирифтани дафтари аъмол аст, то ин ки дар Ҷаннат Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.), Расули Худо (са.с.), Асҳоби Киром ва бузургони динро бинад. Худоё! Ҳамаи мусулмононро дар дунёю охират муваффақ бигардон. ОМИН!

***ХУДОБАХШ***
***11.03.2012с.***

## Оштӣ

Дар масъалае миёни ҳазрати Ҳасан (р.а.) ва ҳазрати Ҳусейн (р.а.) нофаҳмие пайдо гардид ва аз якдигар ранҷиданд. Дӯстҳо аз ин ҳолат воқиф шуданд ва барои оштӣ кардани ду бародар, аввал назди бародари хурд, ҳазрати Ҳусейн (р.а.) рафтанд.

Ҳазрати Ҳусейн (р.а.) гуфт:

- Ман аз бобоям ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) шунида будам, ки фармуданд: «Дар миёни ду ранҷида, кадоме аввалин шуда ба сӯи оштӣ қадам гузорад, аввалин шуда ба Ҷаннат медарояд». Ман ҳаё аз он мекунам, ки қабл аз бародарам вориди Ҷаннат бигардам. Ман интизори омадани бародарам мешавам.

Дӯстҳо назди ҳазрати Ҳасан (р.а.) рафтанд ва ҳолатро нақл карданд. Ҳазрати Ҳасан (р.а.) бо чашми гирён сӯи ҳазрати Ҳусейн (р.а.) раҳсипор шуд. Ҳазрати Ҳусейн (р.а.) омадани бародарашро дид ва ба роҳ баромаду истиқболаш намуд. Якдигарро ба оғӯш гирифтанд, мисле, ки дар миён ҳеҷ ранҷише набуд.

*** Худованди Мутаъол дар сураи «Бақара», ояти 208 фармудааст:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا ادْخُلُوا فِي السِّلْمِ كَافَّةً وَلَا تَتَّبِعُوا خُطُوَاتِ الشَّيْطَانِ إِنَّهُ لَكُمْ عَدُوٌّ مُبِينٌ

- Эй касоне, ки имон овардаед, ҳамагон ба сулҳ дароед ва пой ба ҷои пои шайтон магузоред, ки ӯ душмани ошкори шумост.

Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с) фармудааст:

- Сулҳ беҳтарин қарор аст.

Ранҷидани дӯстон, душманро хурсанд мегардонад. Албатта дар ҳаёт хоҳу нохоҳ хатогие рӯх медиҳад, аммо

барои як хатогӣ набояд дӯстиро хотима дод. Бузурге фармудааст:

Дӯстро бо як бадӣ натвон фурӯхт,
Баҳри як кайке гилем натвон бисӯхт.

***ХУДОБАХШ***

***09.02.2013с.***

## Пайвастагӣ ба суннат

Шоҳи Нақшбанд кушишу ғайрат менамуд, ки тамоми суннатҳои Расулуллоҳ (с.а.с.)-ро ба ҷо орад.

Дар асри саодат ҳазрати Расулуллоҳ (с.а.с.) бо ҷамъи асҳоб хостанд, ки нон бипазанд. Ҳар кадоме ба танур хамирро часпонид. Баъди чанде тамоми хамирҳое, ки асҳоб монда буданд, пухтанд, аммо хамири часпондаи ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) ҳамон гуна истода буд. Оташ ба хамире, ки дасти Расулуллоҳ (с.а.с.) расида буд, таъсире накард. Асҳоб муъҷизаро диданд ва имонашон боз ҳам зиёдтар гардид ва пайвастшавияшон боз ҳам мустаҳкамтар гардиданд.

Шоҳи Нақшбанд ҳам рӯзе чун суннат хост бо толибилмонаш нон бипазад. Хамирҳоро ба танӯр часпониданд. Хамирҳои толибилмон пухтанд, аммо аз Шоҳи Нақшбанд ҳамон хел бимонд.

*** Кароматӣ Шоҳи Нақшбандӣ, лутфест аз ҷониби Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.), ки Шоҳи Нақшбанд кушиш ва ғайрати онро мекард, ки ҳаёти худро ба мисли ҳаёти Ҳабиби Худо (с.а.с.) гузаронад.

Шахсе, ки маро итоат мекунад, ба Аллоҳ (ҷ.ҷ.) низ итоат кардааст. Шахсе, ки ба ман исён мекунад, ба Аллоҳ (ҷ.ҷ.) низ исён кардааст (маънои Ҳадис).

***ХУДОБАХШ***
***09.06.2013с.***

## Парранда ва дарвеш

Рӯзе паррандаи захмине назди ҳазрати Сулаймон (а.с.) омад ва гуфт:

- Қанотамро фалон дарвеше шикаст.

Ҳазрати Сулаймон (а.с.) дарҳол фармон дод, то дарвешро наздаш ҳозир кунанд. Дарвешро оварданд. Ҳазрати Сулаймон (а.с.) ба дарвеш гуфт:

- Ин парранда аз ту шикоят мекунад. Чаро қаноташро шикастаӣ?

Дарвеш худашро ҳимоя карда, чунин мегӯяд:

- Султонам! Ман ин паррандаро шикор кардан хостам. Аввал нагурехт. То наздаш рафтам, боз напарид. Ман ҳам фикр кардам, ки ба ман таслим мегардад ва худамро тарафаш партофтам. Лаҳзаи дастгир кардан, кушиши паридан кард. Дар ин асно, қаноташ шикаст.

Ҳазрати Сулаймон (а.с.) ба тарафи парранда нигариста гуфт:

- Ин нафар ҳақ аст. Ту чаро нагурехтӣ? Пинҳонӣ ба ту наздик нашуд. Ту метавонистӣ худатро ҳифз намоӣ. Акнун шикоят мекунӣ, ки қанотат шикастааст.

Парранда худашро чунин ҳимоя намуд:

Султонам! Ман ӯро бо либоси дарвешона дидам ва аз ин сабаб нагурехтам. Агар шикорчӣ мебуд, ман мегурехтам. Ман инро чун дарвеш дидам ва фикр кардам, ки аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) метарсад ва зарарам намедиҳад. Аз ин рӯ, нагурехтам.

Ҳазрати Сулаймон (а.с.) ҳимояи паррандаро ҳақ мебинад ва қасосро ба ҷо оварданӣ мешавад:

- Парранда ҳақ аст ва дасти дарвеш шикаста шавад.

Парранда дарҳол садо мебарорад:

- Султонам! Чунин макунед.

Ҳазрати Сулаймон (а.с.) сабабашро пурсид. Парранда ҷавоб дод:

- Агар дасти дарвеш шикаста шавад, дубора шифо меёбад ва кори кардаашро боз анҷом медиҳад. Аз ҳама беҳтараш он аст, ки либоси дарвешии ӯро гиред. То ин ки, дигар паррандаҳо ба мисли ман фирефта нашаванд.

*** Баъзан душманҳо низ ба либоси суфигию дарвешӣ ё чун тоҷири хайрпеша ё корманди ватандӯсту хайрхоҳ ва ё дӯсти вафодор, ба мо наздику дар қаторамон худро ҷо мекунанд. Мо фикри онро мекунем, ки содиқ ҳастанд. Аммо ҳайҳот, ки аз бозии пасипардаашон ғофил мемонем. Дуо кунем, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) моро аз чунин бозиҳои пасипарда нигоҳ дорад ва чашми басиратро бароямон эҳсон намояд, то воқифи амалҳои ғаразноки эшон гардем.

***ХУДОБАХШ***
***06.04.2014с.***

## **Пешниҳоди Афлотун**

Аз Афлотун пурсиданд:

- Кадом кори инсон бароят ҳайратовар менамояд?

Афлотун ҷавоб дод:

- Кӯдакҳо ғамгин аз он мешаванд, ки зуд бузург намешаванд. Ҳол он ки даврони кӯдакиро баъди бузургсолӣ ёд мекунанд.

- Барои ҷамъ кардани сарват, саломатиро аз даст медиҳанд. Барои дубора барқарор кардани саломатӣ, сарвати ҷамъшударо сарф мекунанд, аммо бо вуҷуди ин, саломатии қаблиро дастрас намекунанд.

- Барои фардо дар гирдоби андеша медароянд ва имрӯзашонро фаромӯш мекунанд. На имрӯз ва на фардо зиндагӣ доранд. Чунон зиндагӣ мекунанд, ки гӯё намемиранд, аммо чунон мемиранд, ки ҳаргиз зиндагӣ накардаанд.

Боз аз Афлотун суол карданд, ки чӣ пешниҳоде мекунед?

Афлотун ҷавоб дод:

- Кӯшиш ба он макунед, ки шуморо дӯст бидоранд. Танҳо амали холисона бикунед, то мардум шуморо холисона дӯст бидорад.

Муҳим на он аст, ки «дар ҳаёт соҳиби ҳамаи чиз шавем», балки муҳим он аст, ки «ҳисси ба моли кам эҳтиёҷ доштан»- ро соҳиб бошем.

Ин ҷаҳон худ ҷинси ҷонҳои шумост,
Худ равед он сӯ, ки саҳрои шумост.
Ин ҷаҳон зиндону мо-зиндониён,
Ҳифра кун зиндону худро вораҳон...

Бар сагон бигзор ин мурдорро,
Хурд бишкан шишаи пиндорро...
Ҳин машав мағрур инҷо дар хаёл,
То наяфтӣ дар чаҳи зиллу зилол.

*(Мавлонои Балхӣ)*

***ХУДОБАХШ***
***25.11.2012с.***

## Пиразан ва кӯза

Пиразане ба дукони антиқа (молҳои таърихӣ) ворид мешавад. Кӯзаеро ба даст мегирад. Кӯзафурӯш оид ба рангуборкунӣ ва тайёр кардани кӯза маълумот медиҳад ва дар охир гаронқимат будани кӯзаро низ замима мекунад. Пиразан ҳайрон мемонад ва бодиққат ба кӯза назар карданро идома медиҳад. Дар ҳамин асно кӯза ба сухангӯӣ медарояд ва чунин мегӯяд: «Медонам, ки ту маро бодиққат назар мекунӣ, аммо ман ба осонӣ чунин шакл нагирифтаам ва ман чунин набудам. Пас аз сар гузаронидани ҳаёти пур аз изтироб чунин қимат гирифтаам».

Пиразан: Чӣ гуна чунин шаклро соҳиб шудӣ?

Кӯза: «Замоне хоке будам. Кӯзагаре омад. Маро дар дасташ гирифту каме об илова карду ба шакли лой даровард ва маро чунон сахт ғелонид, ки маҷбур шудам, ки ба кӯзагар дод зада, бигӯям, ки «Бас аст! Ист!». Лекин, усто табассум карда гуфт: «На, ҳанӯз».

Усто маро гирифту болои тахтае гузошт. Маро чунон гардиш дод, ки дигар сабр накарда, ба усто дод зада, гуфтам. «Маро наҷот деҳ, дигар гардишкунӣ намехоҳам».

Усто боз табассум карду гуфт: «На, ҳанӯз».

Ии маротиб усто маро гирифту ба даруни тафдон (печка) даровард. Усторо танҳо аз шишаи асбоби гарми гармдиҳанда дида метавонистам. Гармии тафдон ҳар лаҳза зиёдтар шудан мегирифт. Худ ба худ фикр мекардам, ки усто маро ба ин зайл мекушад. Ба чаҳорчӯбаи тафдон мезадам ва фарёд мекардам, ки; «Усто! Иҷозат деҳ, бароям».

Аз тирезаи тафдон усторо медидам, аммо усто табассум карда мегӯяд, ки «Ҳоло не».

Пас аз соате дари тафдонро кушод ва маро берун

кард. Нафаси озод мекашидам. Болои мизе гузошт ва рангуборам кард. Эҳтиёткорона ба дасташ гирифту сӯи тафдон бурд. Фикр кардам, ки ин дафъа ҳатман маро мекушад. Ин дафъа ҳарорат зиёдтар буд, зораву тавалло кардам, аммо чора нашуд. Ашке аз чашмони усто ҷорӣ шуд. Фикр мекардам, ки нафаси охиронамро медиҳам, ки дар ҳамин вақт дари тафдон кушода шуд ва усто маро бо дастони нозукаш берун баровард. Ҷои фораме бурд, ки нафаси хубе мегирифтам.

Усто гуфт:

- Ана ҳозир ба хости дилам шуд. Худатро ба оина дидан мехоҳӣ?

Гуфтамаш: Бале.

Оинаро пешам гузошт. Худро дар оина дидам. Дубора ба оина назар кардам ва гуфтам. «Ин ман нестам. Ман танҳо хоке будам».

Усто гуфт: «Бале, ин ту ҳастӣ. Он азияту машаққате, ки ту дидӣ, аз ин хотир мукаммал гаштӣ.

Агар туро лой намекардам, шамоле туро пароканда мекард.

Агар пас аз лой шудан, бо ту кор намекардам, қоқ шуда, мерафтӣ.

Агар дар асбоби гармкунанда намегузаштам, мекафидӣ.

Агар рангу борат намекардам, дар ҳаётат ранг пайдо намешуд.

Лекин маротиби дуюм, ки ба асбоби гармдиҳанда гузоштам, ба ту қувват бахшид. Айни ҳол мукаммал гаштаӣ».

Баъд аз суханронии кӯза худ ба худ гуфтам:

Устои ман! Барои нобовариаам маро бубахш. Фикр кардам, ки ба ман зарар мерасонӣ. Нафаҳмидам, ки ту барои ман аз худам зиёдтар фикр мекунӣ. Назари ман хело танг будааст, айни ҳол мебинам, ки санъати волое шудаам. Шукр мекунам ба он амалҳое, ки онро азият медонистам.

*** Эй Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.)! Қаҳрат ҳам хуш асту лутфат ҳам. Дар ҳаёт чи машаққате, ки мебинем барои рангубор шуданамон аст ва қимати волоеро соҳиб гаштан аст. Бар шодию дарду ғам шукрона бояд кард. Дар ҳар кор ҳикмате нуҳуфт, аммо бехабар аз онем. Муҳим, ба Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) куллан эътимод кардан аст.

***ХУДОБАХШ***
***12.05.2011с.***

## Пиронсолии ҳақиқӣ

Аз достоннавис Ҳекимоғлу Исмоил пурсиданд:

- Пиронсолӣ чист?

Ҳекимоғлу Исмоил ҷавоб дод:

- Ба фикри ман, пиронсолӣ на онест, ки мӯи сар сафед гардаду қомат хамида. Пиронсолӣ он аст, ки ҳадафаш тамом шудаасту умедаш сукут.

*** Киштии бе ҳадафро ягон бод кӯмак карда наметавонад.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Подоши омӯзондани Қуръон

Ҳусайн бинни Хусрави Балхӣ нақл мекунад:

- Абу Мансурро пас аз маргаш дар хоб дидам. Аз ӯ суол кардам:

- Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бар ту чӣ гуна рафтор намуд?

Абӯмансур чунин ҷавоб дод:

- Барои омӯзондани сураи «Фотиҳа» бар кӯдакон, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бар ман мағфират намуд.

*** Гар бихоҳӣ бо Худо суҳбат кунӣ, Қуръон бихон. Андешаи онро бояд кард, ки дар вақти дарсдиҳии Қуръон, суҳбати шогирдон бо Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) сурат мегирад. Магар, ин амал яке аз неъматҳои воло дониста намешавад? Магар ин амали воло беподош мемонад? Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бар мо омӯхтан ва омӯзондани Қуръонро насиб гардонад. Омин!

***ХУДОБАХШ***
***20.05.2013с.***

## Подшоҳ, дигар чӣ кор дорад?

Султон Муродхон хобе мебинад, аммо маънояшро дарк намекунад.

Бо вазираш Сиёвуш табдили қиёфат мекунанд. Дар маконе чашмашон ба ҷасаде бармехӯрад. Сокинони маҳалла аз ҷасад дурӣ меҷӯянд. Подшоҳ сабаби рафтори мардумро пурсон мешавад ва чунин ҷавоб мегирад.

- Устои хело хуб буд. Бо азобу машаққат наъл месохт, аммо тамоми маблағашро ба хамру фаҳш сарф мекард. Ба хонааш шишаҳои хамр мебурд. Дар кучҳое, ки зани бероҳае мебуд, онро ба хонааш меовард.

Сокинон нияти даст задани ҷасадро надоранд ва ин кор ба дӯши подшоҳ бимонд. Подшоҳ бо вазираш ҷасадро ба масҷиди Фотеҳ бурд. Ҷасадро бишӯст ва барои хондани намози ҷаноза болои санге гузошт. Дар ин ҳангом вазир ба подшоҳ гуфт:

- Шояд наздиконе дорад ва мехоҳанд дар ҷанозаааш иштирок кунанд. Ба онҳо ҳам хабар расонем.

Подшоҳ дубора ба маҳалла рафту нишонаи майитро пурсон шуд. Хонаро ёфт. Аз хона зани пиронсоле баромад. Марг ва ҳодисаи шавҳарашро аз даҳони подшоҳ шунид. Ҳамсари майит чунин гуфт:

- То шом ба кораш машғул мешуд. Дар дасти касе шишаи хамрро медид, онро харидорӣ мекард. Онро ба хона меовард ва дар чуқурие мерехт. Ба занҳое, ки бероҳагӣ мекарданд, маблағ медод ва ба хона меоварду мегуфт. «Ман вақти шуморо харидорӣ кардам. Акнун шуморо мебояд, ки истироҳат кунед». Ӯ мерафт ва ман барои занҳо Қуръон тиловат мекардам.

Подшоҳ бо садои паст чунин гуфт:

- Инро бубин! Мардум фикри дигар дорад.

Зани пиронсол суханашро чунин идома дод:

- Рӯзе ба шавҳарам гуфтам, ки ту чунин амал мекунӣ, аммо ҳамсояҳо туро бад медонанд. Бовар кун, рӯзе вафот мекунӣ ва ҷасадат дар майдон мемонад. Ба касе заҳмат нашавад гуфта, мазорашро худаш кандааст. Ман барояш гуфтам, ки бо қабр кандан кор тамом намешавад. Туро кӣ мешӯяду кӣ мебардораду дафн мекунад. Шавҳарам ба ин саволам табассум карду бигуфт:

- Худои Мутаъол (ҷ.ҷ.) бузург аст. Подшоҳ, дигар чӣ кор дорад?

*** Ҳар як ҳодисаро танҳо бо чашми сар набину баҳо мадеҳ. То ба охир онро бисанҷ ва он гоҳ фикрат дигар мегардад. Кӯшиш ба он бидиҳем, ки тарафи мусбати фардро зикр намоем. Дар борааш хайр фикр бикунем, то ин ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) хайрро барояш насиб бигардонад.

***ХУДОБАХШ***
***27.01.2013с.***

## Подшоҳӣ дар хоб

Ҳорунаррашид ба одамон супориш дод, то ин ки Баҳлулро наздаш биёранд. Баҳлулро дар қабристон хоб бурдааст. Ӯро дарёфтанду назди Ҳорунаррашид оварданд. Баҳлул ба Ҳорунаррашид хитоб карда, гуфт:

- Чаро маро бедор карда овардед? Аҳволам хуб буд. Дар хоб дидам, ки подшоҳ шуда, дар тахтам бо азамат нишаста будам.

Ҳорунаррашид ханда карду гуфт:

- Эй Баҳлул! Дар хоб подшоҳӣ чӣ маънӣ дорад?

Баҳлул:

- Ҳорун! Чӣ фарқ дорад? Ман чашмонамро кушодаму аз подшоҳӣ мондам. Ту чашм мепӯшиву аз подшоҳӣ мемонӣ.

*** Зери хок барои шоҳу гадо як аст. Аҷал, ки расид, ягон дорой ва имтиёзе пеши роҳашро гирифта наметавонад. Агар пас аз сари худат, салтанате (фарзанди нек, толибилму китоб ва дигар амалҳое хайре, ки мардум аз он хайр мегиранд) боқӣ гузошта тавонӣ, он вақт салтанати ту умр мебинаду бароят хизмат мекунад. Фахр ба подшоҳию дорой набояд кард. Дар зарбулмасалҳои шотландӣ омадааст, ки; «Баъди итмоми бозии шоҳмот, шоҳу вазиру аспсавору пиёдагард ҳама дар якҷоягӣ дар як қуттӣ ҷамъ карда мешаванд».

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Пули сирот аз нигоҳи Абулфазли Аҳмадӣ

Абулфазли Аҳмадӣ мефармояд: Чароғе нест, ки пули сиротро равшанӣ намояд, зеро пули сирот болои ҷаҳаннам сохта шудааст. Ҷаҳаннам худ зулмот аст. Нурҳое, ки болои пули сирот аст, нурҳои ашхосест, ки аз он ҷо мегузаранд. Аллоҳ Таъоло дар сураи «Ҳадид» ояти 12 фармудааст:

يَوْمَ تَرَى الْمُؤْمِنِينَ وَالْمُؤْمِنَاتِ يَسْعَى نُورُهُمْ بَيْنَ اَيْدِيهِمْ وَبِاَيْمَانِهِمْ بُشْرٰيكُمُ الْيَوْمَ جَنَّاتٌ تَجْرِى مِنْ تَحْتِهَا الْاَنْهَارُ خَالِدِينَ فِيهَا ذٰلِكَ هُوَ الْفَوْزُ الْعَظِيمُ

- Рӯзе, ки мардони муъмину занони муъминро бубинӣ, ки нурашон пешопеш ва дар самти ростапшон меравад. Дар он рӯз башорататон (хушхабаратон) ба биҳиштҳоест, ки дар он наҳрҳо равон аст ва дар он ҷовид хоҳед монд ва ин комёбии бузургест.

*** Қуръон китоби дарсӣ аст. Барои гузаштан аз синф ба синф не, балки барои гузаштан аз сари пули сирот аст.

***ХУДОБАХШ***
***30.06.2013с.***

## Равшании коинот

Яке аз рассомони машҳури англис Виллиам Ҳунт расмҳои худро дар Академияи Лондон ба намоиш гузошта буд. Расми «Равшании коинот» низ овезон буд. Дар расм марде шабонгоҳ дар даст чароғе дошта, назди даре истодааст ва мисле, ки интизори кушодани дар аст.

Марде назди расми «Равшании коинот» меояд ва ба рассом мегӯяд:

- Расми зебо, аммо фаромӯш кардед, ки лаҳзаи тақ-тақ кардани дарро ҳам тасвир кунед.

Виллиам Ҳунт табассуме карду гуфт:

- Ин дар, қалби инсонро нишон медиҳад. Танҳо аз дарун кушода мешавад. Эҳтиёҷ ба тақ-тақи берун надорад.

*** Дари қалб тариқи меҳру муҳаббат ва таваҷҷуҳи хосса кушода мегардад, на ин ки бо зурӣ ва зар. Агар нафаре фикри онро кунад, ки дари дилро тариқи зурӣ ва зар кушода мегардонам, хато мекунад, зеро танҳо бо чашми фиребхурдаи худ онро кушода мебинад. Далел он аст, ки вақти лоғар ва фақир шудан дар маҳкам мегардад. Агар дари дил бо меҳру муҳаббат ва таваҷҷӯҳи хосса кушода гардад, пас, бидон, ки то абад маҳкам намегардад.

***ХУДОБАХШ***
***01.12.2012с.***

## Рассом ва шогирд

Рассоме шогирдеро ба воя мерасонад. Қабл аз гусели шогирдаш ба ӯ мегӯяд, ки расми охиронатро дар маркази роҳи одамгузарон овезон бикун ва чунин навиштаҷотеро бо қалами сурх гузор:

- Аз тамошобинони муҳтарам хоҳиш мекунам, ки ҳар нуқтае аз расм бароятон маъқул набошад, бо қалами сурх хат бикашед.

Шогирд пас аз ду рӯз расмашро пур аз хатҳои сурх мебинад. Расмро назди устодаш меорад. Усто мегӯяд;

- Акнун боз ҳамон расмро бикаш. Боз ба ҳамон марказ бибару овезон кун, аммо якчанд намуди қалам гузору дар навиштаҷот чунин навис:

- Тамошобинони муҳтарам! Ҳар касе нисбати расм пешниҳоде дошта бошад, бо рангҳои лозимӣ дуруст бикунад.

Пас аз ду рӯз, шогирд рафта расмро мегирад. Касе расмро нарасидааст. Расмро назди устодаш меорад ва устодаш мегӯяд:

- Дар маротиби аввал худат шоҳид шудӣ, ки мардум бераҳмона ва донистаю нодониста эътироз намуданд. Шояд онҳое хат кашида буданд, ки дар ҳаёташон боре ҳам расм накашида буданд.

Аммо дар маротиби дуюм бошад, рафтори аҳли фаҳмро талаб кардӣ. Барои эътироз кардан, ақлу фаросату донишу малака лозим аст. Касе ҷуръате накард, ки кори надонистаашро мавриди баҳс қарор диҳад.

Рассом ба шогирдаш чунин тавсияҳо дод:

- Ҳақи заҳмататро аз онҳое, ки корро намедонанд, гирифта наметавонӣ.

- Касе, ки қадри чизро намедонад, заҳмататро барояш пешниҳод макун.

- Бо касе, ки аз аҳли фаҳм нест, баҳс макун.

***ХУДОБАХШ***
***30.05.2015с.***

## Рафиқи ҳазрати Мӯсо (а.с.) дар ҷаннат

Ҳазрати Мӯсо (а.с.) рӯзе аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) илтиҷо мекунад, ки;

«Худоё! Рафиқи ман дар ҷаннат кист?»

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.):

- Ё Мӯсо, дар фалон маҳалла қассобе аст ва ӯ рафиқи ту дар ҷаннат аст.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) шаклу шамоили қассобро ба ҳазрати Мӯсо (а.с.) васф намуд.

Ҳазрати Мӯсо (а.с.) қассобро меёбад. Ҳазрати Ҷабраил (а.с.) меояду қассоби ёфтаашро таъйид мекунад.

Ҳазрати Мӯсо (а.с.) ба қассоб мегӯяд, ки мехоҳам, дар хонаи шумо меҳмон шавам. Қассоб қабул мекунад ва ҳазрати Мӯсо (а.с.)-ро меҳмондорӣ мекунад. Хӯрокро назди ҳазрати Мӯсо (а.с.) мемонаду мегӯяд:

«Ту хӯрокатро бихӯр, ман кори зарурие дорам. Шояд хоҳӣ, ки якҷо хӯрок хурем, пас каме интизорӣ мекашӣ».

Қассоб сабадеро, ки овезон буд, ба замин мефарорад. Аз даруни сабад, зани солхурдаи заиф ва кӯчакеро мегирад. Дасту рӯяшро мешӯяд ва сабадро тоза мекунад. Хӯрокаш медиҳад. Ва боз дубора ба сабад гузошта, овезонаш мекунад. Назди ҳазрати Мӯсо (а.с.) омада, мешинад. Ҳазрати Мӯсо (а.с.) ба қассоб мегӯяд:

- Модарат аст?

Қассоб:

- Бале, модарам. Пир ва бемадор аст. Ҳар рӯз аз дукон меояму хизмати модар мекунам.

Ҳазрати Мӯсо (а.с.):

- Вақти хӯрок хурдан, лабҳояш ҳаракат мекард.

Суханҳояш фаҳмида мешавад?

Қассоб:

- Бале, фаҳмида мешавад. Ҳар вақте, ки хизматҳояшро адо мекунам, дуо мекунад, ки «Худоё! Фарзанди маро дар ҷаннат рафиқи ҳазрати Мӯсо (а.с.) бигардон».

Ҳазрати Мӯсо (а.с.):

- Эй қассоб! Мужда бар ту бодо, ки дуои модари ту ба даргоҳи Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мустаҷоб гардидааст. Манам Мӯсо (а.с.) ва бо илҳоми илоҳӣ ба ин ҷо омадаам.

Қассоб шодӣ мекунад ва аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) омӯрзиш талаб мекунад ва ба ибодат машғул мешавад.

Бо дуои модар, аз зумраи солеҳон мегардад.

*** Афсӯс, ки пас аз марги модар даст ба сина мезанему пушаймонӣ мекунем. Эҳтиромро дар зиндагӣ бояд кард ва баъди марг танҳо барои модар дуои хайр кардану ба фақирону ятимон кӯмак карданд, то ин ки дар ҳақи модар ва наздиконат дуои хайр намоянд. Баро хурсанд кардани модар ва дуои модарро гирифтан, бояд, ки бо тамоми ҳастӣ хизмат кард. Модар қаҳрамонест, ки хизмат мекунад, аммо подош талаб намекунад. Модар танҳо хурсанди фарзандро мехоҳад, пас моро мебояд, ки танҳо хурсандии модарро бубинем.

***ХУДОБАХШ***
***08.04.2012с.***

## Рафтор дар вақти дороӣ

Абдураҳмон бин Авф танҳо бо тӯшаи роҳ ба Мадина ҳиҷрат кард. Дар Мадина чунон тиҷорате намуд, ки баъзан худ ба худ мегӯфт:

- Дар кадом моле, ки доду гирифт намоям, ҳатман муфт ба даст меорам. Ҳар рӯз сарватам зиёда мегардад. Дар мусибате ҳам рӯ ба рӯ намешавам. Ягон дарду балое ҳам намеояд. Аз ин бароҳатию дороӣ метарсам. Андешаи онро мекунам, ки ҳама чизро дар ҳамин дунё мебинаму дар охират бенасиб мегашта бошам?

*** Саҳобаи гиром дар чунин андеша бошад, пас, моро мебояд, ки дучанд андеша бикунем. Ҳамаи неъмат шукр талаб мекунад. Пас, шукронаи тани сиҳатро бо рӯзаю ибодат ва шукронаи молу мулкро бо садақаю закот бояд ба ҷо биёрем.

Аҳли фаҳм дарду норасоиҳои зиндагиро дар он мебинанд, ки онҳо каффораи нуқсонҳо мебошанд ва ин аст, ки ба дарду ғами зиндагӣ ғӯта намезананд.

Тавозуни давраи дороию фақирироро бояд хуб омӯхт ва дар ҳаёт татбиқ кард, то ин ки аз дороӣ ғуттаи кибру ва аз фақирӣ ғӯтаи исён нагардем.

***ХУДОБАХШ***
***12.07.2015с.***

## Рафтори Иброҳими Адҳам нисбати маст

Иброҳими Адҳам аз назди масте мегузашт. Маст дар замин хобида бисёр қай карда, ҳама ҷойро ифлос карда буд. Иброҳими Адҳам об оварда, даҳони мастро мешӯяд ва мефармояд:

- Даҳоне, ки номи Аллоҳ Таъолоро зикр мекунад, набояд ифлос шавад.

Маст баъди ба худ омадан мефаҳмад, ки Иброҳими Адҳам барояш чунин муомила кардааст. Аз ин лиҳоз, бисёр пушаймон шуда, тавба карду яке аз солеҳон шуд.

Шабе Иброҳими Адҳам дар хобаш чунин садо мешунавад:

- Эй Иброҳим! Ту барои мо даҳони мастро шуста тоза кардӣ, мо ҳам қалби туро шуста, тоза кардем.

*** Ҳар як амал аз ният сабз мегардад. Ният холис бошад, подоши амал ҳамон қадар дурахшонтар мегардад.

Афсус, ки меҳру шафқат коста гардидааст. Мо худ мебинем, ки фарзандон дар нигоҳубин кардани волидайнашон, ки бемор шудаанд, хунукназарӣ мекунанд. Ҳеҷ набошад, рафтори Иброҳими Адҳамро аз волидайн оғоз намоем.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Рафтори инсонгарӣ

Падар ба писар як миқдор мех ва як тахтаи тозае медиҳад ва мегӯяд:

- Ҳар вақте, ки рафиқатро ва ё нафареро ранҷондӣ, мехе бар ин тахтаи тоза бизан.

Пас аз чанд рӯзе меххо тамом шуд ва ба падар аҳволро нақл кард. Падар гуфт:

- Акнун рӯзе, ки касеро намеранҷонӣ ва ё аз кардаи хеш пушаймон шуда бахшиш мепурсӣ, мехе аз он тахтаро бигир.

Фарзанд баъд аз чанд рӯзе тамоми меххои ба тахта воридкардаро дубора гирифт. Назди падар омад ва аҳволро бигуфт.

Падар тахтаро гирифт ва ба писар гӯфт:

- Ба ин тахта назар кун. Ҳар вақте ки рафиқатро ва ё нафареро озор додӣ, хоҳ ба сухан ва ё хоҳ ба амал чун мехе бар вуҷуди ӯ ворид кардӣ ва ӯро захмин кардӣ. Ҳарчанд бахшиш пурсидӣ ва мехро аз вуҷудаш гирифта бошӣ ҳам, сурохии он боқӣ мемонад.

*** Марде аз назди қабр мегузашт ва шахсеро дид, ки бо рубоб сурудхонӣ дорад. Мард қаҳролуд мешавад ва рубобро аз дасташ гирифта мешиканад.

Мард ба хона меояд ва аз амали кардааш ғамгин мегардад. Бозор меравад ва рубоб ва миқдоре ҳавло мегирад. Марди ашӯлахонро меёбад ва рубобу ҳавлоро барояш медиҳаду узр мепурсад.

Ашӯлахон мегӯяд:

- Рубобро фаҳмидам, аммо ҳавлоро барои чӣ овардӣ?

Мард:

- На танҳо рубоб, балки қалбатро ҳам шикастам ва

мехоҳам бо ин ҳавло дили шикастаатро пайваст намоям.

*** Албатта, дилозорӣ кардаем, пас, ба ҳар навъе, ки набошад бояд дилҳои шикастаамонро пайваст бикунем, то рӯзи қиёмат шикоят накунанд.

***ХУДОБАХШ***
***01.12.2012с.***

## Рафтори Мансури Ҳаҷҷоҷ

Нафаре дар замони Ҳаҷҷоҷ қарздор будааст. Барои пардохти қарзаш хост назди Ҳаҷҷоҷ дарояд, то ӯ кӯмакаш кунад. Ӯро ба ҳузураш қабул карданд. Мард Ҳаҷҷоҷро сар ба саҷда мебинад ва худ ба худ мегӯяд:

- Ин кас аз дигаре муҳтоҷ будааст ва ман ҳам аз оне металабам, ки Ҳаҷҷоҷ металабад.

Мард аз даргоҳ берун мешавад. Ҳаҷҷоҷ мепурсад, ки мард куҷо шуд?

Хизматгорон ҳодиса ва суханҳои мардро айнан нақл мекунанд. Мардро дубора назди Ҳаҷҷоҷ медароранд. Ҳаҷҷоҷ мепурсад:

- Ин 1000 дирҳам нуқраро гир ва бо панҷсадаш қарзатро деҳ ва панҷсади дигарро барои аҳли байтат сарф кун, аммо инро аз ман не, аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дон.

Мард маблағро гирифта, дар ҳаққи эшон дуои хайр мекунад.

*** Дар аксари китобҳо шоҳиди он мебошем, ки Ҳаҷҷоҷро хело шахсияти баду золим меҳисобанд, аммо ин ягона навиштаҷотест, ки Ҳаҷҷоҷро чун шахси саховатманд ва Худотарс муаррифӣ кардааст.

Мангар, ки гуфт, бингар чӣ гуфт.

Мақсад дарсе гирифтан аст. Баъзан зиндоние дарси беҳтаринеро медиҳад ва баъзан донишманде бар нафсаш мағлуб гардида, ба сӯи ҳаромие роҳ нишон медиҳад. Ҳар зоте, ки сухане мегӯяд, ба ғайр аз сухани Аллоҳ ва Расули Аллоҳ (с.а.с.), мо бандаҳо бояд дар тарозӯи ақли хеш баркашем ва баъдан қабулаш намоем.

***ХУДОБАХШ***
***03.09.2011с.***

## Рафтори ҳазрати Иброҳим (а.с) нисбат ба меҳмон

Ҳазрати Иброҳим (а.с.) бе меҳмон хӯрок намехӯрд. Меҳмоне наоянд, назди дарвоза нишаста, интизор мешуд.

Шабе интизори мусофир буд, ки маҷӯсие (оташпараст) омаду гуфт:

- Меҳмони ту шудан мехоҳам.

Ҳазрати Иброҳим (а.с.):

- Имон биёр, то туро меҳмондорӣ кунам.

Маҷӯсӣ таклифро қабул накард. Ӯ, ки мусулмон шуданро қабул накард, ҳазрати Иброҳим (а.с.) низ ӯро меҳмондорӣ накард. Маҷӯсӣ роҳашро идома дод.

Баъдан нидое аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ҳазрати Иброҳим омад, ки ;

- Эй Иброҳим! Он банда ба ман ибодат намекунад ва ман ӯро 70 сол аст, ки ризқ медиҳам. Боре ҳам ризқашро канда накардам. Ту дарҳол беимонияшро ба рӯяш задӣ ва ӯро чун меҳмоне қабул накардӣ.

Ҳазрати Иброҳим (а.с.) пас аз шунидани нидо, ба ҷӯстани маҷӯсӣ пардохт. Ӯро дарёфту гуфт:

- Биё, ба хонаи ман меҳмон шав.

Маҷӯсӣ:

- Пештар маро барои имон наоварданам меҳмон нагирифтӣ ва ҳоло бошад, мехоҳӣ ки меҳмондорӣ кунӣ. Сабабаш дар чист?

Ҳазрати Иброҳим (а.с.):

- Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) барои туро меҳмондорӣ накарданам, маро огоҳ кард.

Маҷӯсӣ:

- Чи Офаридгори бузурге, ки ба хотири мане, ки

имонаш наовардаам, паёмбарашро огоҳ кард. Маҷӯсӣ чунин гуфту имон овард.

*** Меҳмон атои Худост (ҷ.ҷ.). Бо қадри имконият меҳмонро хизмат кун. Ҳадди ақал камҳиммат бошу беҳиммат не. Ҳиммат инсонро воло мегардонад.

***Аз гулӯи худ рабурдан вақти ҳоҷат ҳиммат аст,***
***В-ар на ҳар кас вақти серӣ пеши саг нон афканад.***

***ХУДОБАХШ***
***31.08.2011с.***

## Рафтори ҳассос миёни зану шавҳар

Марде ба ҳамсараш рафтори бад мекард. Доимо қалбашро мешиканад. Рӯзе ба ҳамсараш мегӯяд, ки дарҳол дастархон омода кунад. Зан дастархон омода мекунад. Хӯрокро назди шавҳараш мемонад.

Мард ба хӯрок хӯрдан оғоз мекунад. Хӯрок бенамак омадааст. Пас, аз чанд луқма, аз ҳамсараш намак мепурсад. Ҳамсар ба мард мегӯяд:

- Ту хӯрдан гир, ман меорам.

Мард, пас аз ҳар луқмае садо мебарорад, ки;

-Намак куҷо шуд?

Зан ҳам садо мекард, ки;

- Ҳозир меорам.

Мард бо ҳамин хӯрда, сер мешавад.

Мард ба фикр медарояд, ки қалби ҳамсарашро боз шикастааст ва ҳамсарашро наздаш мехонаду узр мепурсад.

Зан баъди чанд лаҳза намакро ба мардаш дароз карда мегӯяд:

- Марҳамат.

Мард мегӯяд:

- Пас аз тамом кардани хӯрок, намак чӣ лозим?

Зан:

- Баъди қалбамро шикастан узрпурсӣ кардан, ба мисли намакест, ки пас аз сер шудан ба дастархон меояд.

*** Кӯшиш кунем, ки қалби ҳамсарро нашиканем. Қалб, муҳаббат аст ва танҳо муҳаббат мехоҳад. Қадрдонӣ мебояд.

Шавҳари ҳақиқӣ онест, ки дар дили ҳамсар ба ҷойи дард, муҳаббат ҷо мекунад; ба ҷойи шаппот, шафқат ҷо мекунад; ба ҷойи ашки чашм, ишқи самимӣ мебахшад.

***ХУДОБАХШ***
***08.06.2014с.***

## Ризқдиҳанда

Аз олиме пурсиданд:

- Ахмақ соҳиби ризқу рӯзии зиёд асту боақл дар фақирӣ. Ҳикмати ин чист?

Олим ҷавоб дод:

- Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) барои шинохти хеш чунин кардааст. Агар ҳар як боақл соҳиби ризқ мешуд ва ҳар як беақл аз ризқ маҳрум мешуд, боақл фикри онро мекард, ки ақлаш ӯро ризқ додааст. Баръакси ин ҳолро бубинад, пас, зоти дигар будани ризқдиҳандаро дарк мекунад.

*** Дар баробари ёфтани ризқ равиши зиндагӣ дуруст намегардад. Ҳамзамон танҳо ёфтани ризқ неъмат нест, балки хӯрдани ризқу ҳал кардани он ва инчунин ихроҷи он ҳам неъмат аст.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Ризқи зоҳид

Яке аз зоҳидоне, ки доимо дар ибодат буд, гурусна мемонад. Ба мошомаш бӯйи хӯрок омад. Ба берун мебарояд ва шахсеро мебинад, ки хӯрок бурда истодааст. Бӯйи хӯрок барояш хело болаззат омад ва мардро таъқиб кард.

Садои «маблағи мардеро дуздӣ кардаанд» мебарояд ва зоҳидро гумонбар гуфта зиндонӣ намуданд.

Зоҳид ҳарчанд ман дуздӣ накардам гӯяд ҳам, фоида накард. Дар зиндон ӯро даъват карданд:

- Марҳамат биё хӯрок хӯрем.

Марде, ки дар даст хӯрок дошт, хӯрокро барои зиндониён оварда будааст. Зоҳид бо зиндониён хӯрокро нӯши ҷон кард. Дар ин асно:

- Маблағдузд дастгир шуд ва гуфтанд, ки он марди гумонбаршударо озод кунед. Зоҳидро озод намуданд. Зоҳид барои ба серӣ хӯрдани хӯрок зиндон даромаду баромад.

*** Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бар касе молу мулк додан хоҳад, ба ҳар василае ӯро соҳиби мулк мегардонад. Чӣ хеле, ки Аллоҳи Раззоқ (ҷ.ҷ.) ризқи ҷанини дар батн бударо таъмин мекунад, албатта, ки ризқи инсони дар ҳаёт бударо низ таъмин хоҳад кард.

***ХУДОБАХШ***
***17.08.2011с.***

## Ризқи кӣ дар дасти туст?

Шахсе назди ҳазрати Шиблӣ омад ва аз гузаронидани рӯзгор шикоят кард:

- Фарзандони зиёде дорам, ки ризқу рӯзияшонро таъмин карда наметавонам. Хоҳиш мекунам, ки чорае нишонам бидеҳ.

Ҳазрати Шиблӣ фармуд:

- Дарҳол ба хонаат бирав, ризқи касеро, ки дар худат медонӣ аз дар берун бикун. Ризқи касеро, ки дар Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мебинӣ, пас, дар хона бимонад.

*** Агар ризқ аз бозу бошад, пас нотавон ҳаққи зиндагӣ карданро надорад, зеро бозӯи соҳиб шудани ризқро надорад. Аз ин бармеояд, ки;

***Ризқи ҳақ мерасад аз Ҳақ,***
***Ғами беҳуда мехурад ахмақ.***

Аммо дар гӯшае нишаста, интизори ризқ шудан ҳам нишонаи оқилӣ нест, зеро то осиёб гардиш накунад, касе ба он гандум намерезад.

***ХУДОБАХШ***
***30.03.2013с.***

## Ризқи ҳалол

Ҳазрати Абӯбакр (р.а.) ширеро, ки ғуломаш меорад, менӯшад ва ба ғуломаш аз куҷо овардани ширро пурсон мешавад. Ғулом мегӯяд:

- Коҳинӣ кардам (ғайбгӯӣ) ва ба ҳаққи корам ин ширро гирифтам.

Ҳазрати Абӯбакр (р.а.) барои аз меъда баровардани шир ангушт ба даҳон андохт. Ангушташро чунон вориди даҳон кард, ки мисле, ки ҷонаш мебаромад. Баъд чунин фармуд:

- Худоё, аз боқимандае, ки дар меъдаам монду ба рагҳоям омехта шудааст, ба Ту (ҷ.ҷ.) паноҳ металабам.

*** Дар луқмаи ҳалол шифо аст. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар сураи «Моъида» ояти 88-ум фармудааст:

وَكُلُوا مِمَّا رَزَقَكُمُ اللّٰهُ حَلَالًا طَيِّبًا وَاتَّقُوا اللّٰهَ الَّذِى اَنْتُمْ بِهِ مُؤْمِنُونَ

- Аз чизҳои ҳалолу покизае, ки Аллоҳ ба шумо рӯзӣ додааст, бихӯред ва аз Худое, ки ба Ӯ имон овардаед, битарсед.

- Беҳтарин ризқ онест, ки ба ҳалолу ҳаром таваҷҷуҳ гардида ба даст оварда мешавад (маънои ҳадис, Насоӣ).

***ХУДОБАШ***
***17.03.2013с.***

## Риоя бар ҳаққи банда

Устод Алӣ яке аз шогирдонашро мебинад, ки дар девори шахсе чормағз шикаста истодааст. Устод Алӣ, ки дар девори дигаре чормағз машикан. Шогирд сабаби суханро пурсон мешавад.

Устод Алӣ ҷавоб медиҳад:

- Дар вақти шикастани чормағз хокаи девор мерезад ва ин амал ба соҳиби девор зарар мерасонад. Албатта, ки ҳаққи банда пеш меояд.

*** Ҳар як кори баде, ки нисбат ба Ватану миллат карда мешавад, пас бидон, ки ҳаққи тамоми аҳолии Ватан аст. Мардуми кишвар рӯзи қиёмат гиребон мегиранд.

Абӯбакри Шиблӣ қабл аз вафоташ чунин фармудааст:

- Бар сарам як дирҳам ҳаққи банда монда буд. Ба номи соҳиби он як дирҳам, ҳазор дирҳам садақа намудам, аммо то ҳол дар қалбам нороҳатие бузургтар аз он ҳаққи банда чизи дигаре намебинам.

***ХУДОБАХШ***
***20.05.2013с.***

## Роҳи заиф кардани шайтон

Қайс бин Ҳаҷҷоҷ нақл мекунад:

- Шабе шайтонро дар хоб дидам. Ба ман гуфт:

- Вақте ки ман бар бадани ту даромадам, ба мисли уштур будам. Ҳоло бошад, ба мисли парранда шудам.

Ман сабабашро пурсидам. Ба ман чунин гуфт:

- Ту маро бо зикри Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) об мекунӣ.

*** Бузургонамон барои мо роҳҳои рушду камолотро нишон додаанд. Пас, аз мо танҳо амал кардани он лозим аст.

Муоз бинни Ҷабал мефармояд:

- Аҳли ҷаннат аз он афсӯс мехӯранд, ки бештар Аллоҳ (ҷ.ҷ.)-ро зикр нанамудаанд.

***ХУДОБАХШ***
***09.06.2013с.***

## Роҳи наҷот аз азоб

Рӯзе, ки ҳазрати Умар бин Абдулазиз халифа таъйин шуд, Муҳаммад бин Каъбро наздаш хонд ва гуфт:

- Бар гарданам ин вазифаро бор кардам. Роҳи наҷот аз азоби Аллоҳ Таъолоро бар ман нишон бидеҳ.

Муҳаммад бинни Каъб чунин насиҳат фармуд:

- Эй амири мӯъминон! Бузургонро чун падарон, миёнсолҳоро чун бародарон ва хурдсолонро чун фарзандон бидон.

Бар бузургон эҳтиром, ба бародарон адолату марҳамат ва бар фарзандон бошафқат бош.

*** Новобаста аз сатҳи вазифа, лоиқ будан ва ё набудани худро дар вазифа ва инчунин дарки масъулиятро мо бояд ҳар лаҳза пеши чашм оварему дар тарозӯи виҷдон чен кунем. Фаромӯш масозем, ки дар кадом вазифае, ки набошем, масъулиятро дар дунёву қиёмат бар зимма дорем. Пеш аз ҳама, масъулият дар оиларо андеша бояд кард.

***ХУДОБАХШ***
***30.03.2013с.***

## Роҳҳои шинохтани одамон

Шахсе назди ҳазрати Умар (р.а.) омада нисбат ба каси дигар шоҳидӣ додан хост.

Ҳазрати Умар (р.а.) ба ӯ гуфт:

- Ман туро намешиносам, назди ман касеро биёр, ки туро мешиносад.

Шахсе гуфт:

- Ман ӯро мешиносам.

Ҳазрати Умар (р.а.) суол кард:

- Чӣ гуна ӯро мешиносӣ?

Мард ҷавоб дод:

- Чун шахси эътимоднок ва одил.

Ҳазрати Умар (р.а.) дубора суол кард:

- Ҳамсояи наздикат аст, ки шабу рӯзашро медонӣ?

Мард ҷавоб дод:

- Не.

- Тақвои инсонро робитаи доду гирифт маълум мекунад. Бо ӯ доду гирифте кардаӣ? - пурсид ҳазрати Умар (р.а.)

- Не, накардам. - ҷавоб дод мард.

- Барои фаҳмидани ахлоқи хубу бади ин мард, ҳамроҳаш сафаре кардӣ?- пурсид ҳазрати Умар (р.а.).

- Не, накардам. -ҷавоб дод мард.

- Ту ӯро намешиносӣ. - хитоб кард ҳазрати Умар (р.а.) ва ба марде, ки шоҳидӣ кардан мехост, фармуд:

- Бирав ва нафареро биёр, ки туро шиносад.

*** Ҳазрати Умар (р.а.) ба мо дарси онро додааст, ки барои шинохтани фарде, бояд ҳамсояаш бошӣ, ё

доду гирифте дошта бошӣ ва ё ҳамроҳаш сафаре карда бошӣ. Агар аз ин се иқдом якеашро соҳиб набошӣ, пас, нисбати аъмоли касе шоҳид шудан ё шаҳодат наметавонӣ ва нисбаташ ҳақи хайр ва ё шар гуфтанро надорӣ, зеро ту ӯро намешиносӣ.

***ХУДОБАХШ***
***09.02.2014с.***

## Рӯзе мешавад, ки меравӣ ва дубора барнамегардӣ

Муҳаммад Амин шогирдашро мебинад, ки аз ҷаноза баргашта истодааст ва мепурсад:

- Аз куҷо омада истодаӣ?

Шогирд:

- Аз қабристон омада истодаам.

Муҳаммад Амин чунин мефармояд:

- Ин маротиб аз қабристон баргашта тавонистӣ, аммо фаромӯш макун, рӯзе мешавад, ки ба қабристон меравӣ ва дубора баргашта наметавонӣ.

*** Шайх Аттор фармудааст:

***Умрро медон ғанимат ҳар нафас,***
***Чун равад, дигар наояд, бозпас.***

***ХУДОБАХШ***
***02.06.2013с.***

## Рӯҳамон

Дар замонои қадим шоҳе чор ҳамсар дошт. Шоҳ аз ҳама зиёд ҳамсари чорумро дӯстдорӣ мекард.

Шоҳ ҳамсари сеюмашро низ дӯст медошт. Шоҳ аз он метарсид, ки рӯзе ин зебой ӯро тарк мекунад ва аз ин хотир, бисёр эҳтиёткорона рафтор мекард.

Шоҳ ҳамсари дуюмашро ҳам дӯст медошт. Ҳар вақте ки Шоҳ ба камбудие рӯ ба рӯ мешуд, ҳамсари дуюм наздаш омада, ӯро дастгирӣ мекард. Ҳамсари дуюм доимо хуб ва босабр буд.

Ҳамсари якум шоҳро самимона дӯст медошт ва чизе ҳам аз шоҳ интизор набуд, аммо шоҳ ӯро дӯст намедошт ва таваҷҷуҳ ҳам намекард.

Рӯзе шоҳ ба бемории марговар дучор мешавад. Шоҳ дарк мекунад, ки хоҳад мурд. Аз ин хотир, хост бифаҳмад, ки вақти марг кадоме аз ҳамсарҳо бо ӯ ҳамроҳӣ мекунад.

Ҳамсари чорумро даъват кард ва суолро дод, ки бо ман мурдан мехоҳӣ? Ҷавоб дод: наметавонам. Ҷавоб чун корде бар қалбаш расид.

Ҳамсари сеюмро даъват кард ва гӯфт: Ман дар тӯли ҳаёт туро дӯст доштам ва розӣ ҳастӣ, ки бо ман бимирӣ? Ҳамсари сеюм ҷавоб медиҳад: Не, ман мурдан намехоҳам. Ҳаёт зебо аст. Агар ту бимирӣ, ман боз оиладор мешавам. Шоҳ як бори дигар қоматшикаста мешавад.

Ҳамсари дуюмро даъват карда мегӯяд: Ту дар ҳар дардам ҳамроҳӣ мекардӣ ва дастгириям мекардӣ. Розӣ ҳастӣ, ки бо ман бимирӣ? Ҳамсари дуюм ҷавоб медиҳад: Ба ин дархостат коре карда наметавонам. Танҳо то назди қабр ҳамроҳӣ карда метавонам. Ҷанозаи хуб ва мотам ҳам мекунам.

Ҳамсари якумро даъват карда мепурсад: Розӣ ҳастӣ, ки бо ман бимирӣ? Ҳамсари якум ҷавоб медиҳад: Ту ҳар куҷо, ки биравӣ, ман ҳамроҳат ҳастам ва туро таъқиб мекунам. Шоҳ мегӯяд: Кош як имтиёзи дигаре медоштам.

*** Дар ҳаёт ҳамаамон чор ҳамсар дорем:

Ҳамсари 4: Бадан. Ба он чӣ қадаре ки таваҷҷуҳ кунем ва чӣ қадаре ороишаш бидиҳем, вақти марг моро тарк мекунад.

Ҳамсари 3: Молу мулк ва вазифа. Вақте ки маргро чашидем, молу мулк ва вазифа ёри дигаре хоҳад шуд.

Ҳамсари 2: Аҳли байт ва ёру дӯстон. Вақте, ки маргро мечашем, охирин кори эшон, то назди қабр гусел кардан ва ашки чашм резондан мешавад.

Ҳамсари 1: Рӯҳамон. Бо амалҳои хайр рӯҳамонро бояд солиму қавӣ ва шодон бикунем, зеро абадан бо он хоҳем монд.

Албатта зимнан бояд таъкид намоям, ки мо дӯстию бародарӣ ва ҳамсарию фарзандориро ба хотири ризогии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мекунем, то ин ки то абад бо онҳо бошем.

***ХУДОБАХШ***<br>***25.11.2012с.***

## Сабаби қабул нашудани дуо

Иброҳими Адҳам дар Басра аз хиёбоне мегузашт. Мардум аз ӯ суол карданд:

- Чаро ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дуо мекунем, аммо дуоҳоямон қабул намегардад.

Иброҳими Адҳам мефармояд:

- Барои он дуоҳоятон қабул намегардад, ки қалбҳоятон аз ин даҳ сабаб мурдаанд.

1. Аллоҳро медонед, аммо бандагӣ намекунед.

2. Қуръон мехонед, аммо амал намекунед.

3. Даъвои уммати ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) мекунед, аммо суннатҳояшро ба ҷо намеоред.

4. Неъматҳои Аллоҳро истифода мекунед, аммо шукронаи Ӯро намекунед.

5. Даъвои душманӣ бар шайтон мекунед, аммо ӯро пайравӣ мекунед ва хости ӯро амалӣ мегардонед.

6. Даъвои рафтан ба ҷаннат мекунед, аммо барои он коре анҷом намедиҳед.

7. Ҷаҳаннамро ҳақ ва макони даҳшат медонед, аммо аз ӯ намегурезед.

8. Мегӯед, ки марг ҳақ аст, аммо омодагӣ намегиред.

9. Аз хоб мехезед ва айби дигаронро мекобед, аммо айбҳои худро фаромӯш мекунед.

10. Мурдаҳоятонро гӯр мекунед, аммо аз онҳо ибрат намегиред.

Пас, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) чӣ гуна дуоҳои шуморо қабул намояд.

***ХУДОБАХШ***
***04.08.2013с.***

## Сабр бар бало бо рӯҳ аст на бо бадан

Абулҳусайн Нурӣ зоти солхӯрдаву бисёр заифу беҳол буд, аммо бар азиятҳои бузург сабр мекард. Аз ӯ суол карданд.

- Бо ин бадани заиф чӣ гуна ба азиятҳои бузург сабр карда метавонӣ?

Абулҳусайн Нурӣ фармуд:

- Бар балою мусибат бо бадан сабр намекунанд, балки бо қуввати рӯҳ сабр мекунанд. Шахсе, ки рӯҳи қавӣ дорад, дарду бало ва азият барояш сабук менамояд.

*** Баъзан мебинем, ки пиронсолон бо бадани заифи худ соатҳо дар намоз рост меистанд ва ин ҳам аз эътимоду нишонаи волои рӯҳии эшон аст. Барои пайдо намудани ризқи ҳалол бар худ ва фарзандонаш корҳои вазнинро ҳам ба ҷо меоранд. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба рӯҳи ҳамаамон қувваи воло эҳсон намояд.

***ХУДОБАХШ***
***01.05.2013с.***

## Сабр ва дарс

Шахсе ба яке аз тобеъин бо исми Аҳнаф бинни Қайс ҳақорат мекунад. Аҳнаф бошад, ҷавобе ҳам намедиҳад. Мард бошад, ҳақорат карданро давом медиҳад. Баъди чанд лаҳзае Аҳнаф ба мард нигариста, чунин мегӯяд:

- Ягон суханат ногуфта бошад, онро ҳам бигӯ. Ҳамаашро ин ҷо бигӯ, зеро аз ин пас маҳаллаи мо мешавад. Ҷавонҳои маҳалла ба ҳақоратҳои шумо, ба мисли ман сабр намекунанд. Маро эҳтиром мегузоранд ва туро маъюб мекунанд.

Мард аз рафтори беадабонаш шарм кард ва аз Аҳнаф бахшиш пурсид.

*** Ба ҳама имкони дарс гирифтанро бояд дод. Чӣ тариқи китоб бошад, чӣ тариқи зиндагӣ. Баъзан як сухан ва ё як рафтор метавонад, ҳаёти инсонро куллан тағйир бидиҳад. Ҳазрати Алӣ (р.а.) фармудааст:

- Дар бадан сар чӣ нақшеро дошта бошад, дар имон сабр ҳамонро дорад. Чи хеле, ки бадан бе сар намешавад, имон ҳам бесабр намешавад.

***Ақл дар тан ҳокими имон бувад,***
***Ки зи бимаш нафс дар зиндон бувад...***
***Сад ҳазорон кимиё Ҳақ офарид,***
***Кимиёе ҳамчу сабр н-омад падид...***
***Асли лашкар, бегумон, сарвар бувад,***
***Қавми бесарвар тани бесар бувад.***

*(Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ)*

***ХУДОБАХШ***
***02.06.2013с.***

## Савоби қарздиҳӣ

Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) фармудааст:

«Шахсе хайр намекард, аммо ба мардум пул қарз медод. Вақти гирифтани қарзҳояш ба зердасташ чунин мегуфт: Аз онҳое, ки имкон доранд, қарзро бигир. Аз он касоне, ки имкони баргардонидан надоранд, магир. Шояд Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ҳам гуноҳҳои моро мебахшад».

Мард мемирад. Аллоҳ (ҷ.ҷ.) аз ӯ суол мекунад:

- Ягон амали хайр дорӣ?

Мард мегӯяд:

- Не, танҳо пул қарз медодам ва ба зердастам мегуфтам, ки аз онҳое, ки имкон доранд, қарзро бигир. Аз он касоне, ки имкони баргардонидан надоранд, магир. Шояд Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ҳам гуноҳҳои моро мебахшад.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) чунин мефармояд:

- Ман ҳам туро бахшидам ва аз гуноҳҳо халосат кардам.

*** Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар сураи «Бақара», ояти 280 фармудааст:

وَاِنْ كَانَ ذُو عُسْرَةٍ فَنَظِرَةٌ اِلٰى مَيْسَرَةٍ وَاَنْ تَصَدَّقُوا خَيْرٌ لَكُمْ اِنْ كُنْتُمْ تَعْلَمُونَ

«Ва агар қарздор тангдаст бувад, муҳлате бояд то тавонгар гардад. Ва агар доно бошед, донед, ки чун бар ӯ бубахшоед, бароятон беҳтар аст!».

Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) фармудааст: «Ҳар қарзгирандае, ки имкони пардохт дорад ва вақти пардохтро кашола мекунад, зулм кардааст (маънои ҳадис, Муслим, 2924).

*** Ҳар фарде, ки эҳтиёҷ ба қарз дораду қарз

мегирад, кӯшиш ба он диҳад, ки ҳар чӣ зудтар қарзашро баргардонад, то ин ки шахси қарздиҳанда, хислати қарздиҳиро гум накунад. Сабаби монеаи кори хайр кардани мусулмонон нагардем.

Дар миёни мусулмонон сухани душманона вирди забон аст. «Ба дӯстат қарз мадеҳ, ки бегона мегардад». Ин сухан ҳеҷ асосе надорад. Дастгирӣ ҳаргиз бадӣ надорад, ҳол он ки ба бародари мусулмони худ бидиҳӣ, нур ало нур аст, яъне хайр болои хайр.

***ХУДОБАХШ***
***10.02.2013с.***

## Саволдиҳиро низ бояд донист

Комиссия ба синфе барои санҷиш ворид мегардад. Талабаеро аз ҷой мехезонаду мепурсад.

- 3 ва 2 чанд мешавад?

Талаба:

- Манзуратон чӣ аст? Вобаста аз мақсад тағйир меёбад.

Комиссия:

- Чӣ хел?

Талаба:

- Аз 3, 2-ро гирем, 1 мемонад. 1 танҳо Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аст.

- Агар 3-ро ба 2 ҷамъ кунем, 5 мешавад. 5 вақт намоз дар як рӯз.

- Агар 3-ро ба 2 зарб кунем, 6 мешавад. Шарти имон 6 аст.

- 3 ва 2-ро якҷоя хонем, 32 мешавад. 32 фарз (шартҳои имон, шартҳои Ислом, фарзҳои намоз, фарзҳои ғусл, фарзҳои таҳорат, фарзҳои таяммум) аст.

- Агар 3-ро алоҳида бипурсед, 3 фарзи ғусл.

- Агар 2-ро алоҳида бигӯӣ, 2 фарзи таяммум аст.

*** Барои саволдиҳӣ низ ақлу мантиқ мебояд. Ба кӣ чӣ гуна савол доданро бояд донист. Саволи бе макону бе замон инсонро шармсор мекунад. Усул ва маънии савол бошад, дониш ва равони саволдиҳандаро нишон медиҳад.

***ХУДОБАХШ***
***20.01.2013с.***

## Саволу ҷавоб бо ҳазрати Алӣ (р.а.)

Марде назди ҳазрати Алӣ (р.а.) меояду суол медиҳад:

- Воҷиб чист? Воҷиби пеш аз воҷиб чист?

Ҳазрати Алӣ (р.а.): Тавба кардан воҷиб аст. Тарк кардани гуноҳ аз он воҷибтар аст.

Мард: Наздик чист? Пеш аз наздик, наздиктари дигар чист?

Ҳазрати Алӣ (р.а.): Қиёмат наздик аст. Марг аз он наздиктар аст.

Мард: Аҷиб чист? Аз он аҷибтар чист?

Ҳазрати Алӣ (р.а.): Дунё аҷиб аст. Дунёро дӯст доштан аз он аҷибтар аст.

Мард: Душвор чист? Аз он душвортар чист?

Ҳазрати Алӣ (р.а.): Қабр душвор аст. Бе амалу бе ақл ба қабр рафтан душвортар аст.

***ХУДОБАХШ***
***25.03.2012с.***

## Сад далел барои шинохти Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.)

Фахриддини Розӣ бо мардуме, ки эътиқоди нодуруст доштанд, баҳс мекард. Мусулмононро аз таблиғи ботилии мардум муҳофизат мекард. Бо сесад толибилм ба Ҳирот омаданд. Бузургони дину давлат ӯро пешвоз гирифта, меҳмондорӣ намуданд. Шахсе аз он диёр, на ба зиёрати Розӣ меомаду на орзӯи омаданро дошт. Шояд мухолифи Фахриддини Розӣ буд?

Як шахси дорое дар боғи хонааш барои Фахриддини Розӣ зиёфат орост. Ҳадаф аз зиёфат, зоте, ки дар маҳфили баҳс иштирок намекард, дидан буд ва сабаби вонахӯрданашро фаҳмидан ва хатогиро ислоҳ кардан буд.

Фахриддини Розӣ мардро мебинаду наздаш меравад ва аз ӯ суол мекунад:

- Чаро ба зиёрати мо наомадӣ?

Мард мегӯяд:

- Ман фақирам. Ба зиёратат оям ҳам, ба ту шарафе намебахшам ва агар наоям ҳам, ту чизе ҳам аз даст намедиҳӣ. Шумо бо одамони муҳим сарукор гиред.

Аз ин ҷавоб Фахриддини Розӣ дарк кард, ки чунин суханҳо аз касест, ки чашму қалбаш кушода аст. Дубора савол кард:

- Чаро бо мо ҳамроҳ намешавед, шояд гуфтание доред?

Мард гуфт:

- Ту мегӯӣ, ки омадани мардум ба сӯи ту воҷиб аст. Чаро зиёрати ту бар мардум воҷиб будааст?

Фахриддини Розӣ:

- Ман аз аҳли илмам. Зиёраткунандаҳо маро не, илмамро зиёрат мекунанд ва дар мубориза бар зидди

ботил кӯмакам мекунанд.

Мард мефармояд:

- Модоме ки ҳадафи илмат Аллоҳро донистан бошад, пас, Аллоҳро чӣ гуна мешиносӣ?

Фахриддини Розӣ:

- Аллоҳ Таъолоро бо сад далелу бурҳон мешиносам.

Мард:

- Пас, ба ман бигӯ, ки бурҳону далел барои рафъи шубҳа нест магар? Пас, дар ту ин миқдор шубҳа будааст, ки далел ҷустуҷӯ кардаӣ ва бо ин далелҳо шубҳаҳоятро бартараф кардаӣ. Ҳол он ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ман имоне додааст, ки заррае аз шубҳа дар дилам надорам. Ба он чизе, ки шубҳа надорам, чаро далелу бурҳон биҷӯям?

Пас аз ин ҷавоб хомӯшӣ ҳукмфармо шуд. Муфассири машҳур Фахриддини Розӣ наздиктар шуда, мегӯяд:

- Иҷозат деҳ, то дастонатро бӯса кунам. Ту султони намунаи ихлосу имон ҳастӣ. Ба ман бигӯ, шумо ки ҳастед ва маро дар мароқ магузоред?

Шахсе оҳиста бар гӯши Фахриддини Розӣ гуфт:

- Ин зоти шариф, Наҷмиддини Кубро ҳаст.

Фахриддини Розӣ аз зоти шариф талаб кард то ба ӯ иҷозат диҳад, то шогирдаш шаваду аз суҳбаташ баҳра гирад.

***ХУДОБАХШ***
***15.08.2011с.***

## Садақаи мо намозҳоямон шавад

Самнун Муҳиб шахсеро дар Бағдод дид, ки 4000 танга тилло садақа кард. Ба дӯсташ Абӯмуҳаммад гуфт:

- Дидӣ, ки ин мард чӣ қадар савоб гирифт. Дар дасти мо пуле нест, аммо агар хоҳӣ, ки ба қадри ин мард савоб ба даст орем, пас, барои ҳар як танга тилло як ракъат намоз мегузорем. Ва бо дӯсташ якҷоя 4000 ракъатӣ намоз гузоштанд.

*** Барои дарёфти ризогии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ҳама гуна одамон шароит ва роҳҳо муҳайё шудааст. Муҳим хостани банда аст. Дар баробари хостан, амал кардан меояд.

***ХУДОБАХШ***
***20.05.2013с.***

## Сайри ду рафиқ

Ду рафиқ саёҳат мекарданд. Дар роҳ баҳсе миёнашон сурат гирифт. Яке ба дигаре як шаппотӣ мезанад. Мағдур болои қум чунин менависад:

«Имрӯз рафиқи наздиктаринам маро як шаппотӣ зад».

Роҳро идома медиҳанд. Аз пеши роҳашон об меёбанд. Мағдур мехоҳад, ки об нӯшад, ки пояш мелағжаду даруни об меафтад. Қариб буд, ки ғарқ шавад, рафиқаш ӯро наҷот медиҳад. Мағдур аз об мебарояд ва болои санге чунин менависанд:

«Имрӯз рафиқи наздиктаринам ҳаёти маро наҷот дод».

Вақте ки қалбатро шикастам, болои қум навиштӣ ва вақте ки наҷотат додам, болои санг навиштӣ. Сабаб дар чист?

Мағдур чунин ҷавоб дод:

- Ҳар касе моро биранҷонад, бояд болои қум бинависем, то ин ки боди бахшиш онро тоза бикунад. Агар фарде ба мо хубӣ кунад, пас, онро болои санге бинависем, то ин ки ягон боде онро тоза карда натавонад.

*** Ҳатто агар хубие ҳам мекунем, онро набояд чун миннат зикр бикунем. Ба хубиҳо миннат кардан, монанди он аст, ки ба урёне либос пӯшонида, сипас онро дубора аз баданаш гирифтан аст.

Ба неъматҳои дар заминбуда шукр нагӯем, ба аршбуда низ шукр гӯфта наметавонем. Пас, бар хубӣ, ташаккур бояд гуфт ва бар бадӣ сабр кард. Барои дар роҳи роҳи мустақим қоим будан, аз Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) илтиҷо бояд кард.

***ХУДОБАХШ***
***26.01.2013с.***

## Саломат ва боофият дар куҷо аст?

Ҳотами Асам ба марде аз аҳволаш суол кард:

Мард гуфт:

- Саломат ва боофиятам.

Ҳотами Асам фармуд:

- Саломат танҳо баъд аз гузашти пули Сирот мешавад.

Офият вориди ҷаннат шудан аст.

*** Муоз бинни Ҷабал фармудааст:

«Аҳли ҷаннат аз он ҳасрат мехӯранд, ки дар вақти зиндагӣ дар зикри Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) дерӣ кардаанд».

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Санади хона

Марди Хуросоние хонаашро ба 11000 дирҳам мефурӯшад ва Басра меояду аз он ҷо ба Макка меравад. Дар Басра Ҳабиби Аҷамро мебинад ба ӯ миқдоре пул амонат медиҳад ва аз ӯ хоҳиш мекунад, ки то омадани ӯ ва ҳамсараш аз Ҳаҷ, дар Басра барояшон хонаи мувофиқе харидорӣ кунад.

Марди Хуросонӣ бо ҳамсараш роҳи Маккаро мегиранд. Дар он замон дар Басра гуруснагӣ ҳукмфармо буд. Ҳабиби Аҷам бо он пули амонат хӯрока гирифта, ба эҳтиёҷмандҳо тақсим мекунад. Худ ба худ мегуфт, ки агар соҳиби пул розӣ нашавад, пас, кор карда амонаташро бармегардонам.

Марди Хуросонӣ аз Ҳаҷ бармегардад ва аз Ҳабиби Аҷам хонаи интихобкардаву харидорӣ кардаашро пурсон мешавад.

Ҳабиби Аҷам мегӯяд:

- Аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бароятон дар ҷаннат як хонаи боғдор харидам.

Марди Хуросонӣ ба ҳамсараш хабарро мерасонад. Зан хурсанд шуда, санади хонаро талаб мекунад. Ҳабиби Аҷам чунин санаде менависад:

«Бисмиллоҳ. Ин санади хонаест, ки Ҳабиб барои марди Хуросонӣ аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) харидорӣ кардааст. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) хонаро ба марди Хуросонӣ медиҳад ва Ҳабиб аз қарз халос мегардад».

Марди Хуросонӣ баъд аз чиҳил рӯзи гирифтани санад вафот мекунад ва аз рӯи васияташ санадро бо кафанаш гӯр карданд. Баъди чанде аз болои қабраш чунин лавҳаро меёбанд:

- Ин санади озод будани Ҳабиб аз қарзи марди Хуросонӣ аст, ки барояш ба ёздаҳ ҳазор дирҳам хона харида буд. Аллоҳ Таъол (ҷ.ҷ.) хонаи талабкардаи Ҳабибро ба марди Хуросонӣ бахшид ва Ҳабиб аз қарз озод шуд.

Ҳабиби Аҷамӣ лавҳаро дида, онро бӯса мекунад ва гиря карда назди дӯстон давида мегӯяд:

- Ин бахшиши Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бар ман аст.

*** Ҳаст касоне, ки муҳтоҷ ба пораи нонанд, аммо ҳаст онҳое, ки аз дастархонашон нони зиёде партофта мешавад ва ҳатто шахсоне ҳастанд, ки барои як хӯроки кам (гӯё, ки машҳур аст) пули зиёд харҷ мекунанд, ки аз он сер ҳам намешаванд. Хуб мешуд, ки ҳадди ақал моҳе як маротиба дари фақиреро кушоему сабаби дастгирии ӯ шавем ва ҳамзамон даре аз ҷаннат бароямон омода гардад, биизниллоҳ.

***ХУДОБАХШ***
***10.08.2011с.***

## Сарват қадре надорад

Шақиқи Балхӣ баҳри адои Ҳаҷ ба сафар баромад. Халифа Ҳорунаррашид аз ин воқиф шуд ва Шақиқи Балхиро назди худ хонд. Ҳорунаррашид пурсид:

- Ту зоҳид, Шақиқи Балхӣ ҳастӣ?

Шақиқи Балхӣ:

- Шақиқ манам, аммо зоҳид нестам.

Халифа аз Шақиқи Балхӣ насиҳат талаб кард ва Шақиқи Балхӣ фармуданд:

- Ҳушатро ба сар гиру бодиққат бош.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бар ту мақоми Абӯбакри Сиддиқро бахшидааст ва аз ту дурустии Абубакрро талаб мекунад.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бар ту мақоми Умари Форуқро бахшидааст ва аз ту фарқияти ҳаққу ботили чун Умари Форуқро талаб мекунад.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бар ту мақоми Усмони Зиннурайнро бахшидааст ва аз ту ба мисли Усмони Зиннурайн ҳаёю карам талаб мекунад.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ту мақоми Алии Муртазоро бахшидааст ва аз ту ба мисли Алии Муртазо илму адолат талаб мекунад.

Ҳорунаррашид:

- Каме дигар насиҳат фармоед.

Шақиқи Балхӣ:

- Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мақоме дорад, ки онро ҷаҳаннам меноманд ва туро дар он ҷо посбон таъйин карданд. Ба дасти ту се чиз додаанд;

Молу шамшеру тозиёна (қамчин).

Мардумро бо ин се чиз аз ҷаҳаннам дур бикун. Муҳтоҷе ба дарат ояд, ба ӯ мол бидеҳ. Агар касе аз амрҳои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) сарпечӣ кунад, бо тозиёна адабаш бидеҳ ва роҳи хайр нишонаш бидеҳ. Шахсе ноҳақ рафтор кунад ва қотил шавад, пас, рӯ ба рӯяш бо шамшер рост ист. Агар инҳоро анҷом надиҳӣ, аввалин шуда, худат ба ҷаҳаннам меравӣ.

Халифа каме дигар насиҳат талаб кард:

Шақиқи Балхӣ фармуд:

- Ту сарчашмаи об ҳастӣ. Раисон ва қумандонҳои ту шохаҳои об мебошанд. Сарчашмаи об софу тоза ва барроқ аст. Сарчашмаи об агар тоза бошад, пас шохаҳои об ҳам тозаю барроқ мешавад, аммо агар сарчашмаи об ифлос бошад, пас, аз шохаҳои об умеди оби тоза ва барроқ машав.

Ҳорунаррашид:

- Каме дигар нақл кун.

Шақиқи Балхӣ:

- Фикр кун, ки дар миёни биёбон ҳастӣ ва аз беобӣ дар дами марг қарор дорӣ. Дар ин ҳангом касе ба ту об орад, онро ба чӣ қимат харидорӣ мекунӣ?

Ҳорунаррашид:

- Чӣ қадар, ки хоҳад медиҳаму обро мехарам.

Шақиқи Балхӣ:

- Агар гӯяд, ки бар ивази об ними сарвататро мехоҳам, розӣ мешавӣ?

Ҳорунаррашид:

- Бале, розӣ мешавам.

Шақиқи Балхӣ:

- Фикр кун, ки обро бо ними сарватат харидорӣ намудӣ ва нӯшидӣ, акнун дарди пешоб кардан пеш омад, аммо пешоб карда натавонистӣ. Дар ин ҳангом нафаре пайдо шаваду, талаб кунад, ки давои дарди боровардани пешобатро медонам, аммо нисфи боқимондаи сарвататро талаб мекунам. Ба ин шарташ розӣ мешавӣ?

Ҳорунаррашид:

- Албатта розӣ мешавам, агар ки дард дошта бошам, пас, сарват доштанам маъние надорад.

Шақиқи Балхӣ:

- Ба он сарвате, ки бар ивази як қатра об нӯшидану пешоб кардан арзиш надорад, эътимод макун. Назди касе бо сарватат фахр макун.

Баъд аз ин суханон Ҳорунаррашид гиря карду Шақиқи Балхиро бо эҳтиром гусел намуд.

*** Ҳорунаррашид, яке аз халифаи волотарин ва сарватмандтарин ба ҳисоб меравад. Аммо Шайхи бузург барояш насиҳат мекунад, ки ба молу мулкаш эътимод накунад, пас, моро мебояд, ки ба молу мулку сарватамон ҳеҷ эътимод накунем.

Доимо аз бузургон насиҳат бишнавему барчинем ва дар зиндагиямон онҳоро татбиқ намоем.

***ХУДОБАХШ***
***08.07.2012с.***

## Сартарош, дарвеш ва марди бад

Дарвеше ба сартарошхона меравад. Ба сартарош мегӯяд;

- Усто, мӯи сарамро тарош.

Сартарош ба тарошидани сари дарвеш шурӯъ мекунад. Баъди лаҳзае марди баде меояд ва ба сари дарвеш як шаппотӣ мезанаду мегӯяд;

- Каллакаду хез аз ин ҷо. Усто мӯи сар ва риши маро оро мекунад.

Дарвеш, ки бар муқобили лагаду шаппотӣ бе дасту по ва ноилоҷ буду бар ҳақоратчиҳо безабон, хеста дар курсии дигар мешинад. Дарвеш андеша мекунад, ки он чӣ, ки аз халқ меояд, аз Ҳақ Таъоло (ҷ.ҷ.) аст.

Марди бад ҳақораткуниро нисбати дарвеш идома додан мегирад.

Усто мӯи сар ва риши мардро орову торо карда ҷавобаш медиҳад. Марди бад берун мебарояд. Дар ҳамин лаҳза аспи аробадоре бо суръати баланд марди бадро зада мегузарад. Мард дар ҷояш ҷон медиҳад.

Сартарош ба дарвеш мегӯяд:

- Магар каме сарди бад нашуд?

Дарвеш мефармояд:

- Валлоҳ, ки ман қаҳр накардам ва ҳатто ҳаққамро бар ӯ бахшидам. Бидон, ки каллакаду ҳам соҳиб дорад. Соҳиби каллакаду ранҷидааст.

*** Шарт нест, ки одами ранҷида даст ба дуои бад кунад. Танҳо «оҳ»-и дард кашиданаш, чун дуои бад қабул мешавад. Рафторе накунед, ки сабаби «оҳ»-и касе гардад, алалхусус «оҳ»- и волидайн.

***Маранҷон кас, мапурсаш узр аз он пас,***
***Ки бад кардан бувад ранҷондани кас.***

*(Носири Хусрав)*

***ХУДОБАХШ***
***21.07.2013с.***

## Сафар бо хачир

Ҳазрати Алӣ (р.а.) болои хачир савор шуда мерафт. Шахси беҳудагӯе ин ҳолатро дида, чунин гуфт:

- Ту, ки шери Худо (ҷ.ҷ.) ҳастӣ, магар ба ин хачир савор шудан ба ту зеб медиҳад?

Ҳазрати Алӣ (р.а.) чунин ҷавоб дод:

- Ин хачир чунон ҷасур аст, ки аз ҳуҷуми душман намегурезад. Чунон мард аст, ки ба гурехтаҳо ҳуҷум намекунад. Хислате надорад, ки одамони бемолу мулкро ҳақир шуморад. Чунин хачир ба як одам басанда ҳаст ва ҳатто зиёдатӣ аст.

*** Вақте ки инсон мехоҳад соҳиби чизе (мошин, хона, вазифа, молу мулк) шавад, танҳо тарафҳои мусбати онро мебинад, аммо вақте ки ба он соҳиб шавад, тарафҳои манфияшонро мебинад. Барои намуна: То соҳиб шудани мошин, фикр мекунем, ки ақрабоҳоро зиёрат мекунем, зуд-зуд хонаи волидайн меравем, зиёрати бузургонро мекунем. Аммо вақте ки соҳиби мошин шавем, он гоҳ мегӯем, ки сузишворӣ зиёд мехӯрад, равған қимат шудааст ва ғайра.

Он чӣ, ки дар даст дорем, қадрашро бояд донем.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Саховатмандии ҳазрати Алӣ (р.а.)

Ҳазрати Алӣ (р.а.) бо хизматгораш Қанбар дар роҳ мерафт. Фақире пешашон баромад ва хурмо талаб кард. Ҳазрати Алӣ (р.а.) ба Қанбар гуфт:

- Ё Қанбар, ин марде, ки аз мо хурмо хоҳиш кард, хосташро бидеҳ.

Қанбар гуфт:

- Ё Имом! Хурмо дар халта аст.

Ҳазрати Алӣ (р.а.) фармуд:

- Ин хел бошад, халтаро деҳ.

Қанбар ҷавоб дод:

- Халта дар уштур аст.

Ҳазрати Алӣ (р.а.) боз фармуд:

- Ин хел бошад, бо уштур якҷоя бидеҳ.

Баъди ин сухан, Қанбар дасташро аз ёли уштур гирифта ва ба Имом чунин сухани ҳазломезе гуфт:

- Ё Имом! Агар бигӯям, ки дастам дар ёли уштур аст, маро ҳам мебахшӣ.

*** Ҳиммат баланд дор, ки мардони рӯзгор,
Аз ҳиммати баланд ба ҷое расидаанд.

Ҳар қадар ҳиммат саривақтӣ бошад, ҳамон қадар боқадру қимат мегардад. Дерӣ кардан ва ё иқдом набахшидан хатогист ва ҳатто гуноҳ навишта мешавад.

Шахсе, ки аз дасташ хубӣ меояду онро амалӣ намекунад, маънои содир кардани гуноҳро дорад (Песталоззӣ).

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Саховатмандтарин шахс

Омодагӣ ба сафар буд. Ҳазрати Расулуллоҳ (с.а.с.) аз ҳама то қадри имкон дастгирӣ карданро талаб кард. Ҳазрати Умар (р.а.) моли зиёде овард. Расулуллоҳ (с.а.с.) пурсиданд:

- Эй Умар! Чӣ қадари молатро чун кӯмак овардӣ?

Ҳазрати Умар (р.а.) ҷавоб дод:

- Ё Расулуллоҳ (с.а.с.)! Нисфи моламро овардам. Ба мисли миқдори моли оварда, дар хона дорам.

Каме дертар ҳазрати Абӯбакр (р.а.) ташриф овард. Ӯ низ моли зиёде овард. Расулуллоҳ (с.а.с.) пурсиданд.

- Чӣ қадари молатро чун кӯмак овардӣ?

Ҳазрати Абӯбакр (р.а.) ҷавоб дод:

- Ё Расулуллоҳ (с.а.с.)! Ҳамаи моламро овардам. Дар хона ба ҷуз муҳаббати Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ва Расули Аллоҳ (с.а.с.) чизе намондам.

Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) гуфт:

- Дар фидокорӣ дар роҳи Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) касе аз Абӯбакр (р.а.) пеш нахоҳад шуд.

*** Дар кори хайр бояд мусобиқа кунем ва ғолибро самимона муборак бигӯему дуои хайр намоем. Албатта, ҳаёти ҳар як нафар барои мо дарсе аст. Мо ҳам миёни дӯстон мусобиқаи кӯмак бар фақирон, кӯшодани мактабу беморхона ва дигар корҳои хайрро бояд ба роҳ бимонем.

***ХУДОБАХШ***
***06.01.2013с.***

## Саҳоба бахшиш пурсиду Аҳли Байт ба оғӯш гирифт

Соли 657 Ҷанги Сиффин рӯх дод. Ин ҷанг миёни ҳазрати Алӣ (р.а.) ва ҳазрати Муовия (р.а.) буд. Рӯзе ҳазрати Ҳусейн (р.а.) ба Масҷиди Саодат салом дода, медарояд ва дар кунҷе менишинад. Абдуллоҳ фарзанди Амр бинни Ос саломро мегираду ба наздиконаш ҳазрати Ҳусайнро нишон дода мегӯяд:

- Ин зоти шарифро мебинед. Ин кас дар ҳоли ҳозир хайртарин шахси рӯйи замин аст. Мутаассифона, аз ман ранҷидааст ва бо ман суҳбат намекунад. Агар гусфандони бешумор дошта бошам, баҳри суҳбат бо он кас, ба муждарасон мебахшам.

Абӯсаид ал Худрӣ суханҳои Абдуллоҳро гӯш мекард ва чунин гӯфт:

- Модоме, ки боварӣ дорӣ, ки ҳазрати Ҳусейн (р.а.) хайртарин аҳли башар аст, пас, ман шуморо оштӣ медаронам.

Фардои ин ҳодиса, Абӯсаид ал Худрӣ бо Абдуллоҳ назди ҳазрати Ҳусейн мераванд. Аввал худаш ворид шуда, баъдан боисрор Абдуллоҳро низ даровард. Абдуллоҳ бо як эҳтироми хос ворид шуду дар наздики дар нишаст. Ҳазрати Ҳусейн (р.а.) ба Абдуллоҳ гуфт:

- Ту дар ҳаққи ман гуфтаӣ, ки дар ин замон ман хайртарин аҳли башар ҳастам.

Абдуллоҳ:

- Бале, дуруст аст. Ҳеҷ шубҳае надорам.

Ҳазрати Ҳусейн (р.а.):

- Агар чунин бошад, пас, чаро дар ҷанги Сиффин аз қатори Муовия шудӣ ва бар муқобили падари ман ҷангидӣ? Ҳол он ки падари ман аз ман хайртар аст.

Абдуллоҳ медонист, ки чунин суол мешавад ва чунин ҷавоб медиҳад:

- Эй авлоди азизи Расулуллоҳ (с.а.с.)! Хоҳиш мекунам, ки маро каме гӯш кунед ва баъдан ба қарори гуфтаат розӣ мегардам.

Падарам Амр бинни Ос дасти маро гирифта, назди Расулуллоҳ (с.а.с.) бурд ва чунин шикоят кард:

Ё Расулуллоҳ (с.а.с.)! Фарзандам Абдуллоҳ дар ибодат зиёдаравӣ мекунад. Шаби дароз намоз мехонад ва рӯзи дароз рӯзадор аст. Мегӯям, ки зиёдаравӣ макун, аммо маро итоат ҳам намекунад, гӯш ҳам намекунад.

Расулуллоҳ (с.а.с.) ба ман фармуд: Абдуллоҳ, ман шаб намоз ҳам мехонам, хоб ҳам меравам. Рӯз ҳам рӯза мегираму ҳам тановул мекунам (рӯзҳои рӯзадориям ҳам ҳасту рӯзҳои берӯзагиям ҳам). Ту ҳам чунин бикун. Ин қадар зиёдаравӣ макун. Иловатан ба ман таъкид кард, ки ҳаргиз аз сухани падарат берун машав ва беитоатӣ макун.

Ман дар чандин набардҳо аз ҷумла дар фатҳи Шому Фаластину Миср иштирок намудам ва аз назди падарам дур нашудам. Аммо дар ҷанги Сиффин канора будам, зеро ин ҷанг чун ҷангҳои пешин набуд. Падарам сухани бобоят ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.)-ро ба ёдам овард, ки бояд падарамро итоат бикунам. Ман ҳам бар муқобили он таъкид набошам гуфта, дар назди падарам қарор ёфтам. Аммо бояд бигӯям, ки ҳаргиз тире холӣ накардам ва сухани дилшикастае нагуфтаам. Танҳо ба хотири итоат кардан назди падарам истодам.

Аммо кош дар ҷангҳои гузашта ҷон медодаму дар ҷанги Сиффин бар муқобили шумо намебудам. Шабу рӯз пушаймонӣ мехӯрам ва товбаю надомат мекунам.

Баъди ин суханҳо дар чеҳраи ҳазрати Ҳусейн (р.а.)

табассум пайдо мегардад ва мефармояд:

- Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) нияти ҳар як касро хело хуб медонад.

Абӯсаид ал Худрӣ чунин таклифро пеш меорад:

- Магар вақти ба оғӯш гирифтан наомадааст?

Абдуллоҳ аз ҷойи нишастааш бо эҳтиром мехезаду тарафи ҳазрати Ҳусейн меояд. Ҳазрати Ҳусейн (р.а.) низ дастонашро мекушояду якдигарро ба оғӯш мегиранд.

*** Мо барои корҳои ночизи дунявӣ аз якдигар меранҷем, ки агар каме андеша кунем, куллан арзише надорад. Кибру ғурурро як тараф гузорему дасти оштӣ дароз кунем. Муттаҳидии мо душманро меҳаросонад, аммо парокандагии мо бошад, душманро қавӣ мегардонад. Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) фармудааст:

- Қаҳриро оштӣ кардан аз намози нафл ва рӯза хайртар аст.

Дар баробари ҳама иқдомҳоямон, иловатан бояд, ки дар нақшаҳои худамон оштӣ додани қаҳрибудаҳоро ҳам, ҷо диҳем.

***ХУДОБАХШ***
***12.07.2015с.***

## Се масъала

Ҳазрати Имоми Аъзам (р.а.) ҳангоми сафари Ҳаҷ дар Мадина бо Саид Муҳаммади Бакр рӯ ба рӯ шуд, ки миёнашон чунин гуфтугӯ сурат гирифт:

Саид Муҳаммади Бакр фармуд:

- Ту ба ақли худат қиёс мекунӣ, ки дину ҳадиси бобоямро (пайғомбарамон) дигар карда истодаӣ.

Имоми Аъзам:

- Аз чунин кор ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) паноҳ металабам. Хоҳиш мекунам, шинед. Ба Расулуллоҳ (с.а.с.) ва ба ту ҳам эҳтиром дорам. Акнун аз ту се масъала мепурсам. Якум:

- Мард бақувват аст ё зан?

Саид Муҳаммади Бакр:

- Зан аз мард беқувват аст.

Имоми Аъзам:

- Дар мерос ҳаққи мард чӣ қадар аст ва аз зан чӣ қадар?

Саид Муҳаммад Бакр:

- Дар мерос ҳаққи мард ду аст ва аз зан як.

Имоми Аъзам:

- Ин сухани Расулуллоҳ (с.а.с.) аст. Агар ман инро иваз мекардам, пас, ба ҳисоби ақлу қиёси ман, аз барои заиф будани зан, ҳаққи меросро бар зан ду ҳисса мегузоштаму бар мард як.

Имоми Аъзам саволи дуюмро чунин мепурсад:

- Намоз боло аст ва ё рӯза?

Саид Муҳаммади Бакр:

- Намоз аз рӯза боло аст.

Имоми Аъзам:

- Ин сухани Расулуллоҳ (с.а.с.) аст. Агар сухани Расулуллоҳ (с.а.с.)-ро бо ақлу қиёсам дигар мекардам, пас дар вақти бемор будани зан, қазоӣ адо кардани намозро амр мекардам, аммо амр мекардам, ки рӯзаро қазо нагиранд.

Имоми Аъзам (р.а.) сеюм саволро мепурсад:

- Пешоб ифлос аст ва ё манӣ (сперма)?

Саид Муҳаммади Бакр:

- Пешоб аз манӣ ифлостар аст.

Имоми Аъзам:

- Агар, ки дин ва сухани Расулуллоҳ (с.а.с.)-ро дигар карданӣ мешудам, пас барои пешоб ғусл карданро ва барои манӣ бошад, танҳо таҳорат карданро мегуфтам.

Аз ин лиҳоз, аз дигар кардани дину ҳадис тариқи ақлу қиёс ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) паноҳ металабам.

Саид Муҳаммади Бакр аз ҷо мехезад ва Имоми Аъзамро ба оғӯш мегираду муборакбодаш мекунад.

*** Он чи дину ҳадис роҳбаладӣ мекунад, набояд бо ақли дарк мавриди баҳодиҳӣ қарор бидиҳем, зеро аз ҳикматҳои он оҷизем.

Мисоли дигар: дар вақти маҳс кардани по, болои маҳсиро маҳс мекунем, ҳол он ки таги маҳсӣ ифлос мешавад.

Чи хеле, ки бо коса тамоми оби баҳрро гирифта намешавад, пас, мо ҳам бо ақли кӯчаки худ, ҳикматҳои амру ҳадисро ба куллӣ ҳазм карда наметавонем, аз ин лиҳоз, муқаллиди паёмбари акрамем (с.а.с.).

***ХУДОБАХШ***
***08.07.2012с.***

## Се намуди косахонаи сар

Баҳлули Доно аз мазоре се косахонаи сарро мегирад ва ба бозор оварда, ба фурӯш мебарорад.

Мардум таваҷҷуҳ намуда аз Баҳлули Доно қимати косахонаҳои сарро пурсон мешаванд. Баҳлули Доно ҷавоб медиҳад:

Косахонаи сари якум бепул, косахонаи сари дуюм аз об арзонтар ва косахонаи сари сеюмро напурсед.

Сабаби қиматҳои гуногун будани косахонаҳои сарҳоро пурсон шуданд:

Баҳлули Доно гуфт:

- Косахонаи сари якум, сарсахт аст, ки насиҳатро ҳам гӯш намекунад, аз ин рӯ, панҷ дирҳам намеарзад.

- Косахонаи сари дуюм, сари холӣ аст, ки насиҳатро мехоҳад, аммо онро қабулу татбиқ намекунад.

- Косахонаи сари сеюмро, «сари мукаммал» меноманд. Дар он ҳам амал аст ва ҳам ихлос. Ҳадафи ин сар, ризогии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аст. Аз ин рӯ, арзишаш ба тилло баробар аст.

***ХУДОБАХШ***
***08.07.2012с.***

## Сирри оила ифшо намегардад

Шахсе аз ҳамсараш ҷудо шудан мехоҳад. Судя аз мард суол мекунад:

- Бо кадом сабаб аз ҳамсарат ҷудо шудан мехоҳӣ?

Мард:

- Шахси боақл, сирри оилаашро ифшо намекунад.

Баъд аз ҷудоӣ, суоли мазкурро дубора пурсиданд. Мард ин маротиб чунин гуфт:

- Акнун ӯ аз оилаи ман нест. Ман нисбати ӯ ҳаққи гуфтор надорам.

*** Сирри оиладориро набояд ба касе гуфт, ҳатто баъд аз ҷудошавӣ ҳам. Агар нисбати оилаат сухани баде паҳн кунӣ, он гоҳ рӯзе сухан ба гӯши оилаат мерасад ва он ҳам сабаби бадтар шудани вазъи оила ва ҳатто сабаби пароканда шудани он мегардад.

Агар баъд аз ҷудошавӣ, оиларо танқид кунӣ, он гоҳ ҳам дар ғайбат шарик ҳастӣ ва ҳам сабаби монеаи оиладоршавии ӯ мегардӣ. Ин аст, ки ҳаргиз набояд сирри оиларо (сифати шарри оиларо) ба дигарон гуфт.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Содиқии ҳазрати Абӯбакр (р.а.)

Пас аз фатҳи Макка дар миёни афроде, ки Исломро қабул намудаанд, падари ҳазрати Абӯбакр (р.а.) Абӯкуҳофа ҳам буд. Синну солаш аз 80 гузашта буд. Абӯкуҳофа назди Расулуллоҳ (с.а.с.) калимаи шаҳодат арза намуд. Ҳазрати Абӯбакр (р.а.) бошад, гиря мекард. Ашки чашми шодиёна набуд. Ашки ғам буд. Ба ҳазрати Абӯбакр (р.а.) суол карданд:

- Барои чӣ ашки шодӣ нею ашки ғам дорӣ?

Ҳазрати Абӯбакр (р.а.) ҷавоб дод:

- Орзӯи бузургтарини Расулуллоҳ (с.а.с.), мусулмоншавии Абӯтолиб буд, аммо ин орзу амалӣ нагардид. Ман мехостам, ки ҳозир ба ҷойи падари ман, Абӯтолиб калимаи шаҳодат меовард. Аз оне, ки падари ман мусулмон шудану дили ман шод гардид, Абӯтолиб мусулмон мешуду дили Расулуллоҳ (с.а.с) хушнуд мегардид, беҳтар буд. Барои ҳамин гиря дорам.

*** Ин аст, муҳаббат ва боло донистани Расулуллоҳ (с.а.с.) аз нафси хеш. Хушнудии маҳбуби хешро аз нафси хеш боло донистан, нишонаи содиқӣ ва муҳаббату эҳтиром аст.

***ХУДОБАХШ***
***05.01.2014с.***

## Суръати мошинро нигоҳ дор

Марде бо суръати баланд мошинашро меронад. Дар роҳ корманди БДА манъаш мекунад. Корманди БДА назди мошин меояд. Ронанда мегӯяд, ки агар ин маротиб санад бикунанд, пас, аз шаҳодатномаи ронандагӣ маҳрум мемонам, зеро танҳо як имтиёзи дигар дораму халос. Корманди БДА қоғазу қаламашро мегираду ба навиштан оғоз мекунад. Ронанда мегӯяд;

- Агар ту ин санадро нависӣ, ман аз шаҳодатномаи ронандагӣ маҳрум мешавам ва дигар ронандагӣ намекунам. Кор, ки накардам, бепул мемонам. Бепул, ки монам, духтарамро ба мактаб равон карда наметавонам.

Корманди БДА ҳам гӯш карда истодаасту ҳам навишта истодааст. Ронанда мегӯяд:

Модоме ки навишта истода бошӣ, баҳонагӯии ман чӣ фоида?

Корманди БДА санадро дар оинаи пеши мошини ронанда мемонаду меравад. Дар қоғаз чунин навишта шудааст:

- Муҳтарам ронанда! Ман ҳам духтар доштам. Ӯ ҳам бояд ба мактаб мерафт, аммо ронандае бо суръати баланд мерафт. Мошинашро идора карда натавонист ва духтари маро зад. Духтарам вафот кард. Ронанда зиндонӣ шуд. Ҳоло баромадаасту бо фарзандонаш хурсандона зиндагӣ доранд, аммо духтари ман назди ман нест. Ҳар рӯз духтарамро фикр мекунам. Ту ҳам оҳиста рон, то ки ҷони касеро нагирӣ.

*** Касе, ки қойдаҳои ҳаракати роҳро риоя намекунад ва алалхусус бо суръати баланд мошин меронаду ба садама дучор мешавад, фикри онро накунад, ки ронанда шаҳид шудааст. Риоя накардани қоидаҳое, ки аз ҷониби

идораҳои дахлдор тарҳрезӣ мегарданд, маънои худкушӣ кардан аст. Дар баробари нобуд сохтани хеш, дигарон низ осеб мебинанд. Ҳам худ ва аҳли байти худатро фикр бикуну ва ҳам дигаронро.

***ХУДОБАХШ***
***01.11.2015с.***

**Сухан не, амал лозим**

Аз Муҳаммад бинни Исҳоқ нақл аст, ки ба Бишр бинни Ҳорис суол кард:

- Дар роҳи Иброҳим бинни Адҳам қадам гузоштан мехоҳам, магар ин мумкин аст?

Бишр бинни Ҳорис ҷавоб дод:

- Не, ба ин тоқат карда наметавонӣ.

Дубора пурсидам:

- Чаро?

Бишр бин Ҳарис чунин ҷавоб дод:

- Зеро Иброҳим амал мекунад, сухан намекунад. Ту бошӣ, сухан мекунӣ, амал намекунӣ.

*** Аз зарфи холӣ садои баланд мебарояд. Ашхосе, ки доду фиғон мекунанд, чун зарфи холӣ мебошад. Рафтори намунавӣ беҳтар аз сад насиҳати шифоҳист. Сад гуфтор, ба як амал баробар намешавад.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Сухани нозуконаи ҳазрати Умар (р.а.)

Дар замони хилофати ҳазрати Умар (р.а.) шахсеро барои duздияш дастгир карданд. Мардро барои гирифтани ҷазо ба дасти масъулин супориданд. Дар ин вақт мард гуфт:

- Эй Амирмӯъминин, маро бубахш. Ин гуноҳи аввалини ман аст. Маро бубахш дигар такрор намекунам.

Ҳазрати Умар (р.а.) ҷавоб дод:

- Не, дурӯғ мегӯӣ, зеро Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) касеро барои гуноҳи аввалинаш ҷазо намедиҳад. Гуноҳи аввалинашро пинҳон мекунад. Ту, ки дастгир шудаӣ, пас, ин гуноҳи аввалини ту нест.

*** Дари тавба то рӯзи марг кушода аст. Агар пас аз хатогӣ ғамгиние дар дил ҳис кунед, иншоаллоҳ, гуноҳи кардашуда бахшида мегардад. Аммо кӯшиш кунем, то хаторо такрор накунем, зеро касе намедонад, ки марг кадом вақт гиребони бандаро мегирад.

***Тавба бар лаб, саҷда бар каф, дил пур аз шавқи гуноҳ,***
***Маъсиятро ханда меояд зи истиғфори мо.***

*(Соиби Табрезӣ)*

***ХУДОБАХШ***
***17.08.2011с.***

## Суҳбати модар бо духтар

Модар аз духтар мепурсад:

- Барои писаре, ки дишаб хостгорӣ омаданд, розӣ ҳастӣ?

Духтар:

-Бале, модар.

Модар:

- Ту ба осонӣ розӣ намешудӣ. Ба кадом сабаб розӣ шудӣ?

Духтар:

- Ӯ калиди муқаддасе дорад.

Модар:

- Калиди мошин? Калиди қаср? Калиди суратҳисоби бонкӣ?

Духтар:

- Ҳеҷ кадоми аз инҳо.

Модар:

- Пас, чӣ калидест, ки туро мафтун карду розӣ шудӣ?

Духтар:

- Дар суҳбаташ аз имону имондорӣ ҳарф мезад. Шахси имондори қавӣ, дар як рӯз ками дар кам панҷ вақт намоз адо мекунад. Магар намедонед, ки «Намоз калиди ҷаннат аст».

*** Оиладорӣ дар доираи Ислом хушбахтӣ меорад, на молу мулки шуҳрат. Бисёр молдорону шуҳратдорҳоро мебинем, ки ё дар аввали оиладорӣ ва ё дар байн, ё охири оиладорӣ ғамгин мегарданд. Ҳатто чунон ғамгине, ки гӯё ҳаргиз шодие накардаанд. Ба мисоли:

- Худованд баракати ризқи оиларо дар муҳаббати зану шавҳар пинҳон кардааст (маънои Ҳадис).

Дар кафи даст донаҳои бодом дорӣ. Бо табъи болида ва ширин нӯши ҷон кардан мегирӣ. Дар охир донаи талхе ба даҳон гузорӣ, чунин ҳис ҳукмфармоят мегадад; "Даҳонам талх шуд". Ҳаёт ҳам чунин аст. Дар пиронсолӣ талхие бубинӣ, пас, мегӯӣ, ки умрам ба талхӣ гузашт.

***ХУДОБАХШ***
***08.06.2014с.***

## Суҳбати падар бо духтар

Падаре бо духтараш аз пуле (кӯпрук) мегузарад. Падар ба духтар мегӯяд:

- Дастамро бигир, духтарам, боз ба дарё наафтӣ.

Духтар мегӯяд:

- Не, падар. Шумо дасти маро бигиред.

Падар ҳайрон шуда, мепурсад:

- Духтарам, чӣ фарқе дорад?

Духтар мефармояд:

- Фарқи зиёде дорад. Агар ман дасти шуморо гираму биафтам, ман дастамро аз дастатон ҷудо карда метавонам. Аммо агар шумо дасти маро бигиред, яқинан медонам, ки агар ман биафтам ҳам, дастатонро аз дастам ҷудо намекунед.

Духтарон силаи раҳму шафқатанд.

***ХУДОБАХШ***
***20.05.2013с.***

## Суҳбати падар бо писар

Падар: Фарзандам, дилам дидани туро мехоҳад. Дар куҷо ҳастӣ?

Фарзанд: Падар, кори зиёде дорам.

---

Падар: Фарзандам, чанд маротиба занг задам, аммо туро наёфтам

Фарзанд: Падар, маҷлис доштам.

——

Падар: Фарзандам, имшаб туро дар хӯроки шом интизор мешавам.

Фарзанд: Падар, қаблан бо рафиқҳоям як барномае дар нақша гирифтем.

---

Падар: Фарзандам, гуфтам, ки як овозатро шунавам.

Фарзанд: Падар, телефонро бояд хомӯш кунам. Баъдтар занг мезанам.

---

Падар: Фарзандам, кай ба наздам меоӣ?

Фарзанд: Падар, корам зиёд аст. Вақт шавад, меоям.

---

Падар: Фарзандам, дишаб туро дар хобам дидам. Хуб ҳастӣ?

Фарзанд: Хубам, падар, хубам. Ҳозир дар сари чамбарак ҳастам. Баъдан зангат мезанам.

---

Падар: Фарзандам! Ҳар вақте ки занг мезанам, ту серкорӣ. Туро бисёр ёд кардам. Кай ба наздам меоӣ?

Фарзанд: Уффф, падар, уфффф.

Баъди чанд рӯзе фарзанд ба падар телефон мекунад. Телефонро ҳамсоя мебардорад.

Фарзанд: Падарамро мегуфтам, ки корам бисёр аст ва омада наметавонам.

Ҳамсоя: Падаратон дишаб вафот кард. Охирон суханаш ҳамин буд: «Ҳозир фарзандам дар маҷлис ҳаст ва кораш зиёд аст. Ӯро noроҳат накунед ва маро шумо ба хок супоред».

*** Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар сураи «Нисо», ояти 36 фармудааст:

وَاعْبُدُوا اللّٰهَ وَلَا تُشْرِكُوا بِهٖ شَيْـًٔا وَبِالْوَالِدَيْنِ
اِحْسَانًا وَبِذِى الْقُرْبٰى وَالْيَتَامٰى وَالْمَسَاكِينِ وَالْجَارِ ذِى
الْقُرْبٰى وَالْجَارِ الْجُنُبِ وَالصَّاحِبِ بِالْجَنْبِ وَابْنِ السَّبِيلِ
وَمَا مَلَكَتْ اَيْمَانُكُمْ اِنَّ اللّٰهَ لَا يُحِبُّ مَنْ كَانَ مُخْتَالًا فَخُورًا

«Аллоҳро бипарастед ва ҳеҷ чизро шарики Ӯ масозед ва ба падару модар ва хешовандону ятимон ва бенавоёну ҳамсояи хешованд ва ҳамсояи бегона ва ёри мусоҳибу мусофири раҳгузар ва бандагони Худо некӣ кунед. Албатта, Аллоҳ мутакаббирону фахрфурӯшонро дӯст надорад».

***ХУДОБАХШ***
***20.10.2013с.***

## Суҳбати ҷонон

Ҳазрати Мӯсо (а.с.) пеш аз пайғомбар шудан ба Миср фирор кард. Бо душворӣ ва гуруснагӣ ниҳоят ба Мадян расид. Як гурӯҳ одамонро дид, ки барои об додани гусфандҳо дар каноре ҷамъ шуда буданд. Дар миёни онҳо духтарони ҳазрати Шуъайб (а.с.) низ буданд.

Ҳазрати Мӯсо (а.с.) барои об додани гусфандон ба духтарҳои ҳазрати Шуъайб кӯмак кард. Духтарҳо ба хона омаданд. Ҳазрати Мӯсо (а.с.) зери соя омаду барои рафъи гуруснагӣ ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дуо кард, то барояш ноне равон бикунад. Яке аз духтарони ҳазрати Шуъайб (а.с.) назди ҳазрати Мӯсо (а.с.) омад ва гуфт:

- Падарам туро наздаш даъват мекунад, то ин ки ҳаққи обдиҳии гусфандҳоро бидиҳад.

Ҳазрати Мӯсо (а.с.) бо роҳбарии духтар то ба хонаи ҳазрати Шуъайб (а.с.) омад. Ба хона даромад ва хӯроки омодашударо бидид. Ҳазрати Мӯсо (а.с.) ба дастархон нанишаст ва рост истод.

Ҳазрати Шуъайб (а.с.) фармуд:

- Эй ҷавон! Биншин ва хӯроки шоматро бихӯр.

Ҳазрати Мусо (а.с.) гуфт:

- Ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) паноҳ металабам.

Ҳазрати Шуъайб (а.с.) фармуд:

- Чаро? Магар гурусна нестӣ?

Ҳазрати Мусо (а.с.):

- Гуруснаам, аммо аз он метарсам, ки ин хӯрок чун ҳаққи обдиҳии гусфандон ҳисоб меёбад. Мо чунон оилае ҳастем, ки кореро, ки барои Аллоҳ (ҷ.ҷ.) ва охират намоем, бар ивазаш дунёро бо тилло пур карда диҳанд ҳам, аз он заррае намегирем.

Ҳазрати Шуъайб (а.с) қасам ёд карда, чунин гуфт:

- Хӯрок барои ҳаққи корат нест. Меҳмондорӣ намудан, аз одатҳои гузаштагони мо аст.

Ҳазрати Мӯсо (а.с.) пас аз шӯнидани ин сухан, нишаста, хӯрок бихӯрд.

*** Урфу одатҳои хайри гузаштагонро бояд, ки эҳё бидорем. Амалҳои холисонаро барзиёд анҷом диҳем ва Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бар дили мардум меҳру муҳаббатро маскан мекунад, иншоаллоҳ.

***ХУДОБАШ***
***02.02.2013с.***

## «Таббат» болои «Ихлос» аст

Яҳё аз паси подшоҳи замон сухани пасту баланд мегӯяд. Подшоҳ ӯро ба ҷазирае бадарға мекунад. Ба ин ҷазира Ниёзи Мисрӣ низ бадарға мешавад. Яҳё дар қисмати болои кат ва Ниёзи Мисрӣ бошад, дар қабати поёни кат ҷо мегиранд. Ниёзи Мисрӣ ба Яҳё мегӯяд:

- Ту ҳам бадарға шудӣ?

Яҳё ҷавоб медиҳад:

- Аммо ман дар болоям.

Ниёзи Мисрӣ мегӯяд:

- Чӣ фарқе дорад? «Таббат» ҳам болои «Ихлос» аст.

*** Сураи «Таббат» Абӯлаҳабро, ки душмани Ислом аст, зикр мекунад. Сураи «Ихлос» бошад, ҳастии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.)- ро нақл мекунад. Сураи «Ихлос» сеяки Қуръонро дар бар мегирад. Сураи «Таббат» болои сураи «Ихлос» ҷо гирифтааст. Пас, боло нишастан, маънои афзал буданро надорад.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Таваккул ва ё таъаққул?

Ҳазрати Умар (р.а) бо як гурӯҳе, ки аз Яман омада буданд, вохӯрӣ намуд. Ҳарати Умар (р.а.) аз онҳо суол кард:

- Шумо чӣ гуна рӯзгоратонро мегузаронед?

Мардум:

- Мо аз аҳли таваккулкунадагон ҳастем.

Ҳазрати Умар (р.а.):

- Дурӯғ мегӯед. Шумо аз таваккулкунандагон нестед, шумо аз таъаққулонед, яъне аз кор гурезандаҳо ва аз тайёрахурандаҳо ҳастед.

*** Дар кунҷе нишастану ба иқдоме даст назадану худро аз аҳли таваккул номидан, ба ҷуз фиреб кардани худ ва дигарон чизи дигаре нест. Ҳазрати Умар (р.а.) фармудааст, ки;

- Таърих ёд надорад, ки аз осмон тиллою нуқра рехта бошад.

Мақсад аз ин гуфтаҳо дар он аст, ки инсон дар як ҷо нишаста, бе заҳмат ба ҳадафи зиндагӣ намерасад. Моле, ки бе заҳмат ба даст меояд, дар он хайр нест.

***ХУДОБАХШ***
***30.03.2013с.***

## Таваҷҷуҳи мардум ба кибр роҳ мекушояд

Дирор бинни Мурра аз бозор чизе харидорӣ карда ба пушташ бор карда, сӯи хона раҳсипор шуд. Баъзеҳо наздаш омаданду гуфтанд:

- Боратро ба мо деҳ, мо бардорем.

Дирор бинни Мурра таклифро рад намуда, фармуд:

- Не, ман худам мебардорам. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) кибркунандаҳоро дӯст намедорад.

*** Эҳтироми сохта ва таърифкуниҳои бемаврид сабаби кибр кардани инсон мегардад. Шуҳрат асали заҳрнокест. Бар нафси одам хуш меояд, аммо дар имондорӣ нуқсон меорад. Ҳазрати Абӯбакр (р.а.) фармудааст:

- Фахр макун! Ҳам аз хок омадаӣ ва ҳам ба хок меравӣ ва аз тарафи кирмҳо хӯрда мешавӣ. Ин кибру фахр чӣ фоида дорад?

***ХУДОБАХШ***
***20.05.2013с.***

## Тавба дерӣ надорад

Шахсе аз бани Исроил тӯли бист сол тоату ибодати боихлос намуд. Ҳаргиз калимае исёнеро истифода намекард. Аммо рӯзе шуду ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) исён намуд. Рӯзҳоею солҳо мегузарад. Рӯзе ба ойина назар мекунад ва дар ришаш сафедӣ мебинад. Худ ба худ мегӯяд:

- Рӯзҳои хубе доштаму онро боз сиёҳ кардам. Чаро чунин шудам? Худоё! Ваъда медиҳам, ки дигар бар Ту (ҷ.ҷ.) исён намекунам.

Дигар лаҳзае ҳам наистоду таҳорат кард. Тавба карду чунин дуо намуд:

- Худоё! Ба Ту (ҷ.ҷ.) бист сол итоат кардаму ибодатро ба ҷо овардам, аммо боз бист соли дигар исёр кардаам. Боз ба даргоҳи Ту (ҷ.ҷ.) омадам. Маро қабул мекунӣ?

Бо чунин талаб, зориву тавалло мекард, ки чунин садо шунид:

- Моро дӯст доштӣ, Мо ҳам туро дӯст доштем. Моро итоат кардӣ, Мо ҳам итоататро қабул кардем. Бар Мо исён кардӣ, ба ту муҳлат додем. Ба Мо баргаштӣ, туро қабул кардем.

*** Танҳо ин ду мисра ба ёди инсон меояд, ки саросар аз Раҳмати Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) сухан меравад:

***Карам бубину лутфи Парвардигор,***
***Гуноҳ банда кардаасту Ӯ шармсор.***

***ХУДОБАХШ***
***12.07.2015с.***

## Тавбаи аспдузд

Абдуллоҳи Илоҳӣ нақл мекунад:

Шахсе шабҳо аспдуздӣ карда, умрашро ба ин кори ҳаром сарф мекард. Шабе барои дуздидани асп ба оғили яке аз олимони дин медарояд. Дар лаҳзаи баровардани асп, девори оғил ҷудо шуда, нуре ворид мегардад. Даруни нур ду марди нуронӣ намоён мешаванд. Дузд ин ҳодисаро дида худро даруни порӯи асп партофта пинҳон мешавад. Аз тарсу ваҳм то пеши даҳони дузд пур аз порӯи асп мешавад. Дар ҳамин лаҳза аз тарафи дигари девор як нафари боз ҳам нуронитар, соҳиби хона, олими замон намоён мешавад. Дар аввал ба ӯ салому эҳтиром менамоянд. Соҳиби хона сабаби зиёрати эшонро пурсон мешавад. Онҳо ҷавоб медиҳанд:

- Фалон рафиқи авлиёамон вафот кард. Ба ҷои ӯ, киро таъйин мекунем? Хостем, ба шумо арз кунем.

Олими замон фармуд:

- Ба ҷои ӯ, аспдуздро таъйин кардем.

Онҳо бохабар аз он буданд, ки аспдузд дар порӯи асп пинҳон шудааст. Дарҳол дуздро аз порӯи асп берун карда ӯро табрик намуданду ба оғӯш гирифтанд. Баъдан ҳама дар якҷоягӣ барои адои ҷаноза рафтанд.

Абдуллоҳи Илоҳӣ дар суҳбат нақли мазкурро арз намуд ва чунин идома дод:

- Маълум аст, ки суоле пайдо мешавад, ки аспдузд чӣ гуна ба ин мақом расид. Дар вақти ба порӯи асп пинҳон шудан, хело ва хело ҳам пушаймон гардид. Чунон тавбае намуд, ки қалбаш аз тамоми он хатогиҳое, ки содир карда буд, тоза гардид.

*** Дари тавба то баромадани ҷон кӯшода аст. Муҳим он аст, ки тавбаи насуҳ бояд кард. Муҳим барои ризогии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) қадам мондан аст. Агар ба сӯи ҳаром майл накунем ва ба хатоиҳои кардамон тавбаи насуҳ кунем, он вақт Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бароямон мартабаи волои маънавиро насиб мегардонад, иншоаллоҳ.

Дари тавба кушодааст гуфта, набояд дунболи гуноҳ давид, зеро хавфи хатарноктарине интизор аст. Шояд тавба кардан насиб накунаду ҷон ба Ҷонофарин (ҷ.ҷ.) супорем.

***ХУДОБАХШ***
***27.01.2013с.***

## Тавбаи дӯзанда

Дӯзандае аз дӯстони Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мепурсад:

- Дар бораи ин маънои ҳадиси Расулуллоҳ (с.а.с.) чӣ мефармоед?

«Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) тавбаи бандаи гунаҳгорашро то баромадани ҷон аз гулӯ қабул мекунад».

Дӯсти Худои Таъоло (ҷ.ҷ.) посух медиҳад:

- Ту ба чӣ кор машғулӣ?

Дӯзанда мегӯед:

- Дӯзанда. Либос медузам.

Дӯсти Худои Таъоло (ҷ.ҷ.) суол мекунад:

- Аз ҳама кори осонат кадом аст?

Дӯзанда:

- Қайчиро ба даст гирифтану буридан аст.

Дӯсти Худои Таъоло (ҷ.ҷ.):

- Чанд сол аст, ки ба ин кор машғулӣ?

Дӯзанда:

- 30 (сӣ) сол аст.

Дӯсти Худои Таъоло (ҷ.ҷ.):

- Вақте ки ҷонат дар гулӯ аст, матоъро бурида метавонӣ?

Дӯзанда:

- Не, наметавонам

Дӯсти Худои Таъоло (ҷ.ҷ.):

- Кори осоне, ки сӣ сол инҷониб анҷом медиҳӣ, аммо дар ин лаҳза анҷом дода наметавонӣ. Пас, тавбае, ки ҳаргиз накарда бошӣ, дар вақти баромадани ҷон, чӣ гуна метавонӣ онро анҷом диҳӣ?

*** Расулуллоҳ (с.а.с.) бар замми гуноҳ надоштанаш, дар як рӯз ҳафтод ва ба ривояте сад маротиба «астағфируллоҳ» зикр менамуданд.

Пас, моро мебояд, ки дар як рӯз ҳазор маротиба «астағфируллоҳ» гӯем.

Тавба ва калимаи шаҳодатро бисёр зикр намоем, то вақти марг зикр кардани онро, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бароямон осон бигардонад.

***ХУДОБАХШ***
***08.07.2012с.***

## Тавбаи ҷавон

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ҳазрати Мӯсо (а.с.) хитоб мекунад, ки ;

- «Эй Мӯсо! Дар фалон маҳалла яке аз дӯстони мо вафот кардааст. Рафта, вазифаатро иҷро кун. Агар наравӣ, раҳмати мо вазифаро бар банда иҷро мекунад».

Ҳазрати Мӯсо (а.с.) ба маҳалла меравад ва аз мардуми он диёр мепурсад:

- Имшаб дар ҳамин маҳал ягон дӯсти Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) вафот кардааст?

Мардум:

- Эй пайғамбари Худо! Ягон дӯсти Худо (ҷ.ҷ.) вафот накардааст, лекин дар фалон хона як ҷавони фосиқе вафот кардааст. Аз фисқи зиёд касе ӯро дафн намекунад ва ҳатто наздик намешавад.

Ҳазрати Мӯсо (а.с.):

- Ман ҳамонро меҷӯям.

Ҳазрати Мӯсо (а.с.) вориди хона шуд. Малоики раҳматро дид, ки дар дасташон табақи раҳмат ва ба рӯи ҷасад раҳмат ва лутфи Аллоҳ Таъолоро мепошид. Ҳазрати Мӯсо (а.с.) муноҷот кард, ки;

- Худоё! Ту ки фармудӣ, дӯстам ҳаст, аммо мардум ӯро дар фосиқияш шоҳидӣ медиҳанд. Ҳикматаш дар чист?

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.):

- Эй Мӯсо! Фосиқ гуфтани онҳо дуруст аст, аз гуноҳи ӯ хабар доранд, аммо аз тавбаи ӯ не. Ин бандаи ман субҳ ба хок олуда шуду тавба кард. Ба ҳузурам омад. Ман, ки Аллоҳам, тавбаашро қабул кардам ва раҳматаш кардам, то ки донанд, ки даргоҳи мо даргоҳи ноумедӣ нест.

*** Мавлонои Рум мефармод:

***Боз о, боз о, ҳар он чӣ ҳастӣ, боз о,***
***Гар кофару габру бутпарастӣ, боз о.***
***Ин даргаҳи мо даргаҳи навмедӣ нест,***
***Сад бор агар тавба шикастӣ, боз о.***

Ҳаргиз фирефтаи суханони шайтон аз қабили «пагоҳ намозро сар мекунӣ», «пир, ки шудӣ ҳаҷ меравӣ» ва ғайраҳо набояд шуд. Дари тавба доимо кушода аст, албатта, дари марг ҳам доимо кушода аст. Фурсатро ғанимат дон ва вориди дари марг ношуда, тавбаи насуҳро бояд кард. Шайх Аттор мефармояд;

***- Умрро медон ғанимат ҳар нафас,***
***Чун равад, дигар наояд боз пас.***

*Бо дуо,*

***ХУДОБАХШ***
***15.01.2012***

## Тавсияи девона ба авлиё

Боязиди Бастомӣ, ки яке аз авлиёҳои бузург аст, аз назди девонахонае мегузарад ва мебинад, ки масъуле чизеро зада истодааст. Аз ӯ мепурсад:

-Чи кор карда истодаӣ?

Масъул:

- Ин ҷо девонахона аст ва барои девонаҳо дору тайёр карда истодаам.

Боязиди Бастомӣ:

- Барои бемории ман ҳам доруе тавсия медиҳед?

Масъул:

- Беморияtро бигӯ.

Бастомӣ:

- Бемории ман, бемории гуноҳ аст. Бисёр гуноҳ мекунам.

Масъул:

- Ман аз бемории гуноҳ чизе намефаҳмам. Ман барои девонаҳо дору тайёр мекунам.

Девонае ин суҳбатро мешунавад ва аз миёни панҷара ба Боязиди Бастомӣ мегӯяд:

- Биё бобо, биё! Ман давои бемории туро бигӯям.

Боязиди Бастомӣ назди девона меравад.

- Канӣ бигӯ, дармони ман чист?

Девона чунин чора гуфт:

- Решаи тавбаро бо барги истиғфор омехта кун, ҳавою ҳаваси қалбатро бо мушти тавҳид зарба зан, аз ғерболи инсоф гузарон, бо ашки чашмат омехта кун ва дар тафдони ишқ бипаз. Саҳару шом истеъмол кун. Он вақт мебинӣ, ки дар беморият асаре намемонад.

Боязиди Бастомӣ ин дорӯи аълоро гирифту гуфт:

- Эй дунёи бевафо! Туро девона гуфта, ба ин ҷо овардаанд.

*** Дар ҳоле, ки шайхи бузургвор ин дорӯро истеъмол мекунад, пас, моро мебояд, ки аз ин дору зиёдтар истеъмол кунем, зеро дарди мо барзиёд аст.

Пеш аз табобати бадан ба табобати рӯҳ бояд кӯшиш кард.

***ХУДОБАХШ***
***28.01.2012с.***

## Тавсияҳо

Иброҳими Адҳам қиссаеро чунин нақл мекунад:

Рӯзе ба зиёрати ман меҳмонҳо ташриф оварданд. Дарк кардам, ки аз афроди солеҳ мебошанд ва хоҳиш кардам, ки бар ман насиҳат бифармоянду ман ҳам аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) битарсаму соҳиби тақво гардам. Ба ман чунин насиҳатҳо карданд:

1. Касе ҳар хосту нохостро вирди забон меорад, аз ӯ бедории қалбро интизор машав.

2. Касе барзиёд хӯрок мехӯрад, аз ӯ ҳикмат маҷӯ.

3. Касе ба моли дунё муҳаббати зиёд мекунад, аз ӯ хотимаи хайр интизор мабош.

4. Касе ҷоҳил гардад, аз ӯ ҳаёти солим интизор машав.

5. Касе бо золим дӯстӣ мекунад, аз ӯ истиқомати дин интизор машав.

6. Касе танҳо мамнунияти мардумро мехоҳад, аз ӯ розигии Аллоҳ Таъолоро интизор машав.

7. Касе худро ба кори беҳудаи мардум банд мекунад, аз ӯ гирифтани маззаи ибодатро интизор машав.

***ХУДОБАХШ***
***12.07.2015с.***

## Тадбири ҳақиқӣ

Шайх Вафо яке аз бузургони даври худ буд. Фарзандаш одати баде дошт, ки дар нуги чӯб мехеро васл карда, бо он обдонҳои (бо пусти ҳайвонҳо омода мешуд) обёрҳоро сӯрох мекард.

Мардум фикр мекарданд, ки фарзанди зоти хайр аст ва одати кӯдак зудтар мегузарад. Рӯзҳо гузашт, аммо кӯдак тарки одат накард. Шикоятро ба Шайх Вафо расониданд. Шайх дар фикр фурӯ рафт, ки ин қадар кӯшишҳо ба луқмаи ҳалол намудам ва ин чӣ рафторест, ки бар фарзандам одат шудааст. Шайх Вафо ба мардум гуфт:

- Мавзӯъ фаҳмида шуд ва бартараф мегардад. Зарари ба шумо расида ҳам ҷуброн мегардад.

Аввал аз худаш пурсон шуд, ки магар ба ин кӯдак нофаҳмида, ягон луқмаи ҳаром хуронда бошам. Фикр кард, аммо чизе пайдо накард. Аз ҳамсараш пурсид:

- Дар вақти ҳомиладор буданат ва ё вақти шир доданат луқмаи ҳароме хурдӣ? Хуб фикр бикун. Ба ман бигӯ, вагарна оқибати фарзандамон бадтар мегардад.

Хонум фикр кард ва дар охир ҳодисаеро ба ёд овард. Дар вақти ҳомиладорӣ барои хонаи ҳамсоя рафта буд. Болои миз табақи пур аз афлесун буд. Дилаш бисёр хост, аммо аз пурсидан шарм кард. Вақте ки соҳиби хона берун мебарояд, бо сӯзани гиребонаш афлесунро сӯрох карду оби афлесунро нӯшид.

Шайх Вафо ба ҳамсараш гуфт:

- Хонум лаҳзае вақтро аз даст мадеҳу зуд ба хонаи ҳамсоя рав. Ҳодисаро нақл кун. Хоҳиш кун, то ҳақашро ҳалол бигардонад. Шайх Вафо мардумеро, ки зарар дидаанд, даъват намуд ва зарарҳояшонро ҷуброн кард.

Кӯдакро сарзаниш накард, аммо кӯдак тарки одати бад намуд.

*** Вақте ки фарзанд амали баде мекунад, дарҳол бар гузаштаи худ назар бикунем. Хатои кардаамонро дарёбемуислоҳи он кунем, то ин ки фарзанд низ ислоҳ бигардад. Дар ҳар хатогии фарзанд, айбе аз ҷониби волидайн сабаб гардидааст. Баъзан аз гусфанди сафед, барраи сиёҳ низ тавлид мегардад, аммо ин ҳам чун муъҷизае нодир аст. Дар тарбияи фарзанд луқмаи ҳалол қабл аз таваллуди фарзанд низ тадбири ҳақиқӣ ва бомаврид маҳсуб мешавад.

***ХУДОБАХШ***
***26.01.2013с.***

## Такрори хато

Яке аз аҳли илм ба роҳи лойолӯде гузар мекард, доманашро эҳтиёт мекард, то ин ки андомаш ифлос нашавад. Хело заҳмат кашид, аммо дар охир даруни лой афтид. Ҳамаи андомаш пур аз лой шуд. Баъд аз ин, озодона ба даруни лой роҳ рафтан гирифт, аммо дилу чашм гирён буд ва мегуфт:

- Барои ба гуноҳ наафтидан худро бояд эҳтиёт кард, ҳатто аз он хатогиҳое, ки онро хурд мебинем. Хатогиҳо, гуноҳҳо, ки барзиёд шудан гирифт, дигар худро эҳтиёт нокарда, гуноҳҳоро такрор кардан мегирад, мисли банда, ки даруни роҳи лойолӯд роҳ гирифтам.

***ХУДОБАХШ***
***04.08.2011с.***

## Талаби каромат

Рӯзе Юсуфи Баҳиронӣ ном шахсе хост каромате аз Боязиди Бастомӣ бубинад, то ин ки авлиё будани ӯро таъйид кунад. Барои имтиҳон кардани ӯ рафт.

Боязиди Бастомӣ ӯро диду гуфт:

- Мо кароматро ба шогирдамон Абӯсаиди Рой ҳавола кардаем. Ту назди он кас бирав.

Мард Абӯсаиди Ройро дар саҳрое дарёфт кард. Абӯсаид намоз мехонд ва гусфандҳоро гург нигоҳ мекард. Намозро ба итмом расонид ва бо меҳмон суҳбат намуд. Меҳмон ангури тоза талаб кард. Абӯсаид асояшро ду пора кард ва якеро ба тарафи меҳмон шинонд ва дигареро ба тарафи худ.

Бо изни Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) порчаҳои асо ангури тоза бидод. Ангури тарафи Абӯсаид сафед ва ангури тарафи меҳмон сиёҳ. Меҳмон сабаби ҳолро пурид. Абӯсаид гуфт:

- Ман аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) роҳи наздикро хостам. Ту бошӣ, роҳи имтиҳонро хостӣ. Ба ҳамин хотир, рангҳои мева аз ниятамон вобастагӣ дорад.

Абӯсаид ба меҳмон гилемеро ҳадя намуд ва таъкид намуд, ки гумаш накунад. Меҳмон сафари Ҳаҷ кард. Дар Арафот гилемашро гум кард ва ҳарчанд кофт, аммо дигар наёфт.

Баъди баргашт аз Ҳаҷ, зиёрати Бояди Бастомӣ намуд. Назди Боязиди Бастомӣ гилеми гумкардаашро дид. Аз хостани каромат пушаймон шуд. Тавбаю надомат карду дар миёни шогирдони Боязиди Бастомӣ ҷо гирифт.

*** Аз бузургон каромат талаб кардан дуруст нест. Вазифаҳои мусулмониро ба ҷо овардан, ин худ каромат

аст. Нафси худро фаромӯш кардан ва хизмату Ватану миллатро кардан каромат аст. Ҳар кас ба ҳар роҳ хизмати халқро мекунад, яке бо вазифаҳои давлатӣ дигаре бо роҳи тиҷорат. Зиндагии мардумро осон кардану дастгирӣ кардан каромат аст. Тарбия додан бошад, каромати бузург аст.

***ХУДОБАХШ***
***11.03.2012с.***

## Талхтарин ва ширинтарин

Луқмони Ҳаким дар хизмате шахсе буд. Рӯзе хоҷааш ба гусфанди кушташуда назар карду гуфт:

- Аз ҳамин гусфанд аз ҳама узви ширинтаринашро ба ман биёр.

Луқмони Ҳаким рафта, забони гусфандро овард.

Хоҷааш дубора гуфт, то талхтарин узви гусфандро биёрад.

Луқмон рафта дубора забони гусфандро овард.

Хоҷа: Ту ширинтарин узвро ҳам забон медонӣ ва талхтарин узвро ҳам?

Луқмон:

- Хоҷаам! Аз ҳама сухани ширин аз забон меояд ва аз ҳама сухани талх ҳам аз забон меояд. Забон ҳам хубӣ ва ҳам бадӣ карда метавонад, ки на касе ва на чизе карда метавонад.

*** Сухане бигӯ, то туро таҳти назоратам қарор диҳам. Сухан нерӯе дорад, ки инсонро ҳам саломат нигоҳ медорад ва ҳам метавонад беҷон гардонад. Сухан, ки аз забон мебарояд, пас, забонро бояд эҳтиёт кард. Барои пеши роҳи забонро гирифтан, қалбро бояд тарбия кард.

***ХУДОБАХШ***
***03.09.2011с.***

## Танҳо раҳм кардан аст

Расулуллоҳ (с.а.с.) дар Макка дар теппаи Сафо истироҳат мекард. Абӯҷаҳл пайғомбари Худоро танҳо мебинаду наздаш меояд ва суханҳои зишт мегӯяд.

Расулуллоҳ (с.а.с.) хомӯширо тарҷеҳ мекунад. Ҳазрати Ҳамза (р.а.) он вақт имон наоварда буд. Вақти шом аз шикор бармегардад. Зане аз ҳақораткунии Абӯҷаҳл хабар медиҳад. Ҳамза рост ба сӯи Абӯҷаҳл меравад ва ба рӯйи Абӯҷаҳл бо қамчин мезанад, ки чеҳрааш пур аз хун мешавад. Ҳамза ба Абӯҷаҳл мегӯяд:

- Ту ба амаки ман ҳақорат кардӣ?

Атрофиёни Абӯҷаҳл хостанд ба Ҳамза ҳамла кунанд, аммо Абӯҷаҳл гуфт:

- Ҳамза ҳақ аст, муқобилият нишон надиҳед.

Ҳамза баъди чанд лаҳза назди Расулуллоҳ (с.а.с.) омад ва гуфт:

- Ғамгин мабош! Қасдатро аз Абӯҷаҳл гирифтам.

Ҳазрати Расулуллоҳ (с.а.с.) сухани ғайричашмдоште гуфт:

- Ҳамза! Дар фаҳмиши ман қасдгирӣ нест. Ман аз қасдгирии ту не, аз имон овардани ту хурсанд мегардам. Инро чунин бидон.

Баъди ин сухан, Ҳамза ба фикр фурӯ меравад. Баъди чанде аз тафаккур дар ниҳоят ба қарори виҷдон меояду калимаи шаҳодат арз мекунад:

- Ашҳаду ан ло илоҳа илаллоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳ.

Дар ин вақт Расулуллоҳ (с.а.с.) фармуд:

- Ҳамза акнун ту маро хурсанд кардӣ. Ман доимо бо имон оварданҳо мамнун мегардам, на ин ки аз қасдгирӣ.

*** Ин аст рафтори роҳбари мо, ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.), ки ҳатто аз қасдгирии душманаш Абӯҷаҳл ҳам мамнун намегардад. Ӯ (с.а.с.) танҳо аз имондорӣ хурсанд мегардад.

***ХУДОБАХШ***
***12.07.2015с.***

## Тарки ҷамоат аз талбидан беҳтар аст

Ба Ҳасани Басрӣ оид ба марде, ки эҳтиёҷ ба кор ва дарёфти ризқ дорад, чунин суол карданд:

- Марде ҳаст, ки агар намозро бо ҷамоат хонад, он вақт маҷбур мемонад, ки гадоӣ кунад. Дар ин ҳолат ӯ бояд чӣ кор бикунад?

Ҳасани Басрӣ чунин посух дод:

- Меҳнат кунаду фоида ба даст орад ва намозро танҳо бихонад.

*** Ин ривоят на ба он хотир аст, ки тарки ҷамоат кард, балки ба он хотир аст, ки дуоюо ибодатро баҳона карда набояд даст ба гадоӣ зад. Дунболи ризқи ҳалол шудан, ибодат аст.

Ҳазрати Умар (р.а.) фармудааст: «Дар ҷойе нишаста, дуои онро накунед, ки Худо маро ризқ бидеҳ. Медонед, ки аз осмон на тилло рехтааст ва на нуқра».

П. Шиллӣ гуфтааст, ки;

Рӯҳ табъи болидаро аз меҳнат кардан бардошт мекунад.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

## Тарси Аллоҳ (ҷ. ҷ.)

Яке аз вазирҳо назди Зуннуни Мисрӣ меояд ва мегӯяд:

- Ба ман дуо фармоед. Шабу рӯз ба иҷрои умури подшоҳ машғулам. Хубияшро мехоҳам, аммо аз қаҳр карданаш метарсам.

Зуннуни Мисрӣ гиря кард ва фармуд:

- Агар одамон, чун мисли ту, ки аз подшоҳ метарсӣ, аз Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) метарсиданд, аз зумраи содиқон мегардиданд.

*** Қалбе, ки тарс аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) надорад, пас, муҳаббати Аллоҳ Таъолоро низ надорад (Акиф Эрсой).

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Тарси тарки амал монеаи илмомӯзӣ намегардад

Шахсе аз асҳоб ба саҳобаи дигаре суол кард:

- Ман илм омӯхтан мехоҳам, аммо аз амал накадани он метарсам. Чӣ кор кунам?

Саҳоба чунин ҷавоб дод:

- Омӯхтани илм аз ҷоҳил мондан беҳтар аст.

*** Ин саволро ба олими дигаре ҳам доданд. Олим чунин посух додааст:

- Олим дар қиёмат чун олим ҳашр мешавад ва ҷоҳил бошад, чун ҷоҳил. Ту чун ҷоҳил ҳашр шудан нахоҳӣ, пас, илмро ба оғӯш гир. Баъдан кӯшиш ба амал бикун.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

## Тафаккур садақаи ақл аст

Аз Иброҳими Адҳам суол карданд:

- Чаро ин қадар зиёд фикр мекунед?

Иброҳими Адҳам ҷавоб дод:

- Тафаккур садақаи ақл аст.

*** Расулуллоҳ (с.а.с.) фармудааст; «***Як дам тафаккур аз ҳазор сол ибодат беҳтар аст***».

***ХУДОБАХШ***
***30.03.2013с.***

## Тафсири вафо

Султон Маҳмуд назди Ҳасани Харақонӣ рафт. Аз Ҳасани Харақонӣ дар бораи шайх Боязиди Бастомӣ суол кард. Ҳасани Харақонӣ гуфт:

- Шайхи ман Боязиди Бастомӣ чунон зотест, ки ҳар фарде зиёраташ бикунад, ҳидоят меёбад, роҳи дурустро ихтиёр мекунад.

Султон Маҳмуд эътироз карда, мегӯяд:

- Абӯҷаҳл, Расулуллоҳро садҳо маротиб зиёд дидааст, аммо ҳидоят наёфт. Боязиди Бастомӣ чӣ гуна сабаби ҳидоят мегардад? Шайхи ту волотар аст, магар?

Ҳасани Харақонӣ мегӯяд:

- Абӯҷаҳл ба Расулуллоҳ (с.а.с.) чун пайғомбари Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) назар намекард. Аз пайғомбарии Ӯ (с.а.с.) истифода накард, то ҳидоят насибаш гардад. Ба Расулуллоҳ (с.а.с.) чун ятими Абӯтолиб назар мекард. Ба муқобили назараш, ҷавоб гирифтааст. Агар бар бузургон ба хайр назар бикунӣ, файз хоҳӣ дид ва агар бар бузургон ба бадӣ назар бикунӣ, аз файз маҳрум мемонӣ.

**** **Расми худи туст, ҳар он чӣ дар ман бинӣ,***
***Бо шамъ даро, ки хона равшан бинӣ.***

***ХУДОБАХШ***
***31.08.2014с.***

## Таҳқир

Марде ҳашаротеро мебинаду мегӯяд:

- Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) чаро ин ҳашароти чиркинро офаридааст?

Муддате мегузарад, дар чеҳраи мард захме пайдо мешавад. Ба ҳама ҷо мурожиат карда бошад ҳам, дармоне намеёфт. Рӯзе дар роҳ мерафт, роҳгузаре ба рӯяш назар кард ва гуфт, ки чораи ин дардро медонам.

Роҳгузар талаб кард, то барояш ҳашароте биёрад. Ноилоҷ ҳамон ҳашароте, ки таҳқираш карда буд, оварда шуд. Мард ҳашаротро мебинаду сухани гуфтааш ба ёдаш мерасад.

Роҳгузар ҳашароти овардаро месӯзонад ва хокистари онро ба рӯи мард мебандад. Бо изни Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) шифо меёбад.

Мард ба мардум мегӯяд, ки :

- Фаромӯш накунед, ки дар ҳама махлуқоти Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ҳикмате хобидааст ва ба он дарде шифо аст ва ҳатто агар ҳашароти чиркин ҳам бошад.

*** Агар дар халқкардаи Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ҳикмате наёбем, пас, ин аз нодонии мост, на ин ки халқкардаи Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) беҳикмат аст. Пас, дар ҳар махлуқаш ҳикмате ҳаст ва дар ҳар ҳодисаи зиндагии мо ҳам ҳикмате аст ва набояд шикояте кард. Мо, танҳо аз амалҳои бад ва хайрҳои накардаи хеш бояд шикоят кунем.

Бо умеди дарки зиндагӣ,

***ХУДОБАХШ***
***08.01.2012с.***

**Таҷаллои раҳмат ва баракати Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.)**

Зиёвиддин ошиқи суҳбат кардан буд. Доимо суҳбат мекард. Агар касе намеёфт, он вақт кӯдакони 5-6 солаbesро назди худ ҷамъ мекарду ба онҳо суҳбат мекард. Рӯзе ин аҳволро ҳамсараш дида гуфт:

- Инсон аз кори кардаи ту ҳайрон мемонад. Кӯдакон аз суҳбати ту ҳеҷ чиз намефаҳманд. Чаро онҳоро гирди худ ҷамъ намудаӣ?

Зиёвиддин фармуд:

- Ман ҳам медонам, ки чизе намефаҳманд. Мақсади ман дар он аст, ки вақти суҳбат, раҳмат ва баракати Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) нозил мегардад ва ман бо ҳиммати дӯстдорони Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аз он истифода мебарам.

*** Ҳадаф аз суҳбат ва дарс додан, розигии Аллоҳ Таъолоро ба даст овардан аст. Вақти зикри Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ва дӯстдорони Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) атрофамонро раҳмату мағфирату баракат иҳота мекунад.

Суҳбати марди Худо мардат кунад. Модоме ки суҳбату дарс дода наметавонам, пас, бояд ба назди суҳбаткунандаҳо ва дарсдиҳандаҳо биравему дарс бигирем ва ҳамзамон аз лутфу раҳмату баракати Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) насиб бигирем.

***ХУДОБАХШ***
***02.06.2013с.***

## Ташфиқи илмомӯзӣ

Дар Асри Саодат нафароне, ки чун асир гирифта мешуданд, бар ивази фидя (маблағи муайян) раҳо мегардиданд. Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) амр кард, ки ҳар асире, ки даҳ фарзанди мусулмонро хондану навиштанро меомӯзонад, бар ивази хизматаш раҳо карда мешавад.

Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) фармудааст:

- Асҳобам, ҳиссаи асироне, ки ба ман ва фарзандони Абӯтолиб дода шудааст, озод намудам. Аз миёнатон ашхосе, ки дили бародаратонро хушнуд кардан мехоҳанду аҷрашро аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) гирифтан мехоҳанд, пас чунин амал кунанд.

*** Ҳазрати Алӣ (р.а.) фармудааст:

- Илм саодати инсонро таъмин мекунад.

Албатта, ки аз сояи илм аз асирӣ ба озодӣ расиданд. Пас, бо роҳи илм аз торикӣ ба равшанӣ расидан мумкин аст. Дар торикӣ нишаста набояд, бар торикӣ нафрат хонд, беҳтар аст, ки шамъе даргиронд. Шамъи мо илм аст.

***ХУДОБАХШ***
***09.02.2013с.***

## Таъна нисбати ҳазрати Усмон (р.а.)

Дар Кӯфа шахсе иддао бар он дошт, ки ҳазрати Усмон (р.а.) яҳудӣ будааст. Мардум ба ӯ мегуфтанд, ки ин суханҳо бедалел ва асос надоранд, аммо ӯ бовар намекарду иддаояшро идома медод. Мардум ба Имоми Аъзам арз карданд. Имоми Аъзам ба сифати хостгор ба хонаи он мард рафт ва гуфт:

- Мо барои хостгории духтари ту омадем.

Мард фармуд:

- Мумкин аст, ки бидонем, барои кӣ?

Имоми Аъзам посух медиҳад :

- Домод шахсе аст, ки ахлоқи ҳамида дорад, дорову сахӣ аст, Ҳофизи Қуръон аст ва доимо тиловати Қуръон мекунад.

Мард сухани Имоми Аъзамро бурида мегӯяд:

- Бас аст, яке аз ин хислатҳо дар домод буданаш кофист.

Имоми Аъзам мефармояд:

- Домод як нуқсон дорад. Яҳудӣ аст.

Мард мегӯяд:

- Чӣ гуна духтари маро барои яҳудие талаб мекунед?

Имоми Аъзам ҷавоб медиҳад:

- Ту як духтаратро ба яҳудӣ намедиҳӣ, пас Расулуллоҳ (с.а.с.) чӣ гуна ду духтарашро ба як яҳудӣ медиҳад?

Мард, пас аз ин сухан, иддаои худро рафъ намуд.

*** Ҳазрати Усмон (р.а.) домоди Расулуллоҳ (с.а.с.) буд. Бо ду духтари Расулуллоҳ (с.а.с.) бо исмҳои Руқия ва Умму Кулсум (р.а.) оиладор шудааст. Албатта, ки пас аз вафоти духтари якум бо духтари дуюм оиладор шудааст.

Аз ин лиҳоз, ҳазрати Усмон (р.а.)- ро «Зиннурайн» -соҳиби ду нур меноманд.

Аз суханҳои бедалелу беасос парҳез кунем. Худро доно донистан ва дигаронро нодон ҳисобидан, нишони нодонист. Бузурге гуфтааст:

- Ҳар кӣ худро мард гӯяд, зан он бувад...

***ХУДОБАХШ***
***06.01.2013с.***

## Тиҷорати ҳазрати Усмон (р.а.)

Ҳазрати Усмон (р.а.) савумин халифа буда, бо ду духтари Расулуллоҳ (с.а.с.) оиладор шудааст. Хело саховатманд буд. Дар баробари саховатмандияш хело боодобу боҳаё буд. Дар вақти қаҳтии Мадина аз Шом озӯқаи зиёде овард. Тоҷирони дохилӣ барои гирифтани моли ҳазрати Усмон (р.а.) нархе гуфтанд, аммо ҳазрати Усмон (р.а.) пурсид:

- Чи қадар медиҳед?

Тоҷирон:

- Аз даҳ ду.

Ҳазрати Усмон (р.а.):

- Зиёд мехоҳам.

Тоҷирон:

- Аз даҳ чаҳор.

Ҳазрати Усмон (р.а) розӣ нашуд ва тоҷирон гуфтанд:

- Фурсате, ки дар даст дорӣ, боз чӣ мехоҳӣ?

Ҳазрати Усмон (р.а.):

- Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аз як даҳ медиҳад. Ҳеҷ кадоме аз шумо чунин намедиҳед. Ҳамаи молро ба фақирон тақсим мекунам.

Ибни Аббос Расулуллоҳ (с.а.с.)-ро дар хобаш мебинад, ки Расулуллоҳ (с.а.с.) бо либосҳои зебо бо шитоб равон аст.

Ибни Аббос:

- Ман шуморо дидан мехоҳам, Шумо ба куҷо равонед?

Ҳазрати Расулуллоҳ (с.а.с.):

- Усмон барои ризогии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) садақа дод. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ӯро бо ҳурии ҷаннат хонадор кард.

Барои ҷашни он, мо ҳам даъват шудаем. Ба он ҷо меравам.

*** Тиҷорати беҳтаринро бо Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бояд кард, то бурди безавол ба даст орем. Даъвои мусулмонӣ мекунем, аммо баъзан амалҳои ғайримусулмонӣ мекунем, ҷаннат мехоҳем, аммо аз савоб дурӣ меҷӯем. Алалхусус, дар моҳи шарифи Рамазон ба ҷои арзон кардану савоб гирифтан, амалҳои зидди он анҷом медиҳем. Виҷдон беҳтарин болиштест. Биёед даст ба виҷдон гузорему амал кунем.

***ХУДОБАХШ***
***31.08.2011с.***

## Ту аз ман фақиртарӣ?

Шахси дорое ба Иброҳими Адҳам як коса тилло дод, аммо Иброҳими Адҳам фармуд:

- Ман аз фақир чизе намегирам.

Шахси доро гуфт:

- Ман фақир нестам.

Иброҳими Адҳам фармуд:

- Ту мехоҳӣ, ки сарватат боз ҳам зиёдтар бигардад?

Шахси доро гуфт:

- Бале.

Иброҳими Адҳам фармуд:

- Магар ин аҳволат фақирӣ нест? Он чизе, ки ба ман медиҳӣ, ту худ ба он муҳтоҷтарӣ.

*** Беҳтарин дороӣ, қаноат аст. Шахсе, ки қаноатро медонад, пас, ӯ доро аст, хоҳ моли зиёд дошта бошад, хоҳ на.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Ту кафили ман ҳастӣ

Рӯзе Ҳакам бинни Аюб дар Шом Илёсро (қабл аз қозӣ шуданаш) мебинад ва мегӯяд:

- Ту дар ин ҷо бе кафолат истода наметавонӣ, зеро ту хориҷӣ ҳастӣ ва мунофиқ ҳастӣ. Шахсе, ки туро хуб мешиносад, бояд кафил шавад. Вагарна туро маҳкам мекунам.

Илёс гуфт:

- Ин хел бошад, кафилам ту мешавӣ.

Ҳакам бинни Аюб фармуд:

- Чаро ман мешудам? Ман сокини Шом ва ту Сокини Ироқ ҳастӣ. Ман туро намешиносам.

Илёс дар ин маврид гуфт:

- Не, ту маро хуб мешиносӣ. Каме пештар ту гуфтӣ, ки ман хориҷӣ ва мунофиқ ҳастам. Агар ту маро нашиносӣ, пас, чӣ гуна чунин сухан гуфтӣ? Агар шиносӣ, пас, чаро намешиносам гуфта, дурӯғ мегӯӣ.

Ҳакам бинни Аюб дигар сухане наёфт, то ба Илёс бигӯяд. Аз ин хотир, дигар ба Илёс дахолате намекард.

*** Барои якеро айбдор кардан, чун аспи тозон медавем, аммо вақти дастгирии касе, поямонро ба ҳаракат намедарорем.

Туҳматшаванде не, туҳматкунанда сиёҳ мегардад (Зе Сиркл).

***ХУДОБАХШ***
***20.05.2013с.***

## Туҳфаи деҳотӣ ба халифа

Марду зани (араб) деҳотие мехоҳанд ба зиёрати халифа шарафёб гарданд. Барои гирифтани туҳфа фикр намуданд ва қарор доданд, ки об мебаранд. Дар он замон ёфтани об барои араб душвор буд. Ҳадяи беҳтарин об ба ҳисоб мерафт. Аз оби ҷамъшудаи борон дар кӯзае мегиранду ба сӯи Бағдод раҳсипор мешаванд. Ба ҳузури халифа ворид мегарданд ва туҳфаи худро тақдим мекунанд.

Халифа туҳфаро мегираду миннатдорӣ баён мекунад. Халифа ба зердастонаш амр мекунад, ки кӯзаро пур аз зар карда, ба меҳмонон бидиҳанд. Халифа боз амр медиҳад, ки марду занро тариқи дарёи Даҷла гусел бикунед. Амрҳои Халифа ба ҷо оварда мешавад.

Деҳотӣ қаблан фикр карда буд, ки Халифа аз беобӣ азият дорад ва аз ин хотир об туҳфа намуд. Акнун мебинад, ки дар наздики қасри халифа дарёи бузурге аст. Аз кори кардааш пушаймон мегардад, зеро Халифа бар ивази об, ба ӯ зар тақдим намуда буд.

*** Бузургӣ ва ҳимматбаландӣ ҳамин аст. Новобаста аз эҳтиёҷ надоштан, халифа деҳотиро ғамгин нагардонид ва мукофоташ бахшид.

Ибодатҳои мо ҳам чунин аст. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ниёз ба ибодати мо надорад. Ибодатҳоро бо камбудиҳо адо мекунем, аммо Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бо лутфу карамаш бар мо савоб эҳсон мекунад. Ҳатто хело зиёд аз он ҷӣ, ки Халифа бар ивази кӯзаи об дода буд.

Худоё! Лутфу Караматро бар мо эҳсон намо. Омин!

***ХУДОБАХШ***
***16.12.2012с.***

## Ӯ аз аҳли байти ту нест

Яке аз фарзандони ҳазрати Нуҳ (а.с.) дар қатори ғайримусулмонон буд. Дар вақти тӯфон фарзанди ҳазрати Нуҳ (а.с.) даруни мавҷи об буд. Ҳазрати Нуҳ (а.с.) ба фарзандаш садо кард:

- Фарзандам! Ба киштӣ нишин. Бо ғайримусулмонон ҳамроҳ машав.

Фарзандаш фармуд:

- Ман аз об ба кӯҳе паноҳ меҷӯям.

Ҳазрати Нуҳ (а.с.) гуфт:

- Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.), ки нахоҳад, касе аз ин азоб наҷот намеёбад.

Фарзанди ҳазрати Нуҳ (а.с.) низ, чун дигарон ғарқ шуд. Ҳазрати Нуҳ (а.с.) ғамгин шуд, зеро ҳазрати Нуҳ (а.с.) на танҳо наҷоти дунё, балки наҷоти қиёматро низ фикр мекард.

Ҳазрати Нуҳ (а.с.) ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) чунин муноҷот кард:

- Бешубҳа, ки фарзандам узвест аз оилаи ман. Ба дурустӣ, ки ваъдаи Ту (ҷ.ҷ.) барои наҷоти аҳли байти ман ҳақ аст. Ту ҳокими ҳокимон ҳастӣ.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) фармуд:

- Эй Нуҳ (а.с.)! Ӯ аз аҳли байти ту нест, зеро ӯ соҳиби аъмоли хайр набуд. Аз ин лиҳоз, он чи ки намедонӣ, аз ман мапурс. Туро аз ҷумлаи ҷоҳилон будан, манъ мекунам.

Ҳазрати Нуҳ (а.с.) хатояшро фаҳмида тавба карду дуо кард:

- Худоё! Он чиро, ки намедонаму талаб мекунам, ба Ту (ҷ.ҷ.) паноҳ металабам. Агар маро раҳмату мағфират накунӣ, мубталои ҳусрон мегардам.

***Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба шаҷара (қавму сулолаву авлод) наменигарад, балки бар амали инсон назар мекунад. Шахсе, ки ширк ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мекунад, аз шафоат маҳрум аст. Пас, моро мебояд, ки бо аъмоли худ сухан бигӯем, на ин ки бо аъмоли гузаштаҳо. Агар фирефтаи дунё шуда бошем, пас, маънавиёти гузаштаҳои мо бароямон шафоат намекунад. Афсӯс, ки касони зиёде эҳтирому иззати гузаштаҳои худро суиистифода мекунанд. Ва мардуми фақиру аз илм дур, хавф аз он мекунанд, ки авлоди бузургвор ранҷида нагардад.

Аз гусфанди сафед баррачаи сиёҳ низ таваллуд мешавад ва аз гусфанди сиёҳ баррачаи сафед.

Пас, оне, ки дар кишвари азизамон иғво мебардорад, ҳамватани мо нест, балки душман аст. Хоҳ олими дунявӣ бошад, хоҳ олими дин. Дӯстдории Ватан аз имон аст. Шахсе, ки ба Ватану миллат хиёнат мекунад, пас имони он нафар дар хатар аст.

- Ҳар шахсе, ки сухане мегӯяд, аввал онро дар тарозӯи ақлат бисанҷ ва агар хайр бошад, он гоҳ қабул намо (маънои ҳадис).

***ХУДОБАХШ***
***14.04.2012с.***

## Услуби ба роҳи рост даъват кардан

Рӯзе дар масҷид садои эътирози баъзе аз саҳобагон баланд мешавад. Расулуллоҳ (с.а.с.) садои баландро шунид ва аз хонаи саодаташ вориди масҷид шуд.

Асли масъаларо талаб кард. Чунин гуфтанд:

- Фалон саҳоба дар кунҷе аз масҷид бавл кард. Баъзе аз асҳоб мегӯянд, ки офтоб мебарояду хушкаш мекунад ва боиси айб кардани ӯ нест. Гурӯҳи дигаре бошад, эътирози ҷиддӣ нишон дода, гуфтанд:

- Ё Расулуллоҳ (с.а.с.), масҷидамонро ифлос кард, маконҳоямонро тар кард. Бо ин фаҳмишаш ба ӯ чӣ кор кунем?

Расулуллоҳ (с.а.с.) фармуданд:

- Шояд кори кардаашро намедонад. Эҳтиёҷ ба маълумот дорад. Шумо илм диҳеду одам ба даст оред, на ин ки ғазабу айбдор намуда, одам аз даст диҳед.

Албатта, ҳамдигарфаҳмии Расулуллоҳ (с.а.с.) ҳам бо рафтору ҳам бо кирдор боиси ҳайрон мондани ҳам дӯстон ва ҳам душманон гардида буд. Расулуллоҳ (с.а.с.) кӯзаи пур аз обро гирифта, болои макони бавлшуда рехту онро тоза кард. Бавлкунандаро заррае ҳам айбдор ва шармсораш накард.

Шахси бавлкунанда аз ин рафтор чунон дарсе гирифт, ки дар миёни асҳоб чун саҳобаи баиззату боэҳтиром ҷо гирифт. Ҳамзамон номаш дар таърих дар зиндагиномаи ҳазрати Расулуллоҳ (с.а.с.) оид ба усули таълиму тарбия макон гирифт.

*** Ба Ҳасани Басрӣ суол карданд, ки:

- Шахсе бенамоз чӣ ҳукм дорад?

Ҳасани Басрӣ ҷавоб дод:

- Аз дасташ гирифта, ба масҷид бурдан аст.

Боиси таассуф аст, ки имрӯзҳо мебинем, чӣ гуна мардумро ба як амале, ки нофаҳмида анҷом медиҳанд ва ё амалест, ки танҳо ислоҳшаванда асту сабаби куфр нест, аммо зуд кофару муртадаш мехонанд. Ин ҳама аз надонистани услуби таблиғу таълиму тарбияи ҳазрати Расулуллоҳ (с.а.с.) ва асҳобу бузургон аст.

Худоё, ба мо сабру илми муфид насиб бигардон, то сабаби беҳдошти ҷомеа ва тақвияти дӯстӣ гардад.

***ХУДОБАХШ***
***04.10.2015с.***

## Усули кор

Ду нафар дар ҷангал дарахт мешикананд.

Яке пас аз шикастани дарахте, ба сӯи дарахти дигар бошитоб мерафт ва ба шикастани он шурӯъ мекард. Рӯзи дароз на хӯроки нисфирӯзӣ мехурд ва на барои истироҳат вақт ҷудо мекард. Ҳатто дарахтшиканиро пас аз нафари дигар хотима медод.

Нафари дигар бошад, дар вақти шикастани дарахт баъзан истироҳат мекард ва бо нерӯи нав ба шикастани дарахти дигар шурӯъ мекард.

Пас аз як ҳафта дарахтони шикастаро ҳисоб карданд. Нафари дуюм дарахти зиёдтар шикастааст. Нафари аввал бо ғазаб суол кард:

- Чӣ хел мешавад? Ман бисёртар кор кардам. Аз ту зиёдтар кор мекардам, ҳатто пас аз ту ба хона мерафтам. Чӣ гуна ту аз ман зиёдтар дарахт шикастӣ? Сирри ин кор дар чист?

Шахси дуюм чунин ҷавоб медиҳад:

- Дар миён ягон сирре нест. Ту бе танаффус кор мекардӣ ва ман баъзан истироҳат мекардам ва табарамро тез мекардам. Бо табари тез ва бо сарфи нерӯи кам дарахти зиёд мешикастам.

*** Тез кардани табар маънои тақвият додани хеш аст. Барои худ вақт ҷудо намуда, бар ҳаёти худ назаре бояд бикунем. Тарафҳои манфии худро кашф намуда, барои рушди он камар бибандем. Чунин равиш, ҳам ба рӯҳ ва ҳам ба хислатамон қувва ва илҳоми тоза мебахшад.

Мардум ҳам ба ту назар мекунад ва худат ҳам ба худат назар мекунӣ. Албатта, ки миёни диданиҳо, фарқи

калоне аст. Барои муваффақ шудан дар кор ва нақшаҳои худ, бояд табарамонро тез бикунем.

***ХУДОБАХШ***
***24.11.2012с.***

## Усули нави даъвати мардум ба намози бомдод

Дар деҳае имоми нав таъйин гардид. Имом ҷавон буд ва тоза оиладор шуда буд. Бисёр кӯшиш мекард ва даъват ба намозро хело дӯст медошт. Чӣ қадар кӯшиш ҳам карда бошад, аммо мардҳои деҳа барои адои намози бомдод ба масҷид намеомаданд.

Имом фикри онро мекард, ки шояд аз сабаби кор дар киштзор наоянд, зеро танҳо ба намози ҷумъа меоянд. Дар ба дар мегашт. Ҳатто таклиф кард, ки ба корҳояшон кӯмак намояд. Ҳикматҳои намозро якояк ҳам гуфт, аммо муваффақ нашуд.

Имом субҳе бо садои баланд «салоти ҷаноза-намози ҷаноза» гуфта мардумро ба ҷаноза даъват мекард. Мардуми деҳа, ки тайёрӣ ба киштзор рафтанро доштанд, бо ҳаяҷони зиёд сӯи масҷид медавиданд, то бифаҳманд, кӣ вафот кардааст.

Ҳама баромадани имомро интизор мешуданд. Ниҳоят имом баромад. Нафаре аз имом пурсид:

- Имом! Кӣ вафот кардааст? Аз барои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бигӯ охир. Касе намедонад, кӣ вафот кардааст.

Имом то он вақт касеро вақти намози бомдод дари масҷид надида буд, чунин гуфт:

- Дигар кӣ мурда бошад! Рӯҳи шумо мурдааст. Барои рӯҳи шумо намози ҷаноза хондам. Чаҳор моҳ шуд, ин ҷо имомӣ мекунам ва як бандае дар сафи намози бомдод намебинам. Ба рӯҳи худатон фотиҳа хонед, ба рӯҳатон.

Мардуми деҳа дар ҳайрат монданд. Аз ин ҳодиса дарси хубе гирифтанд. Баъди дарси имом, сафи намозгузорон рӯз то рӯз зиёд мешуд.

*** Банда фикри онро мекунам, ки кӯшиш ба он мекунем, ки намози ҷумъаро қазо накунем. Ҳол он ки панҷ вақт намоз ҳам фарз аст. Бале, баъзан вақти намоз ба соати корӣ рост меояд ва ба масҷид рафта наметавонем, аммо намози бомдод ягон монеъае намешиносад. Барои вуҷуди солим ва ё фарбеҳ нашудан, субҳи содиқ ба давиданӣ мебароем. Ҳайҳот, ки барои адои намози бомдод ба масҷид намеравем. Магар, мо ҳам интизори имоме бишавем, ки рӯҳи моро ҷаноза бихонад?

***ХУДОБАХШ***
***14.07.2013с.***

## Усули омӯзиши дарси раҳм кардан бар дигарон

Ҷамол дар хонааш нишаста буд, савдогаре садо баланд мекард, ки «ҷурғот овардам». Баъди чанд лаҳзае Ҷамол ба духтараш мегӯяд:

- Духтарам, каме ҷурғот мегирем?

Духтар:

- Падарҷон дар хона ба қадри лозима ҷурғот дорем.

Падар:

- Духтарам, ҳеҷ гап нест. Бигзор зиёд бошад. Ту барои истифода бурдани он роҳе меёбӣ. Агар савдогар ҷурғоташро фурӯхта метавонист, он гоҳ дар ин ҳавои сард дар маҳаллаи мо се маротиб чарх намезад.

*** Ин аст, яке аз дарсҳои тарбивӣ дар масъалаи раҳм кардан бар дигарон. Моро мебояд, ки ҳадди ақал моҳе як маротиба аз беморхонаҳо ва ятимхонаҳо гузар кунем ва каме ҳам бошад, онҳоро дастгирӣ намоем. Ҳазрати Алӣ (р.а.) фармудааст:

- Аз кӯмаки кам кардан шарм макун, зеро ҳеҷ кӯмак накардан, аз он камтар мебошад.

***ХУДОБАХШ***
***09.06.2013с.***

## Усули рафъи васваса

Суфёни Саврӣ (р.а.) дар бистари марг буд. Аз зери болишташ косаи тилло мебарораду ба дӯстонаш медиҳад ва мегӯяд:

- Инҳоро чун садақа тақсим намоед.

Яке аз дӯстон ҳайрон мемонад ва ба дигарон чунин мегӯяд:

- Худоё! Суфёни Саврӣ ба моли дунё таваҷҷуҳ намекард. Бо худ моли дунё надошт. Сабаби пинҳон кардани косаи тилло дар чӣ аст?

Суфёни Саврӣ ҳолати аҷиби дӯстонро дида, фармуд:

- Бо ин косаи тилло, динамро ҳифз мекардам. Даҳони шайтон ва нафсамро маҳкам мекардам. Шайтон ва нафсам ҳар вақте, ки васваса мекарданд, ки «Либосе надорӣ, бипӯшӣ. Каме фикр ва кори дунё бикун». Ман косаи зарамро мебаровардаму чун силоҳ истифода намуда, онҳоро пеш мекардам.

*** Шайтон ва нафс ҳар лаҳза кӯшиши дур кардани имон аз дили мӯъминро мекунад. Тарафи холигии мӯъминро истифода мекунад. Ин аст, ки тариқи ибодат ва усулҳои бузургон метавон, шайтон ва нафсро аз худ дур кард.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар сураи «Қоф» ояти 16 фармудааст:

وَلَقَدْ خَلَقْنَا الْاِنْسَانَ وَنَعْلَمُ مَا تُوَسْوِسُ بِهِ نَفْسُهُ وَنَحْنُ اَقْرَبُ اِلَيْهِ مِنْ حَبْلِ الْوَرِيدِ

- «Мо одамиро офаридаем ва аз васвасаҳои нафси ӯ огоҳ ҳастем, зеро аз раги гарданаш ба ӯ наздиктарем».

***ХУДОБАХШ***
***17.03.2013с.***

## Усули тарк кардани ҳасад ва бахилӣ

Аз Раҷа бин Ҳайва суол карданд:

- Ҳисси ҳасад ва бахилии дарунамро чӣ гуна тарк карда метавонем? Аз ин эҳсосоти бад чӣ гуна наҷот меёбем?

Раҷа бин Ҳайва чунин ҷавоб дод:

- Бо ёд кардани марг. Шахсе, ки маргро фаромӯш намекунад, ҳасаду бахилиро ба осонӣ фаромӯш мекунад.

*** Ҳазрати Умар (р.а.) фармудааст:

- Барои насиҳат марг бас аст.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

## Усули ҷавоб бар беодоб

Шахси беодобе Ибни Хайбарро ҳақорат мекунад. Ибни Хайбар аз ӯ рӯй гардонид. Марди беодоб боз ба ғазаб омада гуфт:

- Ман туро ҳақорат дорам, на ба дигар кас.

Ибни Хайбар:

- Ман ҳам аз ту рӯй гардонидам, на аз каси дигар.

*** Сукут ва бе таваҷҷуҳӣ беҳтарин ҷавоб аст. Бар зидди беодоб ҳам бошад, набояд забонро олудаи ифлос кард. Ҳазрати Алӣ (р.а.) фармудааст:

- Шахсе, ки мехоҳад роҳбари халқ шавад, дар аввал бояд худашро ислоҳ намояд ва баъд ба ислоҳи дигарон бипардозад. Пеш аз оне, ки бо сухан ба онҳо адабро омӯзонад, аввал бояд бо рафтори хуб ба онҳо адабро омӯзонад.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Фақирию дорой имтиҳони сабру шукр аст

Яҳё бин Муоз мефармояд:

Рӯзи қиёмат дороию фақирӣ чен карда намешавад. Андозаи сабр кардани фақир ва андозаи шукр кардани доро ҳисобу китоб мешавад.

*** Шахси зоҳид дардашро бо роҳи сабр чора меҷӯяд (Маҷидул Курдӣ).

Харҷ кардани неъмат дар он ҷое, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) розӣ аст, шукр аст. Ва харҷ кардани неъмат дар он ҷое, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) розӣ нест, ношукриву кӯрнамакист (Имом Ғазолӣ).

***ХУДОБАХШ***
***30.06.2013с.***

## Фарзанди ман мешавӣ?

Рӯзҳои ид буд. Расулуллоҳ (с.а.с.) хурсандии кӯдакҳоро тамошо мекард. Кӯдакеро диданд, ки дур нишаста гиря дорад. Либосҳои баданаш куҳна. Дарҳол наздаш рафтанд.

- Фарзандам. Чаро гиря дорӣ? Бо бачаҳо хурсандӣ намекунӣ?

Кӯдак ҷавоб дод:

«Падарам бо Пайғамбарамон дар ҷанг буд ва шаҳид шуд. Модарам бо нафари дигаре оиладор шуд ва он мард маро аз хонааш пеш кард. Ҳозир на нон дораму на об ва на ҷои хоб.»

Расулуллоҳ (с.а.с.) ба кӯдак гуфт:

- Мехоҳӣ фарзанди ман шавӣ ва модарат ҳазрати Оиша (ра) ва бародаронат Ҳасану Ҳусейн шаванд?

Кӯдак суханҳоро шунидан пас фаҳмид, ки бо ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) суҳбат дорад ва гуфт:

- Албатта, мехоҳам.

Расулуллоҳ (с.а.с.) дасти кӯдакро гирифта, ӯро ба хона мебарад ва шустушӯяш карда, шикамашро сер мекунад ва либосҳои тоза ба бар кунонда, барои бозӣ кардан назди бачаҳо мефиристад.

Бачаҳо аз кӯдак мепурсанд:

- Каме пештар гиря доштӣ, чӣ шуд, ки ҳоло хандон ҳастӣ?

Кӯдак саргузашташро нақл кард. Дигар кӯдакҳо гуфтанд:

- Кошки падарони мо ҳам шаҳид мешуданд ва ба мо низ чунин наздикӣ ба пайғомбар насиб мегашт.

*** Наслро бояд тарбия кард, то ин ки мантиқи гуфтор дошта бошанд. Бар худ ҳадаф дошта бошанд. Барои беҳдошти Ватану миллат ҳимматбаланд гарданд.Ояндаи Ватану миллат аз насли тарбиядида вобастагӣ дорад. Бузургонамонро донанду пайравӣ кунанд, то ин ки дунёю охираташон обод гарданд.

***ХУДОБАХШ***
***31.03.2012с.***

## Фарзандҳоятон шуморо ба бахилӣ набаранд

Абӯҳазим мефармояд:

- Фарзандҳо дорам, гуфта, аз сарф кардани молатон дар ризогии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) матарсед.

Агар фарзандҳоятон мӯъмин бошанд, пас, эътимод бар он кунед, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бар онҳо ризқи ҳалол мебахшад.

Агар фарзандҳоятон фосиқ бошанд, пас, бо молатон ба фосиқон дастгирӣ накунед.

*** Хоҳӣ, ки донӣ, ки пулат ҳалол ҳаст ё ҳаром, ба куҷо рафтанашро назар бикун.

***ХУДОБАХШ***
***02.06.2013с.***

## Фарзҳоро беҳтар адо кардан

Дӯсте чунин нақл мекунад:

- Дар хобам Фузайл бинни Иёзро, ки вафот карда буд, дидам. Аҳволи чӣ гуна муомила диданаш дар қабрро аз ӯ пурсон шудам. Фузайл бинни Иёз ба ман чунин гуфт:

- Дар ин ҷо аз беҳтар адо намудани фарзҳо амали фозилтаре надидам. Ба адои фарзҳо диққати хос бидиҳед.

*** Албатта, ҳар як амал подоши худро дорад. Беҳтарин подош дар адои фарз аст.

***ХУДОБАХШ***
***01.05.2013с.***

## Фарқи фиқҳ ва тасаввуф

Имом Шофеӣ бо Имом Аҳмад бинни Ҳанбал нишаста буданд. Дар ин асно Ҳабиби Аҷамӣ наздашон омад. Аҳмад бинни Ҳанбал фармуд:

- Ба ин зоти шариф суоле мекунам.

Имом Шофеӣ гуфт:

- Чунин шахсон соҳиби ҳол мебошанд. Ба инҳо суол намекунанд. Суол ҳам бидиҳӣ, ҷавобҳои додаашон бар фиқҳи мо рост намеояд.

Имом Аҳмад гуфт, ки «мепурсам» ва чунин суол кард:

- Агар шахсе як намозашро қазо карда бошад, аммо надонад, ки кадомашро қазо кардааст, дар ин вақт кадом намозашро бояд адо кунад.

Ҳабиби Аҷамӣ ҷавоб дод:

- Рух додани чунин аҳвол, кори қалбе мебошад, ки аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ғофил мондааст. Ҷазои дар ғафлат мондан, ҳамаи намозҳоро адо кардан аст.

Дар ин ҷавоб, ҳар ду Имом дар ҳайрат монданд.

*** Бузургворе фармудааст:

- Агар намозе адо накунем, пас бояд фикри онро кунем, ки чӣ хатое кардаем, ки ба ҳузури Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) баромада натавонистем.

На танҳо намози нахондашударо қазо бидонем, балки намозҳое, ки бе хушуъ хонда мешаванд, онро низ бояд қазо бидонем. Ин аст, ки ҳазрати Ҷунайди Бағдодӣ фармудааст:

- Агар дар намозам ба қалбам фикри дунё ояд, он намозро такрор мехонам. Асоси кор бар нафс итоат накардан аст.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Фарқияти писар ва духтар

Имом Ҷаъфари Содиқ 10 фарзанд дошт. 7 писар ва 3 духтар.

Рӯзе марди беписаре омад ва гуфт:

- Ҳамаи фарзандонам духтар аст, чӣ маслиҳат медиҳед?

Имом Ҷаъфари Содиқ чунин фармуд:

- Духтарон барои падару модар хайру ҳасанотанд. Писарҳо бошанд, неъмат мебошанд.

Шахсоне, ки соҳиби ҳасанот мебошанд, савоб мегиранд. Соҳибони неъмат бошанд, пурсида мешаванд. Ту фақат соҳиби ҳасанот шудаӣ, иншоаллоҳ пурсида ҳам намешавӣ.

*** Инсон дар таваллуди фарзанд, ки он хоҳ писар аст ва ё хоҳ духтар, бояд, ки аз Аллоҳи Зулҷалол (ҷ.ҷ.) шукр бикунад ва неъмати Аллоҳро бо шукр қабул намояд. Дарки онро кунад, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ӯ армуғоне додааст. Дар ҳар кори Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) ҳикмате нуҳуфтааст, ки мо аз он бехабарем. Баъзе афрод муҳтоҷи фарзанд мебошанд. Чунин ашхос набояд шикоят кунанд ва суханҳои ширкона гӯянд. Дуо кунанд, ки Аллоҳ (ҷ.ҷ.) барояшон фарзанди солеҳ насиб кунад. Дини Ислом манъ накардааст, ки инсон талаби фарзанд кунад, аммо вақти талаби фарзанд, бояд хайрашро талаб кард.

Дар тарбияи духтар кӯшишҳо назар ба писар дучанд мегардад. Ҳар касе, ки духтар, хоҳар ва ё духтари касеро тарбия мекунаду бо марди боимон оиладор мекунад, савоби бузурге насибаш мегардад. Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) фармудааст:

- Ҳар фарде, ки се духтар ба воя мерасонад, тарбияи хуб мекунад, оиладор мекунад ва ба онҳо хайр мекунад, барои ин фард ҷаннат аст (Абӯдовуд, Адаб, 120, 121).

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

## Фатво ба хотири раҳоӣ аз қасам

Яке аз шогирдони Имоми Аъзам (р.а.) бо исми Сулаймон Амаш бо ҳамсараш баҳс намуд ва ҳамсарашро ранҷонид. Баъди ҷидол бо ҳамсараш хост суҳбат бикунад, аммо хонум, ки ранҷида буд, ҳарфе нагуфт.

Мард бо қаҳр:

- Чаро бо ман ҷавоб намедиҳӣ?

Зан боз лаб накушод.

Духтари Сулаймон ба падараш мегӯяд:

- Имшаб сухане нагӯяд ҳам, фардо субҳ сухан мекунад.

Сулаймон:

- Агар имшаб бо ман сухане нагӯяд, аз ман талоқ бодо.

Духтар кӯшиш кард, ки модараш бо падараш сухане бигӯяд. Модар якравӣ кард ва кӯшишҳои духтар ҳам барбод рафт. Сулаймон аз қасами талоқ доданаш, ки дар вақти қаҳр зикр карда буд, пушаймон гардид. Барои раҳоӣ ёфтан аз қасам дар фикр фурӯ рафт. Нисфи шаб хонаи Имоми Аъзам (р.а.) рафт. Имоми Аъзам (р.а.) қабулаш кард ва дардашро гӯш кард. Сулаймон гуфт:

- Ҳамсарам бо ин рафтораш аз ман халос шудан мехоҳад. Метарсам, ки аҳволи маро бад мекунад. Модари фарзандонам мебошад. Чорае ҳаст, ки маро аз ин дард раҳо намояд?

Имоми Аъзам (р.а.):

- Худро ғамгин масоз. Бо изни Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) чорае меёбем.

Имоми Аъзам (р.а.) муаззини масҷидро наздаш хонд ва таъкид намуд, ки азони бомдодро қабл аз вақташ бихон. Сулаймон ба хонааш баргашт ва интизори азон буд. Пеш

аз намози бомдод, садои азон баромад. Ҳамсари Сулаймон фикри онро кард, ки субҳ шудааст ва сухан ронд:

- Дар охир аз ту наҷот ёфтам.

Сулаймон бо табассум чунин гуфт:

- Ҳоло субҳ нашудааст ва ту ҳам сухан кардию қасамам шикаст. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) розӣ бодо, аз он касе, ки чора нишон дод.

***ХУДОБАШ***
***20.01.2013с.***

## Фатвои Абӯҳанифа нисбати ҷасади зан

Шахсе ба маҷлиси Абӯҳанифа (р.а.) омаду суол кард:

- Зани ҳомиладоре дар вақти таваллуд кардан вафот кард. Занро барои шӯстан болои тахта ниҳоданд ва фаҳмида шуд, ки кӯдак зинда аст. Зан гӯр карда шавад ё ин ки интизор шавем? Ҳозир зан болои тахта аст.

Ҳама ҳайрон шуданд ва байни худ мегуфтанд, ки сабр бояд кард, то ки кӯдак таваллуд шавад. Гурӯҳи дигаре мегуфт, ки;

- Ҷанозаро набояд манъ кард. Ҳадис аст, ки ҷанозаро ҳар чӣ зудтар ба хок супоред.

Ҳама фикрҳои худро байни якдигар мегуфтанд, аммо боз гӯшу ҳушашон ба Имоми Аъзам (р.а.) буданд. Имоми Аъзам (р.а.) фармуданд:

- Ҷаноза на дафн карда мешавад, на интизори таваллуд шудани кӯдак мешавем.

Боз суол карданд:

- Ягон эҳтимоли дигаре ҳаст?

Имоми Аъзам (р.а.) фармуданд:

- Зан ҷарроҳӣ карда мешавад ва пас аз гирифтани кӯдак, зан дафн карда шавад.

Ҳама пешниҳодро қабул донистанд. Табиб омад. Занро ҷарроҳӣ карда кӯдакро гирифтанд ва баъд занро дафн карданд. Кӯдакро нигоҳубин карданд.

Кӯдак ба воя расид ва соҳиби илм шуд. Аз дарсҳои Абӯҳанифа (р.а.) баҳра бурд. Ҳама бо исми писари Абӯҳанифа (р.а.) хитобаш мекарданд.

***ХУДОБАХШ***
***12.08.2011с.***

## Фатвои гарон

Яке аз толибилмони Имоми Аъзам бо исми Абӯюсуф дар вақти толибилмияш ба ҳаммом рафт. Пуле ҳам надошт. Ба соҳиби ҳаммом гуфт:

- Пуле надорам, аммо ба ҷои пул ба ту масъалаи диниеро меомӯзонам.

Соҳиби ҳаммом:

- Ба ман фатво лозим нест, пул лозим аст.

Абӯюсуф назди устод меояду тарк кардани илмро арз мекунад.

Имоми Аъзам (р.а.):

- Фарзандам, сабр кун ва илмомӯзиро идома деҳ. Илм туро азиз мегардонад.

Солҳо мегузарад. Абуюсуф олими фиқҳ мешавад. Ҳама гуна масъалаҳоро назди Абӯюсуф меоварданд. Рӯзе соҳиби ҳаммом барои фатво нази Абӯюсуф меояду мепурсад:

- Ман қасам хурдам, ки духтарам хонадор шавад, гаронтарин чизро барояш ҳадя мекунам. Барои раҳоӣ аз қасамам чӣ кор кунам?

Абӯюсуф, ки соҳиби ҳаммомро шинохт, чунин гуфт:

- Якчанд миқдор зар диҳӣ, фатвое бароят мегӯям.

Соҳиби ҳаммом розӣ мешавад.

Абӯюсуф:

- Ба духтарат Қуръон туҳфа бикун. Қасамат ба ҷо оварда мешавад.

Соҳиби ҳаммом хурсанд мешавад ва вақти баромад Абӯюсуф садояш мекунаду чунин мегӯяд:

- Давраи толибилмӣ ба ҳаммомат омадам ва ба ҷои

пул дарсе хостам бигӯям, аммо розӣ нашудед. Масъалаи динӣ дар ҳамин хусус буд. Ба ҷойи ҳаққи як ҳаммомкунӣ, ин қадар зар пардохт кардӣ.

*** Албатта, ҳадаф аз илмомӯзӣ пул кор кардан нест ва ин дарсест барои мо, то ин ки ба толибилмон дасти кӯмак дароз кунем, то ба ақлу ҳуши онҳо шайтон ворид шуда нагӯяд, ки дар вақташ ба ту кӯмак накарданд ва ту ҳам ба касе кӯмак макун. Мусулмон бояд оқибати корро фикр кунад, на ин ки ҳамон лаҳзаро.

Сабаб нашавем, то касе ба доми шайтон биафтад.

***ХУДОБАХШ***
***03.10.2011с.***

## Фаҳмиши бузургон аз «ИД»

Ин маротиб дар бахши фаҳмиши бузургон оид ба «Ид»-ро барои гирифтани дарси ибрат ҳам ба худ ва ҳам ба дигарон сабт мегардонам.

Бузургворе пас аз намози хуфтан ба саҳни масҷид баромада, дасти ҳар як намозхонро фишурда, бо ид табрик менамуд. Аз ӯ пурсиданд:

- Ид гузаштааст ва ба кадом ид табрик доред?

Бузургвор:

- Иди ман имрӯз аст, зеро ман имрӯз гуноҳ накардам. Рӯзеро, ки бе гуноҳ паси сар мекунам, рӯзи иди ман аст.

*** Ин аст, фаҳмиши бузургон нисбати ид. Рӯзеро ва ҳатто идеро, ки дар он гуноҳе карда мешавад, пас он рӯз ва ҳатто он ид, рӯзи мотам аст. Рӯзи бегуноҳ ид асту рӯзи гуноҳдор мотам.

Ҳатто гуноҳҳое мебошанд, ки танҳо дар рӯзҳои ид карда мешавад, ки онро гуноҳҳои ид меноманд. Шахсоне, ки дар рӯзи ид кӯдаконро шод намекунанд, хешу таборро зиёрат намекунанд, бо қаҳриҳо оштӣ намекунад, ба эҳтиёҷмандҳо дасти кӯмак дароз намекунад, пас, он шахс, гунаҳкори рӯзи ид ҳисобида мешавад.

***ХУДОБАХШ***
***06.11.2011с.***

## Фаҳмиши зикр

Ҷунайди Бағдодӣ чунин нақл мекунад:

- Устодам бемор буд. Ба зиёраташ рафтам. Дар дастам шамолдиҳаке буд ва ӯро бо он шамол медодам. Хостам, устодам худро хуб ҳис кунад.

Устодам гуфт:

- Фарзандам Ҷунайд! Шамолдиҳаки дастатро як тараф бигзор. Оташро шамол диҳӣ, боз ҳам басуръат мегардаду валангор шудан мегирад.

Ҷунайд мегӯяд:

- Ман шамолдиҳакро як тараф мондам ва хоҳиш кардам, ки васияте бароям кунад.

Устод гуфт:

- Дар суҳбат бо мардум фурӯ марав. Зикр кардани Аллоҳ Таъолоро фаромӯш макун. Доимо Аллоҳро зикр кун.

Дар ин васият ба устодам гуфтам:

- Устодам, агар ин суханҳоро қаблан мегуфтӣ, ҳатто бо ту ҳам суҳбат намекардам.

*** Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар сураи «Аъроф», ояти 205 чунин мефармояд.

وَاذْكُرْ رَبَّكَ فِي نَفْسِكَ تَضَرُّعًا وَخِيفَةً وَدُونَ الْجَهْرِ مِنَ الْقَوْلِ بِالْغُدُوِّ وَالْآصَالِ وَلَا تَكُنْ مِنَ الْغَافِلِينَ

«Парвардигоратро дар дили худ ба зориву тарс, бе он ки садои худ баланд кунӣ, ҳар субҳу шом ёд кун ва аз ғофилон мабош!»

Зикри фозилтарини ман ва пайғомбароне, ки қабл

аз ман омадаанд, «*Ло илоҳа илаллоҳ*» мебошад» (Маънои ҳадис).

Ҳаёт бо кадом зикр ва бо кадом рафтору кирдоре, ки сарф гардад, бо ҳамон зикру рафтору кирдор хотима меёбад.

***ХУДОБАХШ***
***10.02.2013с.***

## Фикрониро рушд бояд дод

Марде ҳамроҳи сагаш ба Африқо меравад. Вақте даруни ҷангал мешавад, сагаш шаппаракеро мебинад ва дунболи он мешавад. Нохост рӯ ба рӯяш бабре мебарояд. Саг зуд фикри онро кард, ки бабр гурусна аст ва бояд коре кард, то луқмааш нагардам. Ба атроф назар кард ва устухонеро дид. Саг пушташро тарафи бабр карду устухонро бо садои баланд хоидан гирифту чунин суханҳо гуфт:

- Бисёр бабри болаззат менамояд. Каме сабр кунам, дигар бабр ҳам ояд. Баъдан ба серӣ ҳар дуяшонро мехӯрам.

Бабр суханҳои сагро мешунавад ва аз тарс пушти дарахте пинҳон мешаваду аз раҳоӣ ёфтанаш шод мегардад. Маймуне болои дарахт буд. Ҳамаи ҳодисаро мушоҳида мекард. Маймун барои худашро аз бабр халос кардан зуд назди бабр меояду ҳамаро нақл мекунад. Бабр аз рафтори саг бисёр боғазаб мегардад ва ба маймун мегӯяд, ки болояш барояд ва рафта ҷазои сагро медиҳем.

Саг мебинад, ки бабр бо суръати баланд ва ба болояш маймун ба сӯяш омада истодаанд. Саг нагурехт. Боз пушташро тарафи бабр карду ба хоидани устухон шурӯъ намуд. Вақте ки бабр ҳамла карданӣ мешавад, саг бо садои баланд чунин мегӯяд:

- Маймуни ахмақ куҷо шуд? Як соат гузашт, аммо то ҳол бабре барои ман наоварад, то ин ки нӯши ҷон бикунам.

Бабр боз бо суръати баланд худашро аз саг дур намуд.

*** Зуд фикр бикун. Нақша бикаш. Ором бош. Худатро боқувват нишон бидеҳ. Душманатро бо силоҳи худаш нобуд бигардон. Ин аст, дипломатия.

***ХУДОБАХШ***
***28.02.2015с.***

## Фитна

Дар замони пеш бозори махсуси ғуломфурӯшӣ буд. Марде хост барои худ ғуломи коргар ва дуруст харидорӣ кунад. Назди ғуломфурӯше истоду нархи ғуломро пурсид. Ғуломфурӯш гуфт:

- Ин ғуломро мефурӯшам, аммо як айбе дорад. Ин ғулом фитнагар аст.

Мард:

- Фитнаи ин ба кӣ мерасад? Инро кӣ бовар мекунад? Ман инро мехарам, агар ки бо нархи арзон бидиҳӣ.

Ғуломфурӯш розӣ мешавад. Ғулом фурӯхта мешавад. Ғулом ба хонаи соҳиби наваш меравад.

Дар аввал фитнагар корҳои дуруст анҷом медиҳад. Ба чашми соҳибаш хуш меояд. Баъди чандин рӯз ғуломи фитнагар ба кори аслии худ, яъне фитнагарии худ шурӯъ мекунад. Ғулом бо ашки резон пеши соҳибхоназан меравад. Зан мегӯяд:

- Фарзандам! Ба ту чӣ шуд? Чаро ғамгинӣ?

Ғулом бо чашми гирёни фирефтакунанда мегӯяд:

- Ман барои худам ғамгин нестам, балки барои шумо ғамгинам.

Зан:

- Чаро барои ман?

Ғулом:

- Шавҳаратон нисбати шумо фикри хуб надорад. Зани дуюм мегирад.

Зан ба эҳсосот дода мешавад ва ба ғулом мегӯяд:

- Чӣ гуна аз ин кор ӯро боздошта метавонем?

Ғулом:

- Вақте ки мардатон хоб мекунад, як тори ришашро бурида, ба ман биёр, дигарашро ман худам ҳал мекунам.

Ғулом баъди ин гуфтор, назди марди хона меравад ва бо чашми гирён мегӯяд:

- Ҳамсаратон нақша дорад, ки туро ба қатл расонад.

Мард гуфт, ки боварат намекунам. Ғулом гуфт:

- Агар бовар накунӣ, ҳозир бираву худатро ба хоб андоз. Ту, ки хоб кардӣ бо асбобе тезе ба ту наздик мешавад. Ҳамон лаҳза метавонӣ, ки дастгираш кунӣ. Мард ноилоҷ розӣ мешавад ва ба хонаи хоб медарояд. Худашро бахоб меандозад. Ғулом назди зан меояду мегӯяд, ки шавҳаратон хоб кард. Вақти амал аст. Равед.

Зан бо корди тезе ба шавҳараш наздик мешавад. Нав ришашро ба даст меорад, ки мард аз ҷояш мехезаду чизе нопурсида, занро бо корди овардааш мекушад.

Фитна сукут накард. Ғулом назди хешовандони зан рафту гуфт:

- Чаро истодаед? Язнаатон хоҳаратонро кушт. Шумо чӣ истодаед?

Хушовандони зан омада, язнаашонро зада мекушанд. Фитнагар боз назди хешовандони мард меравад ва мегӯяд, ки бародаратонро хешҳои ҳамсараш куштанд, шумо чаро истодаед? Баъди чанд лаҳзае хешовандони мард омада, бо хешовандони зан ҷанг мекунанд. Чандин нафар куштаву захмин мегарданд.

*** Фитна фалокат аст. Ҳам аз фитна дур бояд буд ва ҳам аз фитнагар. Фитнагарро дар атрофамон набояд роҳ диҳем. Ҳазрати Расулуллоҳ (с.а.с.) фармудааст:

- Фитна дар хоб аст ва лаънат бо он касе, ки ӯро бедор мекунад.

***ХУДОБАХШ***
***01.11.2015с.***

## Фитнаи бузургтарин

Аз ҳазрати Исо (а.с.) суол карданд:

- Фитнаи бузургтарин чист?

Ҳазрати Исо (а.с.) фармуд:

- Аз роҳи рост баромадани олим. Чунин рафтори олим, оламро ларзон мекунад. Ҷоҳилон инро ғанимат мешуморанду исёни худро чун намуна нишон медиҳанд ва иддаои онро мекунанд, ки ҳақ ҳастанд.

*** На танҳо олим, балки роҳбар (роҳбари оила, роҳбари идора ва ғайра) хатое кунад ва агар хатои кардаашро боз дуруст шумурда, идома бахшад, қисмати зиёди зердастони онҳо низ ба ҳамон роҳи хатое, ки роҳбарҳояшон пеша гирифтаанд, раҳсипор мегарданд. Ашхосе, ки мисли қошуқ чойро мекобанду ҳамаро ба якдигар ҷанг меандозанд, инро бояд фаромӯш накунанд, ки ҳама чиз дубора ҷойҳояшонро мегиранд ва қошуқ дар каноре тарк карда мешавад.

***ХУДОБАХШ***
***30.03.2013с.***

## Хазинаи давлат

Амиралмуъминин Ҳазрати Умар (р.а.) шабона дар хона ба коре машғул буд. Чароғаш даргирон буд. Рафиқонаш ба зиёрат омаданд.

Ҳазрати Умар (р.а.) чароғашро хомӯш карду чароғи дигарро даргиронд ва саломи дӯстонро алек гуфт. Дусташ пурсид:

- Эй Умар (р.а.)! Чаро дарҳол саломамонро алейк ногуфта, чароғро хомӯш кардӣ ва чароғи дигарро даргирондӣ ва баъд суҳбатро оғоз кардӣ.

Ҳазрати Умар (р.а.):

- Чароғи аввал аз хазинаи давлат гирифта шудааст ва бо он кори давлатро мекардам, агар бо он шамъ бо шумо суҳбат мекардам, назди Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) масъул мешудам. Бо шумо дар бораи давлат сухан намегӯем, аз ин хотир, шамъи худамро даргирондам.

Пас аз ин суханҳо дӯстон ашки чашм рехтанд ва дуо карданд:

- Худоё! Умар фарзанди Хаттобро аз сари мо дур макун.

*** Агар моли давлатро ба фоидаи шахсӣ истифода кунӣ, ҳаққи об, барқ ва газро пардохт накунӣ, пас, рӯзи қиёмат тамоми халқи кишвар, ҳақашонро талаб мекунанд. Вой бар ҳоли бандае, ки бо ҳаққи банда ба ҳузури Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) меравад.

***ХУДОБАХШ***
***15.01.2012с.***

## Хайри маҷусӣ

Ҷунайди Бағдодӣ дар фасли зимистон маҷусиеро мебинад, ки ба паррандаҳо дон дода истодааст. Шайх мегӯяд:

- Ту худатро фиреб дода истодаӣ, ки дасти хайр дорӣ. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) имонро фарз гардонидааст ва хайру саховат баъд аз он меояд. То имон наорӣ, хайрат ба даргоҳи Илоҳӣ қабул намешавад.

Маҷусӣ:

- Ман ҳам медонам, ки қабул намешавад, аммо Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ин амали маро намебинад ва ё намедонад?

Шайх:

- Албатта, ки мебинаду медонад.

Маҷусӣ:

- Пас, ҳаминаш ба ман басанда аст.

Аз байн чанд вақт мегузарад. Ҷунайди Бағдодӣ ба Ҳаҷ сафар мекунад. Зимни тавофи Масҷиди Ҳаром мардеро мебинад, ки Аллоҳ Таъолоро тавалло дорад ва ашки чашм мерезонад. Шайх бодиққат назар мекунад ва мебинад, ки ҳамон маҷӯсиест, ки ба паррандаҳо дон медод. Пас аз тавоф, маҷусӣ аз дастони шайх мегираду мегӯяд:

- Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дид ва донист.

Маҷусӣ, пас аз ин сухан, калимаи шаҳодат меораду рӯҳашро таслим мекунад.

Дар ин вақт аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба Ҷунайди Бағдодӣ чунин хитоб омад:

- Эй Ҷунайд! Ту орзӯи хонаи ман кардӣ ва ба хона расидӣ. Ӯ бошад, орзӯи Ман кард ва ба Ман расид.

****** Ҳоҷӣ ба раҳи Каъбаву мо толиби дидор,***
***Ӯ хона ҳамеҷӯяду мо соҳиби хона.***

Маҷусӣ ба садақаи содиқонаи худ ҳидоят ёфт. Мо муъминон, дар ин моҳи мубораки Рамазон, садақаҳои содиқонаи худро фаромӯш накарда, дари муҳтоҷонро кушода, хайрҳоямонро холисона ва аз барои дарёфти ризогии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бубахшем. Иншоаллоҳ, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бо лутфу карами хеш моро дар чаҳорчӯби раҳматаш иҷозат медиҳад.

Ҳар кас вобаста аз тавонияш ҳиммати худро дареғ надошта, ҳадди ақал нафареро ифтор диҳад ва ё маблағе барои саҳур кӯмак кунад. Хуш ба ҳоле он касоне, ки ҳимматбаланданд.

***Аз гулӯи худ рабурдан вақти ҳоҷат ҳиммат аст,***
***В-ар на ҳар кас вақти серӣ пеши саг нон афканад.***

Шукр кунем, ки касе ёфт мешавад, ки садақа диҳем, то аз савоби садақа маҳрум нашавем. Албатта, дар ҳар кори Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) ҳикматҳои зиёде нуҳуфтааст.

***ХУДОБАХШ***
***17.08.2011с.***

## Халифа ҳазрати Усмон (р.а.) назди ғуломе ба зону нишаст

Халифа ҳазрати Усмон (р.а.) хатогии ғуломро мебинад ва наздаш мехонад ва гӯшашро мекашад.

Ғулом, ки амалашро хайр медонист, гуфт:

- Аз қасоси рӯзи қиёмат битарс, эй Халифа!

Ҳазрати Усмон (р.а.) хело пушаймон шуд ва дасти ғуломро бар гӯши худ монд ва гуфт:

- Гӯшамро бикаш!

Ғулом гӯши халифаро оҳиста кашид, аммо халифа фармуд:

- Сахттар бикаш!

Ғулом:

- Аз он метарсам, ки боз ҳаққи ту ба ман нагузарад.

Ҳазрати Усмон (р.а.):

- Шукри Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.), ки ғулом қасоси худро дар ҳамин дунё гирифт. Боз шукри Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.), ки ба дигарон намунаи бад нашудам.

*** Қасос ба хотири пойдории адолат аст. Маълум мешавад, ки наҷоти инсон аз зуру бозу нест, балки аз эътиқоду имон аст. Агар ғулом ҳам бошад ва агар ҳақ бошад, пас, халифа пеши ғулом ба зону мешинад. Ислом ҳамин аст. Ислом наҷот аст. Мо, ки ҳаққи зану фарзандон, волидайну бародарон, устодону ятимон ва фақирону беморонро фаромӯш мекунем. Ва ҳатто ҳаққи бандагиямонро фаромӯш мекунем. Худоё, ба мо ахлоқи исломиро насиб бигардон. Худоё! Моро аз хӯрдани ҳаққи дигарон наҷот бидеҳ. Аз барои дунёи фонӣ, аз хурдани ҳаққи шахсе ва ё шикастани қалби касе моро нигоҳ дор!

***ХУДОБАХШ***
***02.10.2011с.***

## Халифаи одил

Дар давраи халифа ҳазрати Умар (р.а.), миёни саҳоба Убай бинни Каъб ва халифа нофаҳмие мешавад ва ҷиҳати рафъи нофаҳмӣ назди қозии Мадина Зайд ибн Собит омаданд. Қозӣ халифа ҳазрати Умар (ра.)-ро дид ва истиқбол намуду чун эҳтиром барои нишастан минбаре гузошт. Халифа ҳазрати Умар (р.а.) барои ин рафтор чунин гуфт:

- Ин рафтори кардаат, аввалин ҳукми ноадолатии ту ба ҳисоб меравад. Ман бо даъвогарам дар як сатҳ менишинам.

Убай бинни Каъб даъвои худро ба қозӣ зикр намуд, аммо халифа ҳазрати Умар (р.а.) қабул накард. Убай бинни Каъб қасам ёд кардани Умарро (р.а.) талаб кард. Қозӣ Зайд ибн Собит ба Убай гуфт:

- Маҷбур макун, то халифа қасам бихӯрад. Ӯро аз қасам хӯрдан гузар бикун. Агар нисбати дигаре даъво медоштӣ, чунин рафтор намекардам.

Халифа ҳазрати Умар (р.а.) ин таклифро мешунавад ва қаҳролуд шуда, дарҳол қасам ёд мекунад. Баъд нисбати қозӣ Зайд ибни Собит чунин мефармояд:

- То вақте ки баробарии халифа ва дигар мусулмонҳоро наомӯзад, даъвои касеро мавриди санҷиш қарор надиҳад.

*** Мазмун, дарк ва татбиқи ибораи «қонун барои ҳама баробар» ҳамин аст. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар сураи «Сад», ояти 26 фармудааст:

يَا دَاوُدُ اِنَّا جَعَلْنَاكَ خَلِيفَةً فِى الْاَرْضِ فَاحْكُمْ بَيْنَ النَّاسِ بِالْحَقِّ وَلَا تَتَّبِعِ الْهَوٰى فَيُضِلَّكَ عَنْ سَبِيلِ اللّٰهِ اِنَّ الَّذِينَ يَضِلُّونَ عَنْ سَبِيلِ اللّٰهِ لَهُمْ عَذَابٌ شَدِيدٌ بِمَا نَسُوا يَوْمَ الْحِسَابِ

- «Эй Довуд! Мо туро халифаи рӯи замин гардонидем. Дар миёни мардум ба ҳақ доварӣ кун ва аз пайи ҳавои нафс марав, ки туро аз роҳи Аллоҳ (ҷ.ҷ.) бероҳ созад. Онон, ки аз роҳи Аллоҳ (ҷ.ҷ.) каҷрав шаванд, ба он сабаб, ки рӯзи ҳисобро аз ёд бурдаанд, ба азобе сахт гирифтор мешаванд».

Худованди Карим (ҷ.ҷ.) ба ҷуз ҳаққи банда, дигар хатоҳо ва гуноҳҳоро мебахшад. Пас, вой бар ҳоли қозие, ки ноҳақ ҳукм мекунад.

***ХУДОБАХШ***
***16.03.2013с.***

## Хамр

Анас бинни Молик (р.а.) нақл мекунад:

- Рӯзи амри ҳаром шудани хамр, дар хонаи Абӯталҳа (р.а.) соқӣ будам (хамри онвақтаи онҳо аз хурмо буд). Садое дар маҳалла буд. Абӯталҳа (р.а.) ба ман гуфт:

- Баро бубин.

Ман ҳам баромадам ва дидам, ки шахсе эълон мекард:

- Хабардор бошед, хамр ҳаром шудааст.

Дар тамоми маҳаллаи Мадина хамр чун об рехта шуд.

Абӯталҳа (р.а.) ба ман гуфт:

- Берун баро ва хамрҳоро бирез.

Ман ҳам баромада, хамрҳоро рехтам. Дар миёни халқ чунин садоҳо баромад:

- Рӯзи Бадр дар меъдаҳояшон хамр буду кушта шуданд. Онҳо чӣ мешаванд?

Дар ин ҳолат ояти 39-уми сураи «Наҷм» нозил шуд:

وَ اَنْ لَيْسَ لِلْاِنْسَانِ اِلَّا مَا سَعٰى

- Ва ин ки, барои мардум музде ғайри он чӣ худ кардаанд, нест?

*** Бешубҳа, ки дар ҳалолкардаю ҳаромакардаи Аллоҳ Таъоло (ч.ҷ.) ҳикматҳои бепоёнест. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар сураи «Моъида» оятҳои 90-91 фармудааст:

يَا اَيُّهَا الَّذِينَ اٰمَنُوا اِنَّمَا الْخَمْرُ وَالْمَيْسِرُ
وَالْاَنْصَابُ وَالْاَزْلَامُ رِجْسٌ مِنْ عَمَلِ الشَّيْطَانِ فَاجْتَنِبُوهُ
لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ
اِنَّمَا يُرِيدُ الشَّيْطَانُ اَنْ يُوقِعَ بَيْنَكُمُ الْعَدَاوَةَ
وَالْبَغْضَاءَ فِى الْخَمْرِ وَالْمَيْسِرِ وَيَصُدَّكُمْ عَنْ ذِكْرِ اللّٰهِ
وَعَنِ الصَّلٰوةِ فَهَلْ اَنْتُمْ مُنْتَهُونَ

«Эй касоне, ки имон овардаед, шаробу қимор ва бутҳо ва гаравбандӣ бо тирҳо палидӣ ва кори шайтон аст, аз он парҳез кунед, то наҷот ёбед! Шайтон мехоҳад бо шаробу қимор миёни шумо кинаву душманӣ афканад ва шуморо аз ёди Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ва намоз боздорад, оё бас мекунед?».

*** Шахсеро мепурсанд:

- Чаро хамр наменӯшӣ?

Мегӯяд:

- Он чӣ, ки маро маҳв мекунад, онро ба худ раво намебинам.

***ХУДОБАШ***
***17.03.2013с.***

## Хизмат ба пиронсол

Боязиди Бастомӣ пиронсолеро мебинад, ки бо як азобе дастҳояшро мешӯяд. Зуд давида, зарфи обро мегираду ба дасти пиронсол об мерезад ва мегӯяд:

- Падар, ту дар ҷавонӣ ба касе хизмат накардаӣ, ки дар ин вақти муҳтоҷ шуданат, хизмат бикунад.

Пиронсол:

- Хизмат ба пиронсолон кардаам. Агар намекардам, ту барин қутби олам (шахси бузург) ба дасти ман об мерехт, магар?

*** ***Дар ҷавонӣ дор пиронро азиз,***
***То азизи дигарон гардӣ ту низ.***

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Хоб мисли марг

Луқмони Ҳаким ба фарзандаш мегӯяд:

- Фарзандам, агар ба марг шубҳа намоӣ, пас, хобро фикр бикун. Чӣ гуна, ки ба хоб кардан маҷбур мемонӣ, ба марг низ маҷбур мегардӣ.

Агар баъд аз мурдан зинда шуданро шубҳа кунӣ, ба бедоршавӣ аз хобро фикр бикун. Чӣ гуна, ки барои бедор шудан аз хоб маҷбур мемонӣ ва бедор мешавӣ. Ба ҳамин мисол, агар нахоҳӣ ҳам, баъд аз мурдан зинда мешавӣ.

*** Худованди Мутаъол дар сураи «Анъом» ояти 60-ум фамудааст:

وَهُوَ الَّذِى يَتَوَفّٰيكُمْ بِالَّيْلِ وَيَعْلَمُ مَا جَرَحْتُمْ بِالنَّهَارِ ثُمَّ يَبْعَثُكُمْ فِيهِ لِيُقْضٰى اَجَلٌ مُسَمًّى ثُمَّ اِلَيْهِ مَرْجِعُكُمْ ثُمَّ يُنَبِّئُكُمْ بِمَا كُنْتُمْ تَعْمَلُونَ

«Ва Ӯст, ки шуморо шабҳангом мемиронад ва ҳар чӣ дар рӯз кардаед, медонад, он гоҳ бомдодон шуморо зинда месозад, то он ҳангом, ки муддати муайяни умратон ба поён расад. Сипас, бозгаштатон ба назди Ӯст ва шуморо аз он чӣ кардаед, огоҳ мекунад».

- Вақте, ки хоб кардан мехоҳӣ, ба тарафи ростат хоб бикун ва рӯятро тарафи қибла гардон, зеро хоб як навъи марг аст (аз Каъбул Аҳбор).

***ХУДОБАХШ***
***16.03.2013с.***

## Хоби олим ва бедории нодон

Рӯзе Расули Худо (с.а.с.) шайтонро мебинад, ки дар назди дари масҷид интизор аст. Расулуллоҳ (с.а.с.) мепурсад:

- Эй малъун, ин ҷо чиро интизорӣ?

Шайтон:

- Дар масҷид шахсе намоз хонда истодааст ва мехоҳам ӯро васваса кунам, аммо дар он ҷо касе хоб аст ва метарсам, ки бедор мешавад.

Расулуллоҳ (с.а.с.):

- Аз касе, ки ибодат дорад наметарсӣ, аммо аз нафаре, ки хоб аст, метарсӣ. Сабаб дар чист?

Шайтон:

- Нафаре, ки намоз адо дорад, нодон аст ва ӯро фиреб додан осон аст. Шахсе, ки хоб аст, олим аст. Агар он кас аз хоб хезад, мардумро дарси хониши намоз медиҳад ва онҳо боз хубтар адо хоҳанд кард.

*** Ба қадри олимону бузургон бояд бирасем. Бо шарофати онҳо Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) моро аз балоҳо нигоҳ медорад, аммо мо дарки он намекунем. Бо бузургон рафтор ва муносибати хубе дошта бошем, то аз онҳо файз гирем. Китобҳои эшонро хонему дарс гирем. Китоби нафареро хондан, маънои бо он кас буданро дорад. Пас, беҳтарин дидору суҳбат, ин дидору суҳбат бо Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аст, пас, бояд Қуръон бихонем ва баъдан суханҳо ва дарсҳои бандаҳоеро, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) онҳоро дӯст медорад.

***ХУДОБАХШ***
***03.09.2011с.***

## Хоби Султон Сулаймон

Шабе Қонунӣ Султон Сулаймон дар хобаш ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.)-ро мебинад. Султон Сулаймон аз дунболи Расулуллоҳ (с.а.с.) то ба маконе, ки ҳоло масҷиди Сулаймонӣ (дар Истанбул, иборат аз 70 сотих) бунёд шудааст, меоянд. Расулуллоҳ (с.а.с.) ба Султон Сулаймон мефармояд:

- Меҳроб ба ин ҷо ва минбар дар ин ҷо шавад.

Султон Сулаймон аз ин хоби муборак бармехезад ва шукр мекунад. Меъмор Синонро наздаш мехонад. Ягон шарҳе надода, бо Меъмор Синон ба маконе, ки дар хобаш дида буд, мераванд.

Султон Сулаймон мефармояд:

- Дар ин ҷо масҷид ва мадрасаю китобхона месозем.

Меъмор Синон суханро чунин идома дод:

- Султонам меҳробро дар ин ҷо ва минбарро дар ин ҷо бисозем.

Султон Сулаймон мегӯяд:

- Синон мисле, ки ту аз ин кор бохабарӣ.

Меъмор Синон:

- Султонам дар хоби шаби гузашта ман ҳам, як қадам ақиб аз шумо будам.

*** Модоме, ки дар хобамон якояк бо ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) намешавем, ҳеҷ набошад, бо онҳое ҳамсуҳбат бишавем, ки тариқи онҳо бо Расулуллоҳ (с.а.с.) ҳамроҳ бишавем.

***ХУДОБАХШ***
***21.07.2013с.***

## Хоби ҳазрати Алӣ (р.а.)

Ҳазрати Алӣ (р.а.) Расулуллоҳ (с.а.с.)-ро дар хоб мебинад. Аз ақиби Расулуллоҳ (с.а.с.) намоз мехонад. Баъди намоз ҷорияе бо сабади хурмое назди Расулуллоҳ (с.а.с.) меояд. Ҳазрати Расулуллоҳ (с.а.с.) як дона хурмо гирифта, ба ҳазрати Алӣ (р.а.) медиҳад. Як хурмои дигар гирифта, боз медиҳад.

Ҳазрати Алӣ (р.а.) аз хоб мехезад ва маззаи хурморо дар димоғаш ва ҳасрати Расулуллоҳ (с.а.с)-ро дар дарунаш ҳис мекунад, зеро паёмбари гиром вафот карда буд.

Ҳазрати Алӣ (р.а.) таҳорат мегирад ва сӯи масҷид меравад. Халифа ҳазрати Умар (р.а.) буд. Аз ақиби ҳазрати Умар (р.а.) намоз мехонад. Пас аз намоз хобашро нақл карданӣ мешавад, ки дар ҳамин лаҳза ҷорияе, ки дар хоб дида буд, онро мебинад, ки дар назди ҳазрати Умар (р.а.) хурмо мегузорад. Ҳазрати Умар (р.а.) як хурмо гирифта ба ҳазрати Алӣ (р.а.) медиҳад. Боз як хурмои дигар гирифта медиҳад. Хурмои боқимондаро ба саҳобаҳо тақсим намуд. Ҳазрати Алӣ (р.а.) ба ҳазрати Умар (р.а.) гуфт:

- Як хурмои дигар бидеҳ.

Ҳазрати Умар (р.а.) ҷавоб дод:

- Агар Расулуллоҳ (с.а.с.) як донаи дигар медод, ман ҳам медодам.

Ҳазрати Алӣ (р.а.) ҳайрон мегардад. Ҳазрати Умар (р.а.) илова мекунад:

- Ҳайрон машав. Вақте ки муъмин назар мекунад, бо нури Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) нигоҳ мекунад ва мебинад.

Ҳазрати Алӣ (р.а.):

- Дуруст мегӯӣ ё Амиралмуъминин. Чӣ гуна, ки дар хобам дидам, ҳамон гуна ҷараён гирифт. Расулуллоҳ

(с.а.с.) фармуда буд:

- Бешубҳа, ки шамъи аҳли ҷаннат Умар фарзанди Хаттоб аст.

Ҳазрати Умар (р.а.) ин суханро мешунавад ва мегӯяд:

- Ё Алӣ (р.а.)! Ту инро аз Расулуллоҳ (с.а.с.) шунидӣ?

Ҳазрати Алӣ (р.а.):

- Бале, шунидам.

Ҳазрати Умар (р.а.) қоғазе барои сабти он, ки онро аз Расулуллоҳ (с.а.с.) шунидаӣ, хоҳиш кард ва гуфт:

- Вақте ки ман мемирам, инро дар кафанам ҷо кунед. Ман мехоҳам, ки бо ин ба ҳузури Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бароям.

Ҳазрати Алӣ (р.а.) қасам ёд карда гуфт:

- Дар Ислом, аз Абӯбакру Умар нафари покизатару хушахлоқтаре таваллуд нашудааст. Ҳар фарде, ки онҳоро итоат бикунад, саломат ёфтааст. Ҳар фарде аз роҳи онҳо қадам мегузорад, дар роҳи дуруст аст.

*** Дар ҳадисе омадааст, ки;

«Ҳар касе маро дар хоб мебинад, чунон аст, ки дар зиндагиям дидааст, зеро шайтон ба сурати ман даромада наметавонад.»

Банда чӣ фикре дошта бошад, ҳамонро зикр мекунад ва ҳамонро дар хоб мебинад.

***ХУДОБАХШ***
***16.12.2012.с.***

## Хонасоз

Сохтмончие умри худро дар ширкате баҳри хонасозӣ сарф намуд. Рӯзе аз роҳбараш хост, то ин ки ӯро ба нафақа гусел намояд. Роҳбар аз ин хоҳиш ғамгин шуд ва аз ӯ хоҳиш намуд, ки хонаи охиринашро бисозад.

Хонасоз корро шурӯъ кард, аммо на бо хоҳиши воло. Дар сохтмони хона маҳсулоти камсифат истифода кард. Хонаро ба итмом расонид. Роҳбарро барои қабул кардани хона даъват намуд. Роҳбар омад ва хонаро дид. Роҳбар калиди хонаро ба хонасоз дод ва гуфт:

- Ин хона аз номаи ман барои ту ҳадя аст.

Хонасоз ҳайрон шуд ва хело шарм кард. Худ ба худ бигуфт:

- Кош, медонистам, ки хонаро барои худ бино мекунам.

*** Ҳаёт, маънои хонаи худро сохтан аст. Инро метавон ҳам дар ҳаёти дунявӣ фикр кард ва ҳам дар ҳаёти ухравӣ.

***ХУДОБАХШ***
***26.01.2013с.***

## Хондани намоз

Маҷнун аз пеши намозгузоре мегузарад.

Намозгузор:

- Маҷнун магар маро намебинӣ, ки намоз гузошта истодаам ва ту аз пешам мегузарӣ?

Маҷнун:

- Ман, ки Лайлиро фикр дорам ва туро надидам. Ту бошӣ, Аллоҳ Таъолоро фикр дорӣ ва маро чӣ гуна дидӣ?

*** Вақти суҳбат бо Аллоҳ Таъоло (вақти адои ибодат, тиловати Қуръон ва зикр), набояд ки чашмонамон ва фикрамон ба дигар тараф майл бикунад. Худоё! Ба ҳамаи мо чунин эҳсоси муқаддас ва дарки адои ибодатро насиб бигардон.

***ХУДОБАХШ***
***01.05.2013с.***

## Хониши намози зебо

Ҳотами Зоҳид ба зиёрати Осим ибни Юсуф омад. Осим аз Ҳотам суол кард:

- Эй Ҳотам! Намози зебо хонда тавониста истодаӣ?

Ҳотами Зоҳид:

- Бале.

Осим:

- Чӣ гуна адо мекунӣ?

Ҳотам:

- Вақти намоз, ки наздик шуд, таҳоратамро тоза мекунам ва болои саҷҷодаам рост меистам. Тамоми баданам бар адои намоз омода мегардад. Каъбаро дар миёни ду қошам, Мақоми Иброҳимро дар қафаси синаам, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аз макон муназзаҳ аст ва барои ҳамин болои сарам медонам ва мутмаини онам, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аз ҳамаи он чӣ, ки аз дилам мегузаронам, бохабар аст. Мисле, ки пойҳоям болои пули сирот аст, ҷаннат дар тарафи рост ва ҷаҳаннам дар тарафи чап, Азроилро дар пуштам ва фикри онро мекунам, ки намозе, ки адо мекунам, шояд намози охиронам бошад. Баъдан бо ихлос такбири ифтитоҳ мекунам, бо тафаккур қироъат мекунам, хоксорона рукуъ мекунам, бо талаб сар ба саҷда мегузорам. Дар нишаст бо умед ташаҳҳуд меорам ва тибқи суннат салом медиҳам. Намозро ба ихлос месупорам ва дар миёни тарсу умед бармехезам. Бо ин усул сабрро давом медиҳам.

Осим суханҳоро мешунавад ва меӯяд:

- Эй Ҳотам! Намози ту чунин аст?

Ҳотам:

- Бале. Сӣ сол аст, ки чунин намоз адо мекунам.

Осим гиря мекунад ва чунин мегӯяд:

-Ман то ин вақт, чунин намоз адо карда натавониста ам.

*** Худованди Мутаъол дар сураи «Моъун» оятҳои 4 ва 5 фармудааст:

فَوَيْلٌ لِلْمُصَلِّينَ
اَلَّذِينَ هُمْ عَنْ صَلَاتِهِمْ سَاهُونَ

- Пас, вой бар он намозгузороне, ки дар намози худ дар ғафлатанд.

Аз Абӯҳурайра (р.а.) ривоят аст, ки Расули Акрам (с.а.с.) фармуданд:

Оё дар назди хона оби равоне бошаду инсон дар як рӯз панҷ маротиба бо он худро бишӯяд, дар ӯ ифлосӣ мемонад?

Асҳоб посух доданд:

- На, тоза мегардад.

Панҷ вақт намоз ҳам чунин аст. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бо адои намоз ҳамаи хатоҳоро тоза мекунад (Ривояти Бухорӣ).

Албатта ҳар як мусулмон мувофиқи ҳисси адокардашудаи намоз аҷр мегирад. Итоати амрҳои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) иртиботи бандаро бо Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) қавӣ мегардонад. Намоз яке аз ибодатҳое мебошад, ки дар қавӣ гардонидани иртиботи банда ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) нақши бузург мебозад.

***ХУДОБАХШ***
***10.02.2013с.***

## Хониши намози Ҳотами Асам

Шахсе аз Ҳотами Асам суол кард:

- Ту чӣ гуна намоз мехонӣ?

Ҳотами Асам:

- Вақти намоз, ки ояд, рафта таҳорат мегирам. Тавба мекунам, аз меҳру муҳаббати дунё рӯ мегардонам. Аз ҳама гуна феълу рафторе, ки сабаби таърифкунии ман мегардад, дурӣ меҷӯям. Дар ақлу ҳушам кинаву ҳасад ҷо намекунам. Баъдан ба намоз истода, тарафи қибла мегардам. Каъбаро пеши чашмам меорам. Ҳам бо умеде, ки намозам қабул мегардад ва ҳам бо тарс аз он, ки намозам қабул намегардад. Ва фикри онро мекунам, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) маро дида истодааст. Тасаввур мекунам, ки дар тарафи ростам ҷаннат ва дар тарафи чапам ҷаҳаннам, аз пуштам Азроил (а.с.) ва намози хондаам охирон намоз аст. Худро дар пули сирот ҳис мекунам, ки қадам гузоштаам. Бо тассавурот Аллоҳу Акбар гуфта, намозро оғоз мекунам. Худро дар ҳузури Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) фикр карда, бо дили фараҳ рукуъ мекунам ва бо ҳузн ба саҷда меравам. Аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ноумед нашуда, дуо мекунам. Ихлосамро аз даст надода, салом мекунам. Ин аст, тарзи сӣ соли хониши намози банда.

*** Мо ҳам дуо мекунем ва ҳам кушиш мекунем, ки намозамонро чун бузургонамон, адо намоем. Чӣ саодат ба бузургонамон, ки дар надоштани шароит чунин тақводор буданд. Камина худро фикр мекунам, ки дар шароите қарор дорем, ки аз гузаштаамон хело ва хело ҳам боло мебошем, аммо аз маҳали тақво гузар намекунем. Аз худам шарм мекунам, ки назди бегонагон бо гузаштаамон

фахр мекунам. Ҳар, ки содиқона дар дини Ислом аст, пас ӯ аз мост. Дар ҳаққи банда ҳам дуоталабам, ки тақво бароям рафиқ гардад.

***ХУДОБАХШ***
***23.08.2011с.***

## Хостгори зиндагӣ ва ё хосгори марг?

Се шахсияти барҷаста Саврӣ, Юсуф бинни Асбот ва Вуҳайб дар Басра якҷо шуданд. Замоне буд, ки миёни Уммавиҳою Аббосиҳо фитна зиёд шуда буд. Саврӣ фармуд:

Ростӣ, мехоҳам, ки бимирам. Бадию фитна рӯз то рӯз зиёд шуда истодааст. Барои омехта нашудан дар бадию фитна, ҳар чӣ зудтар мурдан мехоҳам.

Юсуф бинни Асбот бошад, бар муқобили сухани Саврӣ баромада мефармояд:

- Ман маргро намехоҳам. Шояд то вақте ки ҷон дар тан дорам, ягон ибодату тавбаам қабул мегардад. Ба ҳамин хотир, ман маргро не, зиндагии бахайрро таманно мекунам.

Вуҳайб бошад, бар муқобили ҳар ду бузургон сухане гуфт:

- Ман на мурданро мехоҳам ва на зинда буданро. Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) он чиро, ки бар ман тақдир карда бошад, ба ҳамон розиям. Ман барои худам чизеро интихоб намекунам.

Саврӣ аз ин сухан хело хушаш омад ва дузону нишаста, гуфт:

- Валлоҳӣ, ки дурустарашро шумо фармудед. Шумо моро бо ин суханатон таслим шудан ба тақдирро ёдрас шудед. Фарде, ки ба тақдири Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) таслим мешавад, аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) маҳрум намемонад.

*** Ҳар он чӣ, ки ба сарамон меояд, бояд ба тақдир таслим шуд. Инсон танҳо ҳадафи ба даст овардани ризогии Аллоҳ Таъолоро мақсаду мароми аввалиндараҷа донад ва кушишу дуо бикунад, баъдан таваккул карда, ба тақдир таслим шавад.

Шахсе, ки бо тайёрӣ умрашро паси сар мекунад, марг барояш раҳмат аст. Ҳазрати Расулуллоҳ (с.а.с.) тавсия додааст, ки инсон новобаста аз тайёр буданаш набояд талаби марг намояд.

Атоуллоҳ Искандарӣ фармудааст:

Бисёр умрҳое ҳастанд, ки вақташон зиёду қадрашон кам аст. Бисёр умрҳое ҳам ҳастанд, ки вақташон каму қадрашон хело зиёд аст.

***ХУДОБАХШ***
***19.07.2015с.***

## Хостгорӣ

Марде барои оиладор кардани фарзандаш хостгорӣ меравад. Дар аснои суҳбат падари духтар чунин сухан мекунад:

- Барои духтари ман хостгорҳои зиёде омадаанд. Шумо чӣ чизҳоеро соҳиб мебошед?

Домодшаванда ба сухангӯӣ оғоз намуда чунин мегӯяд:

- Аллоҳи Раҳмони Раҳим (ҷ.ҷ.) касеро, ки зикр мекунад, гуруснааш намемонад. Ӯ (ҷ.ҷ.) Олим аст.

Гуноҳ, ки кардему баъдан пушаймонӣ хӯрем, бо сифати Ғаффораш мағфират мекунад.

Вақти кор ал-Ҳафиз мегӯяму шурӯъ мекунам.

Пурсидед, ки чӣ чизҳоро соҳибам. Чизе надорам, зеро Ӯст (ҷ.ҷ.) Моликил Мулк.

Агар бигӯӣ, ки бе маблағ бимонам, чӣ кор мекунам? Пас, бидон, ки Ан- Нур мегӯям ва иншоаллоҳ хонаамро мунаввар мегардонад.

Агар пурсӣ, ки духтаратро ҳаргиз тарк намекунам? Пас, ваъда намедиҳам, ки таркаш намекунам, зеро Боқӣ танҳо Ӯст (ҷ.ҷ.), бандаҳо фонӣ аст.

Бигзор касе моро дӯст надорад, барои мо Вадуд (нисбат ба бандагонаш меҳрубон аст) басанда аст.

Агар бигӯӣ, ки духтарат кореро пинҳонӣ бикунад, чӣ аксуламале нишон медиҳам. Дилаш чӣ кореро иҷозаташ медиҳад, анҷом додан гирад, Аллоҳ Басиру Шоҳид аст. Ҳама чизро мебинаду медонад.

Ман Аллоҳ ва Расулуллоҳ (с.а.с.) дорам. Ман аз духтаратон танҳо як чиз мехоҳам. Таҳти шиори ояти 31-уми сураи «Нур» зиндагӣ кунад.

وَقُلْ لِلْمُؤْمِنَاتِ يَغْضُضْنَ مِنْ اَبْصَارِهِنَّ وَيَحْفَظْنَ فُرُوجَهُنَّ
وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ اِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا وَلْيَضْرِبْنَ بِخُمُرِهِنَّ
عَلٰى جُيُوبِهِنَّ وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ اِلَّا لِبُعُولَتِهِنَّ اَوْ اٰبَائِهِنَّ
اَوْ اٰبَاءِ بُعُولَتِهِنَّ اَوْ اَبْنَائِهِنَّ اَوْ اَبْنَاءِ بُعُولَتِهِنَّ اَوْ
اِخْوَانِهِنَّ اَوْ بَنٖى اِخْوَانِهِنَّ اَوْ بَنٖى اَخَوَاتِهِنَّ اَوْ نِسَائِهِنَّ
اَوْ مَا مَلَكَتْ اَيْمَانُهُنَّ اَوِ التَّابِعٖينَ غَيْرِ اُولِى الْاِرْبَةِ مِنَ
الرِّجَالِ اَوِ الطِّفْلِ الَّذٖينَ لَمْ يَظْهَرُوا عَلٰى عَوْرَاتِ النِّسَاءِ
وَلَا يَضْرِبْنَ بِاَرْجُلِهِنَّ لِيُعْلَمَ مَا يُخْفٖينَ مِنْ زٖينَتِهِنَّ وَتُوبُوا
اِلَى اللّٰهِ جَمٖيعًا اَيُّهَ الْمُؤْمِنُونَ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ

Ва ба занони мӯъмин бигӯ, ки чашмони худ бипӯшанд ва шармгоҳи худ нигоҳ доранд ва зиннатҳои худро ҷуз он миқдор, ки пайдост, ошкор накунанд ва миқнаъаҳои (рӯймолҳои) худро то гиребон бипӯшанд ва зиннатҳои худро ошкор накунанд, ғайр ба шавҳари худ ё падари худ, ё падари шавҳари худ, ё писари худ, ё писари шавҳари худ, ё бародари худ, ё писари бародари худ, ё писари хоҳари худ, ё занони ҳамдини худ, ё бандагони худ, ё мардони хидматгузори худ, ки рағбат ба зан надоранд, ё кӯдаконе, ки аз шармгоҳи занон бехабаранд. Ва низ чунон пой бар замин назананд, то он зиннат, ки пинҳон кардаанд, дониста шавад. Эй мӯъминон, ҳамагон ба даргоҳи Худо тавба кунед, шояд наҷот ёбед. Ва ба зино наздик машавед. Зино коре зишт ва роҳи нописанд аст!

Боадаб бошад, зеро ҳаё аз имон аст.

Маро дӯст бидорад ва то мурдан дасташро аз дастам ҷудо накунад.

Саҳархезиям душвор аст ва маро бо кадом роҳе набошад, барои намози бомдод бедор бикунад.

Падари духтар мепурсад:

- Суханҳоят хело мақбул аст, аммо саволе дорам. Оё хонае дорӣ?

Писар:

- Агар хона надорам бигӯям, духтаратро намедиҳӣ?

Падари духтар:

- Не фарзандам. Агар хона надошта бошӣ, пас, бароят хонае месозаму, баъдан илтимос духтари маро ба ҳамсарӣ қабул бикун.

*** Дар замони пеш вақте ки ба хостгорӣ мерафтанд, ба қисмати зонуи шим назар мекарданд. Ин маънои онро дорад, ки чӣ қадар қисмати зонуи шим тағйир ёфта бошад, маънои онро дорад, ки ҳамон қадар намоз зиёд адо мекунад. Афсӯс дар ҳоли ҳозир аксари мардум ба зонӯи шим не, ба ҳаҷми пур будани ҷайби писар назар мекунанд.

Ҳазрати Алӣ (р.а.) фармудааст:

Домоди бад, аз даст додани духтар аст. Домоди хуб, ба даст овардани фарзанди нав аст.

Домодро бо тақвояш интихоб кардан, роҳест барои саодатманд кардани духтари хеш.

***ХУДОБАХШ***
***22.06.2014с.***

## Хоҳиши зино кардани ҷавон

Ҷавоне назди Расулуллоҳ (с.а.с.) омад ва пурсид:

- Ё Расулуллоҳ (с.а.с.), барои зино кардан ба ман иҷозат деҳ.

Расулуллоҳ (с.а.с.):

- Ту модар, хоҳар, холаву амма дорӣ?

Ҷавон:

- Бале, дорам.

Расулуллоҳ (с.а.с.):

- Нафаре майли зино ба модар, хоҳар ва холаву аммат кунад, ту розӣ мешавӣ?

Ҷавон:

- Розӣ намешавам.

Расулуллоҳ (с.а.с.):

- Ту ба он афроде, ки зино кардан мехоҳӣ, онҳо низ модар, хоҳар ва холаву аммаи дигаре ҳаст ва онҳо низ ба ин кор розӣ нестанд.

Расулуллоҳ (с.а.с.) пас аз ин сухан дастҳои муборакашро бардошта, дуо карданд:

- Худоё орзӯи зиноро аз қалби ин ҷавон бардор.

Пас аз ин дуо, ҷавон ҳам тавба кард ва мусулмони самимӣ шуд. Дубора чунин фикр ба сараш наомад.

*** Он чизе, ки бар худ намехоҳед, бар дигарон низ нахоҳед. (маънои ҳадис). Хатои бародарон ва дӯстонро бояд чун офате барои худ донист. Албатта, бар муваффақияти бародарону дӯстон низ бояд ҳам самимона шодӣ ва ҳам муборакбод кард.

***ХУДОБАХШ***
***21.08.2011с.***

## Ҳабиби Аҷамӣ

Ҳабиби Аҷамӣ зуд-зуд ба шикори моҳӣ мерафт. Рӯзе яҳудие ӯро мебинад, ки шикори моҳӣ дорад ва чунин фикр мекунад:

- Ислом дини ҳақ мебуд, бузургони ин дин ин қадар муҳтоҷи шикори моҳӣ намешуданд.

Дар чунин хаёл буд, ки Ҳабиби Аҷамӣ дасташро дар об меандозаду моҳие мегирад ва моҳиро бар синаи яҳудӣ мезанад. Яҳудӣ ҳайратзада мегардад, зеро моҳӣ ҳам калон буд ва ҳам тиллоӣ буд. Яҳудӣ дарк кард, ки дар ин кор сабабе ҳаст. Дилаш равшан гардиду калимаи шаҳодат овард.

*** Кароматба хотири беҳдошт кардани зиндагӣ нест. Меҳнат ҳам ибодат аст. Танбалӣ сифати мусулмон нест.

***ХУДОБАХШ***
***30.08.2011с.***

## Ҳадаф аз илмомӯзӣ

Рӯзе аз Абдуллоҳ бинни Муҳаммад Розӣ суол карданд:

- Одамон айбу нуқсонҳо ва нодрустиро медонанд, аммо ба роҳи дуруст қадам намегузоранд. Сабаб дар чӣ бошад?

Абдуллоҳ бинни Муҳаммад Розӣ ҷавоб дод:

- Барои он ба роҳи дуруст қадам намегузоранд, ки илмро ба хотири фахр кардан бар якдигар аз худ мекунанд. Илмро баҳри амал кардан аз худ намекунанд. Аз ин хотир, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) қалбҳои онҳоро кӯр гардонидааст ва аъзоҳои баданашро аз ибодат кардан бастааст.

*** Илмро ба хотири аз дигарон воло шудан аз худ макун. Барои фоидаю шуҳрат ва дигар корҳои нохуб илмро аз худ макун, балки илмро барои татбиқ дар ҳаёт аз худ бикун (Френсиз Бейкон).

***ХУДОБАХШ***
***22.06.2015с.***

## Ҳадис Қуръонро шарҳ медиҳад

Байҳақӣ нақл мекунад:

Шахсе ба Мутаарриф бинни Абдуллоҳ чунин мегӯяд:

- Ба мо танҳо аз Қуръон суҳбат бикун. Танҳо ҳадис магӯед.

Мутаарриф чунин ҷавоб дод:

- Валлоҳ, ки ҳадисҳоро ба ҷойи Қуръон нақл намекунем. Баръакс, ҳадаф аз нақл кардани ҳадисҳо, суханҳои Пайғомбарамон (с.а.с.)-ро, ки аз ҳама хубтар Қуръонро медонист, ба шумо нақл кардан аст.

*** Аҳодис (ҳадисҳо) чун навъе аз тафсири Қуръонанд. Ҳадис танҳо ба хотири боз ҳам равшантар дарк кардани дин ва Қуръон аст.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Ҳадяи Султон

Султон Аҳмад ба шайх Азиз Маҳмуд ҳадяе равон кард. Шайх Азиз Маҳмуд ҳадяро қабул накард, зеро шубҳа кард, ки шояд дар ҳадя ҳаромие ҷо гирифта бошад ва онро дубора ба Султон баргардонд.

Султон ҳамон ҳадяро ба дигар шайх бо исми Абдулмаҷид равон кард. Шайх Абдулмаҷид қабулаш кард.

Рӯзе Султон ба Абдулмаҷид гӯфт:

- Ҳадяе, ки шумо қабулаш кардед, шайх Азиз қабулаш накарда буд.

Шайх Абдулмаҷид мегӯяд:

- Шайх Маҳмуд мисли симурғ ҳаст ва худро ба гушти ҳаром одат намекунад.

Баъди чанд рӯз Султон шайх Маҳмудро мебинад ва мегӯяд:

- Ҳадяе, ки ту қабулаш накардӣ, шайх Абдулмаҷид қабулаш кард.

Шайх Маҳмуд мегӯяд:

- Шайх Абдулмаҷид дарёст. Каме аз ифлосӣ ӯро нопок намесозад.

*** Мо бояд доимо дар ҳаққи якдигар гумону фикри хайр кунем. Доимо тарафи мусбати бародаронро бубинем. Дар ҳаққи якдигар дуо кунем, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) ҳусни зан (тарафи мусбатро дидан) карданро бароямон насиб гардонад.

***ХУДОБАХШ***
***16.08.2011с.***

## Ҳаётро чӣ гуна бинем?

Шасхе фаҳмиши ҳаётро донистан хост. Аз ҳама гуна шахсиятҳо ҷавоб гирифт, аммо мутмаин нагардид. Бароящ тавсия ва нишонаи олимеро доданд. Мард олимро дарёфт ва наздаш даромаду суоли фаҳмиши ҳаётро дод. Олим фармуд:

- Барои ҷавоб додан ба саволат, аввал бояд туро имтиҳоне бикунам. Олим ба мард қошуқе пур аз равғани зайтун дод ва иловатан фармуд:

- Акнун берун баро ва атрофи боғ чарх бизану баъдан назди ман биё. Агар қатрае аз равған резад, пас, мағлуб шудаӣ.

Мард бо қошуқи пур аз равған атрофи боғ чарх заду назди олим ҳозир шуд. Олим гуфт:

- Аз қошуқ равған кам нашудааст. Боғ чӣ хел буд?

Мард ҷавоб дод:

- Ман ба ҷуз қошуқ дигар ба ҳеҷ куҷо назар накардам.

Олим ин маротиб қошуқи пур аз равғани зайтунро бароящ доду фармуд:

- Акнун қошуқро гирифтӣ, боз атрофи боғ чарх бизан. Ин маротиб боғро бодиққат назар бикун.

Мард атрофи боғ чарх заду боз назди олим даромад. Мард мафтуни боғи зебо гардид. Ба олим зебогии боғро васф намуд.

Олим гуфт:

- Аммо дар қошуқи ту равған ҳам намондааст.

Олим суханашро чунин идома дод:

- Ҳаёт вобаста аз нигоҳи ту маънӣ пайдо мекунад. Агар ба як нуқта назар бикунӣ, равиши ҳаётро намефаҳмӣ,

аммо умр меравад. Ё дар миёни тамоми зебогиҳо умр мегузаронӣ ва он вақт умри паси сар кардаат, маънӣ меорад.

*** Маънии зиндагӣ дар нигоҳи ту пинҳон аст. Равиш ва маънии зиндагӣ аз ҳадафи зиндагӣ рангин мегардад. Дар ҳама шарту шароит зиндагӣ рангин аст. Муҳим он аст, ки аз чаҳорчӯби маънӣ ва ҳадафи зиндагӣ дур нашавем.

***ХУДОБАХШ***
***22.06.2015с.***

## Ҳазар аз суҳбат бо бадон

Иброҳими Батайҳӣ нақл мекунад:

- Рӯзе барои зиёрати Абӯбакри Қаввом ба роҳ баромадам. Дар роҳ бо корвоне ҳамроҳ шудам. Суҳбат атрофи хамр ва айшу ишрати дунё мерафт.

Ба ҳузури Абӯбакри Қаввом расидам. Ба ман фармуд:

- Ба хайр аст, эй Иброҳим! Ин чӣ аҳвол аст?

Гуфтам, ки ҳоли ман чӣ гуна аст?

Абӯбакри Қаввом фармуд:

- Аз баданат бӯи хамр меояд.

Гуфтам:

- Дар роҳ ба корвоне ҳамроҳ шудам. Онҳо бардавом дар мавзӯи хамр сухан мекарданд. Маълум мешавад, ки гуфтори онҳо бар ман асар гузоштааст.

Абӯбакри Қаввом фармуд:

- Фарзандам! Бо одамони хуб ҳамроҳ шав. Чӣ қадаре ки метавонӣ, аз одамони бад ҳазар кун, зеро суҳбат бо одамони бад ба дунёю охиратат зарар мерасонад.

*** Рафиқи бад ба мисли оҳангар аст. Шояд, ки оташи он ба ту нарасад, аммо бӯи бадаш ҳатман ба ту мерасад. Рафиқи хуб мисли аттор аст, ба бадани ту атр наафшонад ҳам, бӯи хушаш ба ту мерасад (маънои Ҳадис).

***ХУДОБАХШ***
***12.05.2013с.***

## Ҳазрати Мӯсо (а.с.) ва гусфанд

Қариб ҳамаи паёмбарон чӯпонӣ кардаанд. Ҳазрати Мӯсо (а.с.) ҳам пеш аз паёмбарӣ чӯпонӣ кардааст. Аз селаи гусфандон гусфанде ҷудо шуду ба дигар самт тозон шуд. Ҳазрати Мӯсо (а.с.) дунболи гусфанд шуд ва гусфанд ҳам то беҳол шуданаш аз ӯ фирор кард. Наздики шом шуд ва гусфанд ҳам аз давидан монда шуд ва истод. Ҳазрати Мӯсо (р.а.) гусфандро ба даст мегирад ва онро силааш мекунаду бӯса мекунад ва мефармояд:

- Худатро ин қадар хаста кардӣ. Ба ман раҳм накардӣ. Магар ба худат ҳам раҳм накардӣ? Чӣ ҳоҷат буд, ки худатро ин қадар хаста кардӣ?

Баъди ин Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба малоик хитоб кард:

- Ин бандаи ман Мусо аст. Ӯро паёмбарӣ зеб медиҳад.

Яке аз барзиёдтарин уммат дар ҷаннат, уммати Мӯсо алайҳисалом аст.

*** Раҳм кун, то раҳм кунад. Чӣ инсон бошад чӣ ҳайвон бояд раҳм карда шавад. Забонро аз рӯи инсони бад ва ё ҳайвоне набояд ифлос гардонем ва забону рафторро бо сухану амали бад одат набояд кард.

***ХУДОБАХШ***
***01.10.2011с.***

## Ҳазрати Мӯсо (а.с.) ва дуои борон

Дар замони ҳазрати Мӯсо (а.с.) хушкӣ меояд. Ҳазрати Мӯсо (а.с.) бо бани Исроил барои дуои борон ҷамъ мешаванд. Се рӯз пайи ҳам дуои борон мекунанд, аммо борон насибашон намегардад. Ҳазрати Мӯсо (а.с.) ба Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) розу ниёз мекунад.

- Эй Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.), се рӯз аст, ки барои боридани борон дуо мекунем, аммо бароямон борон насиб намегардонӣ. Ҳикмат дар чист?

Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) чунин ваҳй нозил кард:

- Эй Мӯсо (а.с.), дар миёнатон ғаммозе (ғайбаткунандае, суханчине) ҳаст. Барои ҳамин, дуоятонро қабул намекунам.

Ҳазрати Мӯсо (р.а.):

- Ё Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.), ба мо кӣ буданашро бигӯ, то ӯро аз байнамон хориҷ кунем.

Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) мефармояд:

- Эй Мусо (а.с.)! Ғаммозиро ман худам манъ кардаам. Он чизеро, ки худ манъ кардаам, чаро худам амал бикунам.

Ба ин хотир, ҳама якҷоя тавба карданду дуои борон карданд ва Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) барояшон борон эҳсон намуд.

*** Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) дар ҳар ҳалолкарда ва ҳаромкардааш ҳикматҳои бепоён халқ кардааст. Қоидаҳои зиндагиро барои ҳаёти моддӣ ва маънавӣ офаридааст. Шахсе ба ту сухане орад ва ё ғайбате кунад, пас, бидон, ки сухани туро дар назди дигаре мегӯяд. Айби дигаронро пинҳон кун, то айбат пинҳон гардад. Агар хоҳӣ, ки касе

аз ин кори бад наҷот ёбад, пас, метавонӣ бо худи ӯ сӯҳбат кард ва ҳаром будани ғайбаткунӣ ва суханчинро фаҳмонӣ.

***Ҳар кӣ айби дигарон пеши ту оварду шумурд,***
***Бегумон, айби ту пеши дигарон хоҳад бурд.***

*(Саъдӣ)*

***ХУДОБАХШ***
***17.08.2011с.***

## Ҳазрати Мӯсо (а.с.) ва ҳодисаи аҷиб

Рӯзе ҳазрати Мӯсо (а.с.) пас аз адои ибодат, зери дарахте истироҳат мекунаду ба чашма назар мекунад. Дар ин асно, аскаре ба лаби чашма наздик мешавад ва аз гарданаш халтаи зарро ба замин мегузорад, то тар нашавад,. Аскар обро менӯшаду меравад. Халтаи зарро фаромӯш мекунад. Дар ин муддат кӯдаке бозикунон ба лаби чашма меояд. Пас аз нӯшидани об, халтаи зарро мебинад ва онро гирифта меравад. Баъд аз кӯдак, мӯйсафеде ба лаби чашма меояд. Мӯйсафед обро менӯшад, ки дар ҳамин асно аскар барои гирифтани халтаи зар меояд, аммо халтаи зарро намеёбад. Мӯйсафедро таҳдид ҳам мекунад, аммо мӯйсафед аз халтаи зар бехабар буданашро мегӯяд. Аскар бовараш намекунад ва асабӣ шуда, мӯйсафедро ба қатл мерасонад.

Ҳазрати Мӯсо (а.с.) ҳодисаҳоро мебинад ва мегӯяд:

- Худоё! Ин чӣ гуна адолат аст? Ман чизеро намедонам. Ба кори Ту (ҷ.ҷ.) суоле карда намешавад, аммо ман чизе нафаҳмидам.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мефармояд:

- Эй Мӯсо (а.с.)! Ман ба ту на он қадар ақле додаам, ки корҳои Маро шарҳ бидиҳӣ. Ба хотири таскини қалбат, ҳақиқат ин аст; Аскар моли падари кӯдакро ба яғмо бурда буд. Мӯйсафед дар айёми ҷавонияш хело пурқувват буд ва бесабаб деҳотиеро ба қатл расонида буд. Деҳотӣ падари аскар буд. Эй бандаи ғофили ман, акнун тавба бикун, зеро адолати Ман (ҷ.ҷ.) хело равшан аст.

*** Дар ҳар кори халқкардаи Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ҳикматҳои беохире ҳаст, муҳим он аст, ки рӯ ба ширк нанниҳем. Агар ҳикматеро дарк накарда бошем, пас, ин маънои онро надорад, ки беҳикмат аст. Танҳо мо худ,

дарки ҳикмати онро насиб накардаем. Сабру қаноатро бояд пешаи кор донист. Аллоҳ Таъолоро паногоҳи хеш дониста, нуру норашро хуш пазируфтан аст.

Ба ҷуз Аллоҳ (ҷ.ҷ.) паноҳгоҳи ҳақиқие надорем (ҳазрати Усмон (р.а.)).

Сиру асрори паси пардаро намедонем ва аз ҳикматҳои ҳодисаҳо бехабарем. Аз ин рӯ, доимо бояд аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) хайрашро талаб кунем. Тадбиру амал бикунем ва баъдан таваккул. Бешубҳа, ки Аллоҳ (ҷ.ҷ.) бо сифати Адлаш адолат мекунад.

***ХУДОБАХШ***
***25.05.2014с.***

## Ҳазрати Мӯсо (а.с.) ва чӯпон

Ҳазрати Мӯсо (а.с.) бо чӯпоне рӯ ба рӯ мешавад. Чӯпон чунин дуо мекард:

- Худоё! Ту куҷо ҳастӣ? Бубинаму дар ту қурбон шавам. Хизмати туро кунам. Либосҳоятро дӯзам, пойафзолҳоятро таъмир кунам, гусфандҳоро ҷӯшида ба ту шир диҳам, ҳамаи моламро бароят қурбон кунам.

Ҳазрати Мӯсо (а.с.) гуфт:

- Бо кӣ чунин ҳарф мезанӣ?

Чӯпон:

- Бо Аллоҳам.

Ҳазрати Мӯсо (а.с.):

- Барои чунин суханронияш чупонро сарзаниш кард. Магар бо Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) чунин суҳбат мекунӣ?

Чӯпон шарм карду сарашро хам карда аз назар дур шуд.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ҳазрати Мӯсо (а.с.) чунин ваҳй нозил кард:

- Эй Мусо (а.с.)! Бандаро аз ман дур сохтӣ. Мо ба сухан не, ба дарун назар мекунем. Ба забон не, ба дил менигарем. Ба он чизе назар мекунем, ки аз дил мегузарад. Мо он бандаро барои самимӣ буданаш, рафторашро мақбулу худашро муътабар медонем.

Ҳазрати Мӯсо (а.с.) шармгин шуда дунболи чӯпон шуд ва ба ӯ саргузаштро нақл кард ва розигии Аллоҳ Таъолоро барояш гуфт. Бо ин мужда чӯпон ҳам хурсанд шуд.

*** Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мефармояд, ки банда маро чӣ гуна шиносад, ман ҳам бо ӯ чунин рафтор хоҳам кард. Пас, зиёдтар бихонем, то зиёдтар Аллоҳ Таъолоро шиносем.

Чӣ қадар донем, муҳаббат ҳамон қадар афзуда мегардад. Барои дунёи фонӣ кӯшиш мекунем, ки ҳама гуна роҳҳои ба даст овардани дунёро омӯзем, аммо соате барои дарёфти охират кушише ҳам намекунем ва ҳатто барои рафъи шубҳа ба олиме муроҷиат намекунем, аммо барои таъмири ҷиҳозе шабро шаб нагуфта рӯзро рӯз нагуфта, дунболи ёфтани устое мегардем. Ҳар кас даст ба виҷдон монаду бори дигар фикр кунад, ки ба андозае, ки фикри дунёро мекунем, чӣ қадар фикри қиёматро мекунем?

***ХУДОБАХШ***
***29.08.2011с.***

## Ҳазрати Сулаймон ва Ҳудҳуд

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бар ҳазрати Сулаймон (а.с.) салтанати дунё бахшид. Тамоми дунёро ҳукм мекард. Ҳама дар амри ӯ буд, ҳайвонҳо, паррандаҳо, шамол ва ғайра. Рӯзе чодари салтанатро баркушод. Тамоми паррандаҳо ҳунарҳои худро мегуфт. Навбати Ҳудҳуд омад ва гуфт:

- Эй пайғомбари Худо (ҷ.ҷ.)! Ҳунари ман ҳамин аст, ки аз боло назар мекунам ва оби зеро заминро мебинам, ки дар чӣ қадар чуқурӣ аст, рангаш чӣ гуна аст ва аз миёни хок ва ё санг баромаданашро низ мефаҳмам. Агар дар ягон сафарат маро ҳамроҳат бигирӣ, фоидаам ба ту мерасад.

Ҳазрати Сулаймон (а.с.) таклифро қабул намуд.

Зоғ суханҳоро шунида чунин эътироз намуда гуфт:

- Дурӯғ мегӯяд. Агар ин қадар ҳунар медошт, доми дар заминбударо медид. Доми дар замин бударо намебинад, аммо мегӯяд, ки оби зери заминро мебинам.

Ҳазрати Сулаймон (а.с.) ба Ҳудҳуд нигариста мегӯяд;

- Ба ин сухан чӣ мегӯӣ?

Ҳудҳуд мефармояд:

- Эй пайғомбари Худо (ҷ.ҷ.) ва Ҳукмдори мо! Ман дурӯғ намегӯям. Гуфтаҳои зоғро бовар накунед. Дуруст мегӯям, ки будани обро мефаҳмам. Дар масъалаи доми рӯи замин маънои дигар дорад. Агар дар тақдират ба дом афтидан бошад, пас, ба таҳқиқ, ки он амалӣ мегардад. Доми рӯи заминро мебинам, аммо тақдирамро дида наметавонам. Дар он вақт чашмам намебинад.

*** Аҷал, ки омад, чашм дида наметавонад. Марг ба ҳар сабаб гиребон мегирад. Касе ҳақи шикоят карданро надорад. Дар ҳама сол ва дар ҳама шароит интизори марг

бояд шуд. Мо маргро фаромӯш мекунем, аммо марг моро фаромӯш намекунад.

***ХУДОБАХШ***
***16.12.2012с.***

**Ҳазрати Умар (р.а.) марди зебоеро аз шаҳр берун кард**

Ҷавони зебое бо исми Наср бинни Ҳаҷҷоҷ буд. Аз сабаби зебо буданаш, занҳо дучори фитна мешуданд. Ба хотири рафъи фитнаю фасод, ҳазрати Умар (р.а.) мӯи сари Насрро кам карда ва баъдан ӯро аз Мадинаи Мунаввара ба Басра бадарға кард.

Мард ба ҳазрати Умар (р.а.) суол кард:

- Ман чӣ гуноҳе дорам?

Ҳазрати Умар (р.а.):

- Ту ягон айбе надорӣ. Туро аз шаҳри ҳиҷрат (Мадина) тоза накардан, гуноҳи ман аст.

Модари Наср назди ҳазрати Умар (р.а.) омад ва гуфт:

- Эй Амиралмуъминин! Фардо дар ҳузури Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аз ту шикоят мекунам. Фарзандони ту Асим ва Абдуллоҳ дар наздат мебошанд. Фарзанди ман Наср бошад, аз ман дур дар биёбону дар куҳҳои бузург умр ба сар мебарад.

Ҳазрати Умар (р.а.) фармуд:

- Занҳо ба Асиму Абдуллоҳ майл намекунанд. Намегузорам, ки Наср ба Мадина ояд, зеро сабаби фитна мегардад (Ибни Саъд, Табақат, 3/205).

*** На танҳо сабабҳои фитнаи сиёсиро ба назар гирифт, ҳамзамон сабаби фитнаи маънавиро низ бояд андеша кард.

Расулуллоҳ (с.а.с.) фармудааст:

- Фитна дар хоб аст, Аллоҳ (ҷ.ҷ.) лаънат кунад бар он кас, ки онро бедор мекунад.

***ХУДОБАХШ***
***30.06.2013с.***

## Ҳайф бар шумо ва бар бутҳое, ки парастиш мекунед

Дар давраи ҳазрати Иброҳим (а.с.) мардум ба бутпарастӣ рӯй оварда буданд. Ҳар сол дар вақти муайяне ид мекарданд ва баъдан ба бутхона ворид мегаштанд. Саҷда ба бутҳо мекарданд ва баъд ба хона мерафтанд. Дар яке аз ин идҳо мардум дар саҳро хурсандӣ мекарданд ва ҳазрати Иброҳим (а.с.) бошад, ба бутхона медарояду бо табар ҳамаи бутҳоро мешиканад ва табарро бар гардани бути калонтарин овезон мекунад ва аз он ҷо дур мешавад.

Мардум вориди бутхона шуда мебинанд, ки ҳама бутҳо шикаста шудаанд. Ҳар касе, ки ин корро кардааст, ӯро дастгир карда ҷазо диҳанд. Ҳазрати Иброҳим (а.с.)- ро оварданд ва пурсиданд:

- Ин корро ту кардӣ?

Ҳазрати Иброҳим (а.с.) гуфт:

- Бути калоне, ки дар гарданаш табар овезон аст, нахостаст, ки бутҳои хурд парастиш шаванд ва барои ҳамин, онҳоро шикастааст. Бовар накунед аз худаш пурсед.

Мардум (тааҷҷубомез) гуфтанд:

- Бутҳо сухан гуфта наметавонанд ва ту мегӯӣ, ки аз ӯ бипурсед.

Ҳазрати Иброҳим (а.с.) гуфт:

- Пас, барои чӣ бутҳое, ки сухан гуфта наметавонанду худашонро аз шикастан ҳифз карда натавонанд, парастиш мекунед? Ҳайф бар шумо ва бар бутҳое, ки парастиш мекунед.

Сухани ҳазрати Иброҳим (а.с.) фоидае накард, зеро онҳо гуфтанд:

- Парастиши инҳоро, мо аз падарҳоямон гирифтем.

*** Итоат бар нафс мазмуни парастиш бар нафс аст. Нафс ҳам чун бут, маънои яксон дорад. Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) дар сураи «Анкабут», ояти 17 фармудааст:

اِنَّمَا تَعْبُدُونَ مِنْ دُونِ اللّٰهِ اَوْثَانًا وَتَخْلُقُونَ
اِفْكًا اِنَّ الَّذِينَ تَعْبُدُونَ مِنْ دُونِ اللّٰهِ لَا يَمْلِكُونَ لَكُمْ
رِزْقًا فَابْتَغُوا عِنْدَ اللّٰهِ الرِّزْقَ وَاعْبُدُوهُ وَاشْكُرُوا
لَهُ اِلَيْهِ تُرْجَعُونَ

«Шумо ғайри Худои якто бутонеро мепарастед ва дурӯғҳои бузург мепардозед. Онҳое, ки ғайри Худои якторо мепарастед, онҳо наметавонанд шуморо рӯзӣ диҳанд. Аз Худои якто рӯзӣ биҷӯед ва Ӯро ибодат кунед ва шукр гӯед, зеро ба сӯи Ӯ бозгардонида мешавед».

***ХУДОБАХШ***
***16.03.2013с.***

## Ҳақ бузургтар аст

Яке аз ҳуқуқшиносони Ислом бо номи Илёс аз даврони хурдсолӣ бо заковат ва дарки мантиқаш шоёни таҳсин буд ва дар айёми хурдсолияш бо яке аз пиронсолон баҳс намуд. Баҳс то ба муноқиша расид ва ҳатто то ба қозӣ дарафтод. Қозӣ вақти ҳукм кардан ба Илёс гуфт:

- Ту кӯдак ҳастӣ. Шарм намекунӣ, ки пиронсолро ба чунин тангӣ овардаӣ?

Илёс ҷавоб дод:

- Бале, ин мӯйсафед аз ман бузург аст, аммо ҳақ аз ӯ бузургтар аст. Ман танҳо ҳаққамро мехоҳам.

Қозӣ ба ин сухан ҷавобе дода натавонист ва чунин фармуд:

- Кӯдакон нисбати бузургон чунин сухан бояд нагӯянд. Ту хомӯш шав.

Ҷавоби Илёс ҳам омода буд, чунин гуфт:

- Ман хомӯш шавам, шумо ба кадом роҳ ҳукм ҷорӣ мекунед? Яке аз тарафҳо сухан накунад, пас, оё имкон вуҷуд дорад, ки боадолат ҳукм бикунӣ?

Қозӣ дарк кард, ки бо Илёс сар ба сар шудан душвор аст ва Илёсро раҳо кард. Қозӣ аҳволро ба Халифа Абдулмалик арз намуд. Халифа Абдулмалик амр кард:

- Ӯ ба доҳие монанд аст. Ӯро соҳибӣ кунед ва тарбия намоед.

*** Ҳар як вазифадор хурдсолеро барои тарбия кардан зери назорат ва тарбияи худ қарор диҳад, пас, дар муддати кӯтоҳ доҳиёни зиёде ба даст хоҳем овард.

***ХУДОБАХШ***
***20.05.2013с.***

**Ҳаққамро дар дунё гирифтан намехоҳам**

Толибилме нақл мекунад:

- Абӯабдуллоҳ ал-Азарӣ дар хонааш ба мо дарс медод. Мо дар хона мешудем ва ӯ берун мебаромад. Ба харидкунӣ мерафт. Хӯрокаву нӯшокаро худаш бардошта меовард. Ба ӯ мегуфтем:

- Устоди муҳтарам! Мо толибилмони шумо ҳастем. Ҷавонем ва пурқувватем. Барои рафъи эҳтиёҷоти шумо ҷон медиҳем. Хоҳиш мекунем, ба мо иҷозат диҳед.

Абӯабдуллоҳ ал-Азарӣ фармуд:

- Таклифатонро қабул намекунам. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба шумо хубӣ эҳсон намояд. Ниятҳоятонро қабул намояд, лекин ман намехоҳам, ки аҷри омӯзондани илмро дар дунё бигирам. Мехоҳам, ки мукофташро рӯзи қиёмат бигирам.

*** Ҳар як аҷри амали хайрро набояд дар дунё интизор шуд ва ё онро дар дунё талаб кард. Аҳмад Рифоӣ фармудааст:

- Агар чизи хайре омӯхтӣ, ба дигарон низ омӯзон ва ба ҳамин васила аз меваҳои хайр истифода мебарӣ.

***ХУДОБАХШ***
***12.05.2013с.***

## Ҳақиқати шукр

Толибилмон рӯзе ба Абдулқодири Гелонӣ суол карданд:

- Ба мо дар бораи шукр суҳбат бикун.

Абдулқодири Гелонӣ фармуд:

- Ҳақиқати шукр эътироф кардани Неъматдиҳанда (ҷ.ҷ.), яъне бо қалб донистан ва ба забон зикр кардан аст.

*** Банда, иловатан мегӯям, ки бе саҷда кардан аз уҳдаи шукри Неъматдиҳанда (ҷ.ҷ.) пурра баромада наметавонад.

***Шукри неъмат, неъматат афзун кунад,***
***Куфри неъмат, аз кафат берун кунад.***

***ХУДОБАХШ***
***30.03.2013с.***

## Ҳаққи бародарӣ чист?

Шахсе назди Абӯҳурайра омад ва хост аз барои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дӯстӣ ва бародарӣ намояд. Абӯҳурайра гуфт:

- Ҳаққи бародариро медонӣ?

Мард гуфт:

- Ба ман таъриф кун.

Абӯҳурайра фармуд:

- Ягон чизи дунёро бояд аз ман боло надорӣ.

Мард:

- Ман ҳоло ба он мартаба наомадаам.

Абӯҳурайра:

- Пас, аз хоҳиши дӯст шудан даст бикаш.

*** Дӯстҳо чӣ қадаре, ки зиёд бошанд, рӯҳ яктост. Дӯст дардашро ногуфта, бояд, ки дӯсти дигар бидонад. Ғофил будан аз дарди дӯст, норасоии дӯстиро далолат мекунад.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

## Ҳаққи кор

Шахсе аз ҷойи кораш пинҳонӣ моле мегирад. Ӯро дастгир мекунанд ва ба додгоҳ мекашанд.

Судя мегӯяд: Мардум аз рӯи ту чун дузд шикоят кардаанд, ту чӣ мегӯӣ?

Мард: Инро аз ман не, аз соҳиби мол пурсед, зеро ӯ ҳаққи маро ба пуррагӣ намедиҳад ва ман ҳам нуқсони ҳаққи хизматамро мегирам.

Судя: Хатогии соҳиби мол, ки ба ту кардааст, хатогии туро намепӯшонад. Ту ҳам дар баробари соҳиби мол ҷазо хоҳӣ дид.

***Дар ҳар ду ҷониб ҳар ду нафар ҳаққи якдигарро поймол кардаанд ва ҳар ду ҳам дар дунё ва ҳам дар қиёмат пурсида мешаванд. Аз дузд шудану ба оила хӯроки ҳаром овардан беҳтар аст, ки кори дигаре ҷуст. Баъзан нафс аз тарафи рост ин амалро бар мо хайр нишон медиҳад. Ин амал ба мисли себе намудор мегардад, ки берунаш зебост, аммо аз кирми дарунаш бехабар мемонем.

***ХУДОБАХШ***
***25.09.2011с.***

## Ҳаққи либоспӯшӣ

Сайид Аҳмад Руфоӣ дар миёни мардум бо хоксорияш вирди забонҳо шуда буд. Шогирдонаш гуфтанд:

- Устод! Аз ин либоси хоксорӣ даст кашед ва ба шумо ҷомаи зебои шайхӣ ва бар саратон саллаи муршидӣ пӯшонем, то ба мардум боз ҳам таъсирбахш гардад.

Сайид Аҳмад Руфоӣ бар ин таклиф чунин посӯх дод:

- Агар сабаб ба ҳидояти мардум гардам, ҷомаи оддӣ не, ҳатто ҷомаи ва саллаи оташин бар тану сар мекунам. Аммо аз он метарсам, ки бар савияи олимон нарасидааму чун онҳо либос ба бар мекунаму худро чун онҳо намоиш медиҳам ва ин ҳам нишоне аз мунофиқин аст. Бояд чун онҳо соҳиби илму ирфон бигардаму хизмат бикунам ва ё чун онҳо худро соҳиби илму ирфон нишон набояд диҳам, зеро эътибори онҳоро набояд истисмор бикунам.

Сайид Аҳмад Руфоӣ ба ин хотир чунин суханро ронд, ки дар ҳамон давра мардуми зиёде чун олимон сару либосу салла истифода мекарданд. Сайид Аҳмад Руфоӣ ҷавонеро дар кӯча мебинад, ки бо либоси олимӣ қадам зада истодааст. Наздаш меравад ва мегӯяд:

- Фарзандам! Хуб таваҷҷуҳ бикун, ки либоси киро ба бар кардаӣ. Агар чун олимону соҳибони ирфон савия надошта бошӣ, пас, ҳаққи пӯшидани чунин либосро надорӣ.

*** Мо худ бо чашмони худ шоҳид мегардем, ки чӣ гуна бо либоси ҳоҷигӣ, сӯфигӣ ва ҷомаҳои рангин мардум истисмор мегарданд. Ва ё бо аз худ кардани як ду ояту ҳадис ва ривояте худро соҳиби илму ирфон, тақводоро зоҳид нишон медиҳанд. Мардуме, ки боварӣ ба онҳо мекунанду ихлосмандонашон мегарданд, аз бесаводии худашон ҳам бояд гила бикунанд. Бе ин ҳам он шахсоне,

ки бо либоси шайхӣ худашонро воломақом мепиндоранд, бечазо намемонанд, аммо мардум ҳам набояд ҷоҳилии худро баҳона ҳисобанд. Талаби илм бикунанду барои хондани китоб вақт ҷудо намоянд, на ин ки дар вақти бекорӣ китоб хонанд. Чунин сухане, ки дар вақти бекорӣ китоб мехонам, ҳақоратест бар китоб ва илм. Ба ҳамаи корҳо вақт ҷудо мекунем, аммо барои мутолиаи китоб вақт ҷудо намекунем, пас, ин хиёнат бар рӯҳу бадан, ақлу имону эътиқод ва башарият аст.

Суфёни Саврӣ дар ин масъала чунин фармудааст:

- Зуҳд либоси поргидор ба бар кардану нони ҷавӣ хӯрдан нест. Зуҳд ба корҳои бефоидаи дунявӣ меҳр накардан аст. Хаёлпарасти беҳуда нашудан аст.

Молу мулк монеаи зоҳид шудан нест. Ҳар фарде, ки молу мулк надорад, маънои зоҳид буданашро ифода намекунад. Мол дар дасти инсон чун силоҳест, ки ҷонашро, саломатияшро, динашро ва обрӯяшро нигоҳ медорад (Суфёни Саврӣ).

***ХУДОБАХШ***
***01.11.2015с.***

## Ҳаққи модар

Дар замони ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) саҳобае бо исми Алкама буд, ки дар ибодат машҳур буд. Бистарӣ шуд. Саломатияш хуб набуд. Рӯзе аз Алкама хабар омад. Вазъи саломатии Алкама лаҳза ба лаҳза вазнин мешуд, аммо рӯҳашро таслим карда наметавонист. Калимаи шаҳодатро зикр кардан, барояш душвор буд. Расулуллоҳ (с.а.с.) ҳолати маънавии Алкамаро аз саҳобаҳо пурсид. Саҳобаҳо ҷавоб доданд, ки ибодатҳояшро ба ҷо меовард. Он вақт Расулуллоҳ (с.а.с.) амр намуд, то модари Алкамаро наздаш биёранд. Модари Алкамаро назди Расулуллоҳ (с.а.с.) оварданд. Расулуллоҳ (с.а.с.) аз модари Алкама пурсид:

- Модар! Аҳволи Алкама чӣ гуна буд? Ибодаташро ба ҷо меовард? Чӣ айбе дошт? Ягон айбе дошт, магар?

Модар ҷавоб дод:

- Ё Расулуллоҳ (с.а.с.)! Алкама ибодатҳояшро адо мекард, аммо ман аз ӯ ранҷида будам. Ҳамсарашро аз ман боло медонист.

Хоҳишҳои маро ба ҷо намеовард.

Пас аз шикояти модар, зикр накардани калимаи шаҳодати Алкама маълум шуд. Барои ҳалли ин масъала, бояд, ки модар ҳаққашро ҳалол бикунад. Модар нияти бахшидани фарзандро надорад. Пайғомбар (с.а.с.) амр кард, то ин ки чӯб ҷамъ оранд ва оташ зананд. Модар сабаби оташ карданро пурсон шуд. Расулуллоҳ (с.а.с.) фармуд:

- Нафаре, ки дили модарашро меранҷонад, осӣ мегардад ва ҷазои он сӯзондан аст. Ӯро бо оташ месӯзонам.

Дили модар тоқат накард ва гуфт:

- Ё Расулуллоҳ (с.а.с.), фарзанди ҷигарпораамро месӯзонӣ?

Расулуллоҳ (с.а.с.):

- Албатта месӯзонам, зеро ту ҳам то он вақте ки ҳақатро ҳалол накунӣ, дар ҷаҳаннам месӯзад. Пеш аз он ман месӯзонам.

Модар:

- Ё Расулуллоҳ (с.а.с.)! Ман ҳаққамро ҳалол кардам.

Расулуллоҳ (с.а.с.):

- Рафта бубинед, ки аҳволи Алкама дар чӣ ҳолат аст?

Рафта омаданду чунин гуфтанд:

- Ё Расулуллоҳ (с.а.с.)! Алкама калима шаҳодатро зикр дорад.

Бале, Алкама калимаи шаҳодатро такрор ба такрор бигуфту рӯҳашро таслим кард.

*** Набояд фаромӯш кард, ки пас аз ибодату итоати Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.), итоат ба волидайн меояд. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар сураи «Исра», ояти 23 фармудааст:

وَقَضٰى رَبُّكَ اَلَّا تَعْبُدُوا اِلَّا اِيَّاهُ وَبِالْوَالِدَيْنِ اِحْسَانًا اِمَّا
يَبْلُغَنَّ عِنْدَكَ الْكِبَرَ اَحَدُهُمَا اَوْ كِلَاهُمَا فَلَا تَقُلْ لَهُمَا اُفٍّ
وَلَا تَنْهَرْهُمَا وَقُلْ لَهُمَا قَوْلًا كَرِيمًا

- Парвардигорат муқаррар дошт, ки ҷуз Ӯро напарастед ва ба падару модар некӣ кунед. Ҳар гоҳ то ту зинда ҳастӣ, ҳар ду ё яке аз он ду солхӯрда шаванд, ононро маёзор ва ба дуруштӣ хитоб макун ва бо онон ба икром сухан бигӯй. Ҳаргиз ба сӯи волидайн «уф» магӯ. Ҳаргиз зикр макун, ки аз хизмати волидайн хаста шудаӣ.

Баъзе аз бузургон аз қабили Увайси Қаранӣ аз оиладоршавӣ канора ҷӯст, зеро андешаи онро кард, ки шояд аз сабаби ҳамсар дар эҳтироми модар нуқсонӣ меорам.

***ХУДОБАХШ***
***30.08.2014с.***

**Ҳаққи чашм чист?**

Толибилмон ҳамроҳи устодашон аз назди дарахти мевадоре мегузаранд. Толибилме ба меваи зебо дилаш мекашад ва ба устодаш мегӯяд:

- Устод! Медонед, ки дар Ислом «ҳаққи чашм» аст. Аз ин дарахт мева гирифта бихӯрем, ҷоиз аст?

Устод мегӯяд:

- «Ҳаққи чашм» тафаккур кардан аст. Дар ин дарахту мева ҳикмат ва санъати илоҳиро дида метавонед. Тафаккур аз хӯрдан дида, лаззати зиёдтар мебахшад».

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Ҳаққи шикоят кардан надорем

Шахсе назди Мавлонои Балхӣ омада, аз фақирии худ шикоят кард.

Мавлоно ба ӯ гуфт:

- Розӣ ҳастӣ, ки узве аз баданатро, барои мисол, чашматро ба ҳазор динор иваз кунӣ?

Мард:

- Не, розӣ намешавам.

Мавлоно:

- Бародарам! Модоме, ки розӣ намешавӣ, пас, чаро аз рӯзгорат шикоят мекунӣ? Фақирам мегӯӣ. Узвҳои бебаҳо дорӣ, тани сиҳҳат дорӣ, пас, ба ҷои шукр кардан чаро шикоят мекунӣ? Фикр намекунӣ, ки бисёр дороёне ҳастанд, аз ин неъматҳо маҳруманд ва розӣ ҳастанд, ки тамоми молашро барои узве иваз намоянд, аммо имкон надоранд.

*** Мо мусулмонон соҳиби неъмати бузургтарине ҳастем, ки он ҳам бошад, имон аст. Пас, ҳоҷат ба дигар сухан нест. Шукру қаноатро пешаи зиндагӣ намоем. Он ҷо, ки шукру қаноат бошад, пас, баракату хурсандию муҳаббат ҳам он ҷост.

***ХУДОБАХШ***
***20.08.2011с.***

## Ҳалолу ҳаром

Ҳазрати Саҳл фарзанде дошт. Кӯдак ҳар вақте ки аз модараш чизе мехост, модар ба кӯдак мегуфт, то аз Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) талаб кунад. Кӯдак сар ба саҷда мениҳод ва аз Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) талаб мекард. Дар аснои саҷдаи кӯдак, модар чизи хостаи кӯдакро оҳиста дар пеши кӯдак мегузошт. Бо чунин рафтор, ин ахлоқи ҳамида ба кӯдак таъсир мекунад. Кӯдак бо тамоми ҳастӣ ва ҳиссиёташ омӯзиши ҳастии Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) ва ҳама чизро аз Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) талаб кардан ва боқӣ ҳама сабаб шуданро аз худ мекард. Иртиботашро бо Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) қавӣ мегардонд. Ва ин дарсро давом медод.

Рӯзе модараш дар хона набуд. Дили кӯдак чизе хост ва сар ба саҷда ниҳоду аз Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) мақсадашро талаб кард. Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) хости кӯдакро эҳсон кард. Модар ба хона баргашт ва дар дасти кӯдак чизеро мебинаду бо як софдилӣ аз куҷо гирифтаашро суол мекунад. Ва кӯдак ҷавоб медиҳад:

- Аз ҳамон ҷои доимӣ, модарҷонам.

* Мо бандагон бояд ҳастии Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) ва Қодир будани Ӯро на танҳо бо зикру ақламон тасдиқ кунем, инчунин бо қалбамон низ тасдиқи онро доимо нигоҳ дорем. Барои мисол:

Банда, ҳаром будани нӯшокии масткунандаро ҳам бо ақлам ва ҳам бо қалбам тасдиқ кардам ва банда на худсарона ва на маҷбуран онро менӯшам ва иншоаллоҳ касе ҳам наменӯшонад. Аммо ҳаром будани суҳбати шаҳвонӣ бо зани бегонаро танҳо бо ақлам тасдиқ кардааму халос. Зеро агар бо қалбам ҳам тасдиқ мекардам, пас, бо зани бегона на суҳбати шаҳвонӣ мекардаму на ӯ бо ман суҳбати шаҳвонӣ карда метавонист.

Дар ҳаққи якдигар дуо кунем, то ҳалолу ҳаромкардаи Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) ҳам бо ақл ва ҳам бо қалбамон тасдиқ карданро Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) бароямон насиб гардонад.

***ХУДОБАХШ***
***07.08.2011с.***

## Ҳама чизро хайрашро талаб кун

Боркаше (ки бо пушташ бор мекашид) дар намозаш доимо дуо мекунад, ки:

«Эй Худо! Ба ман ҳар чӣ, ки диҳӣ, хайрашро деҳ. Порае ноне ҳам бошад, хайрашро деҳ».

Рӯзе аз боркаш суол карданд:

- Чаро ту баъд аз намоз доимо ҳамин дуоро мехонӣ?

Боркаш ҷавоб дод:

- Ман бо боркашӣ ризқамро таъмин мекунам. Рӯзе бори нафареро бурдам ва соҳиби бор ҳаққамро дод. Ман ҳам нон гирифта, араҷи пешониямро тоза карда, нонро нӯши ҷон мекардам. Баъдтар чунин дуо кардам:

- Худоё! Чӣ мешуд, ки заҳмат нокашида, дар ҷоям нишаста ва нон пешам ояду бихӯрам.

Дуоро тамом кардам, ки ду нафаре бо ҳам ҷанг карданд. Хостам онҳоро ҷудо кунам, ҳамин лаҳза муште ба даҳони ман расид. Чеҳрам хунолуд шуд. Маъмурон омаданд ва маро чун муҷрим, ҳамроҳи онҳо бурданд. Зиндониям карданд. Дуоям қабул шуд ва нонро пешам меоварданд, аммо ман дар зиндон будам. Баъди он дарк кардам, ҳама чизро хайрашро бояд талаб кард.

*** Баъзан инсонҳо пас аз табобатҳои бепоён ҳам соҳиби фарзанд намегарданд ва даст ба шикояти тақдир мекунанд ва фикр намекунанд, ки аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) хайрашро талаб бояд кард. Банда худ аз рӯзгори як марди саховатманд шоҳид ҳастам, ки писараш мубталои маводи нашъадор буд ва дидам, ки падар мегуфт: «Кош бефарзанд мебудам».

Ҳазрати Исо (а.с.) назди дарёчае рафт ва он ҷо дид, ки ҳама кӯдакон шиноварӣ доранд, ба ҷуз кӯдаке, ки кӯр

буд. Дуо кард, то Аллоҳ чашмашро бино кунад. Чашми кӯдак бино шуд ва зуд дохили об шуда, кӯдаконро таги об карда кушт.

Ҳазрати Исо (р.а.) гуфт:

- Аллоҳам, ту худ доноӣ!

*** Фикр кардем, ки соҳиби фарзанд шудем. Агар фарзанд бад шаваду зиёновари ҷомеа ва доғи волидайн гардад, пас, ҳатто рӯзи қиёмат, ки масъули фарзанд ҳастем, чӣ хоҳем кард?

Аз ин хотир, вақти фарзанд талаб кардан ҳам, хайрашро бояд талаб кунем. Молу мулк ва ҳар он чӣ ки диламон мехоҳад, аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) хайрашро бояд талаб кард.

Аллоҳ (ҷ.ҷ.) хайрашро ба мо насиб гардонад.

***ХУДОБАХШ***
***07.09.2011с.***

## Ҳамдарди муъминон шудан

Бишри Ҳофӣ дар яке аз рӯзҳои зимистон бо либоси тунук ба берун баромад ва бисёр меларазид. Шахсе наздаш омаду гуфт:

- Ё Бишр! Дар ин сармо сабаби либоси тунук пӯшиданат дар чист?

Бишри Ҳофӣ ҷавоб дод:

- Фақирҳоро ба ёд овардам. Молу мулк надорам, ки ба онҳо кӯмак бикунам. Хостам, ки чун онҳо бишавам ва ҳамдарди онҳо бошам.

*** Фақире ва ё дармондаеро, ки хурсанд карда наметавонем, ҳеҷ набошад, бо онҳо якҷоя гиря бикунем, то каме ҳам бошад, сабаби кам кардани дардашон бигардем. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мардуми мусулмонро аз фақирӣ нигоҳ бидорад. Яке аз имтиҳонҳои душвор, фақирӣ аст.

***ХУДОБАХШ***
***12.05.2013с.***

## Ҳамроҳи дӯстдорони Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бош

Рӯзе ҳазрати Мӯсо (а.с.) бо ғайримуслиме баҳс мекард ва барои ҳақ будани якдигар шарте гузоштанд. Оташе барафарӯхта шуд ва ҳар ду бояд аз болои оташ гузар кунанд, ҳар кӣ ҳақ аст, намесӯзад.

Ҳазрати Мӯсо (а.с.) бо ғайримусулмон даст ба даст аз болои оташ гузаштанд, аммо ғайримусулмон ҳам насӯхт.

Ҳазрати Мусо (а.с.) аз Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) пурсид:

- Насӯзондани маро фаҳмидам, аммо чаро ғайри-мусулмонро насӯзондӣ?

Ҳақ Таъоло (ҷ.ҷ.) ҷавоб дод:

- Магар намедонӣ, эй Мусо (а.с.)! Мо касеро, ки дасти дӯстамонро мегирад, намесӯзонем.

*** Субҳоналлоҳ! Субҳоналлоҳ! Пас, дасти бузургонро гирем, то ҳаёти дунё ва охиратамонро биизниллоҳ наҷот бидиҳем. Қадри бузургонро дар вақти зинда буданашон бидонем, то ин ки мушти пушаймонӣ бар сару синна назанем.

Худоё! Дар дили мо эҳсоси эҳтироми бузургонро ҷо бикун. Аз эшон дуои хайр гирем ва бо суханҳои пандомези онҳо ҳаракат бикунем.

***ХУДОБАХШ***
***09.08.2012с.***

## Ҳамсоя дар ҷаннат

Подшоҳе дар фасли сармо либоси фақирона ба бар кард ва хост бо як ғуломаш аз аҳволи мардум огоҳ шавад. Дохили масҷиде шуд. Ду фақир дар масҷид аз хунукӣ ларзида нишаста буданд. Дигар ҷойи рафтан ҳам надоштанд. Подшоҳ наздикашон шуд.

Фақир гуфт:

- Пагоҳ ҷаннат, ки равам, подшоҳамонро ба он ҷо намегузорам, ки дарояд. Агар наздик шавад, ба кафшам бар сараш мезанам.

Фақири дигар:

- Чаро намегузорӣ, ки ба ҷаннат дарояд?

Фақир:

- Мо аз хунукӣ шах шуда истодаам, аммо ӯ дар қаср истироҳат дорад. Аз аҳволи мо бедарак аст. Боз дар ҷаннат ҳамсояи ман шавад? Ман чунин ҳамсоя намехоҳам.

Подшоҳ ба ғуломаш мегӯяд, ки ин мардҳоро фаромӯш макун.

Подшоҳ ба қасраш бармегардад ва фармон медиҳад, ки он ҳар ду мардро ҳозир кунанд. Фақирон тарсиданд, ки ба сарашон чи бало меомада бошад. Онҳоро ба утоқи гарму зебое ҷо мекунад. Фақирон мегӯянд:

- Подшоҳ марди нармдиле будааст. Пайғомбарамон фармудааст:

«Шахсе, ки дарди як муъминро бартараф мекунад, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) он шахсро аз дарди охират наҷот медиҳад».

*** Раҳм кунем, то Аллоҳи меҳрубон (ҷ.ҷ.) раҳмамон кунад. Ёд кунем, то ин ки ёдамон кунад. Бандагӣ кунем, то ин ки қабуламон кунад.

***ХУДОБАХШ***
***15.01.2012с.***

## Ҳамсояи бад

Абӯлмуслими Ҳавлонӣ яке аз бузургони аҳли тасаввуф буд ва барои мо намунаест дар ибодату ахлоқу зуҳду тақво.

Дар замони тобеъин мусулмон шуда буд. Барои мусулмон шудан хело назарсанҷишҳо карда буд ва чунон пешрафте кард, ки ашхосе, ки пеш аз ӯ мусулмон шуда буданд, аз ӯ файзу насиҳат мегирифтанд.

Ҳамсари Абӯлмуслим ҳам дар масоили иқтисоду қаноат хело пешрафт карда буд.

Ҳар ду якҷоя рӯза мегирфтанду намоз адо мекарданд.

Абӯлмуслим ба масҷид, ки мерафт, бо такбир мебаромад ва ҳамсари муборакаш ҳам бо такбир гуселаш мекард.

Боре Абӯлмуслим аз масҷид меояд, аммо дар даромадгоҳи хона такбирро нашунид. Ҳис кард, ки сабаб шудааст, ки такбир нашунидам. Ин дар ҳолест, ки ҳамсари ман бе иҷозат аз хона берун намешавад.

Ҳамсар хӯрокро назди Абӯлмуслим мемонаду «уф» мекашад.

Абӯлмуслим шубҳа мекунаду мепурсад:

- Ҳамсари меҳрубон, дар ту тағйироте шудааст, чаро «уф» кашидӣ?

Ҳамсар:

- Чӣ мешуд? Монда (хаста) шудам! Рӯзи дароз бо кори хона машғулам. Агар ту назди халифа равӣ ва хизматгоре бипурсӣ, ҳаргиз туро рад намекунад.

Абӯлмуслим:

- Аз куҷо медонӣ, ки халифа хоҳиши маро рад намекунад. Магар, ман ҳамин қадар обрӯю манзалат

дорам?

Ҳамсар:

- Бале, доред.

Абӯлмуслим:

- Аз куҷо медонӣ?

Ҳамсар:

- Аз куҷо медонам, ҳамсоя гуфт. Ӯ гуфт, ки ту эътибори воло дорӣ. На танҳо хизматгор, балки ҳар чӣ, ки хоҳӣ, халифа бароят тақдим мекардааст. Кӯмаки молӣ ҳам бигӯӣ, дастгирӣ мекунад.

Абӯлмуслим ин ҳолатро мебинаду мешунавад, ғамгин мегардад ва чӣ кор карданашро намедонад.

Ҳамсар бо исрор аз шавҳар талаб мекунад, ки назди халифа раваду хоҳишҳояшро иҷро намояд.

Абӯлмуслим ба ғазаб меояду даст ба дуо мебардорад:

- Худоё! Ҳамсари солеҳаи ман, маро бо такбир гусел мекард ва бо такбир пешвоз мегирифт. Ҳар касе, ки бар сари ҳамсари ман чунин фикрҳоро ҷо кардааст, чашмашро кӯр бигардон.

Дар ҳамин лаҳза, аз хонаи ҳамсоя садое мебарояд:

- Пешамро намебинам, чашмонам чизеро намебинад.

*** Бадхоҳ ҷазояшро ҳам дар дунё ва ҳам дар қиёмат мечашад. Баъзан, занро дугонаҳояш, ҳамсояаш ва баъзан ақрабояш аз роҳи дуруст берун мебароранд, албатта, ба фикру пешниҳодҳое, ки ҷило медиҳанду дарунашон пӯсидаанд. Ва ин фикру пешниҳод сабаби вайрон шудани оила мегардад. Он вақт ба зан, на дугонааш, на ҳамсояааш ва ҳатто на ақрабояш дари хонаашонро барояш

мекушоянд. Он вақт зан дарк мекунад, аммо дер мешавад. Хона обод кардан душвор аст, аммо вайрон кардан осон аст. Ҳамсарҳое, ки аз шавҳарашон розӣ нестанд, он вақт дуо кунанд, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) шавҳарҳояшонро ислоҳ намояд. Талабҳои бемаънӣ сабаби ранҷиши шавҳар мегардад ва дар зиндагӣ сардӣ меорад.

Қаноат ҳам бахт меорад ва ҳам серӣ.

***ХУДОБАХШ***
***10.03.2012с.***

## Ҳамсояи маст

Имоми Аъзам (р.а.) ҳамсояи ҷавоне дошт. Ҳар шаб маст меомад. Доду фиғон мекард, ки Имоми Аъзамро нороҳат месохт, аммо ба ҳеҷ куҷое шикоят намекард. Таҳаммул мекард. Дигарон нисбат ба ҷавон шикоят карданд. Ҷавонро ба ҳабс гирифтанд. Шом шуд, аммо садои ҳамсояи ҷавон наомад. Имоми Аъзам (р.а.) ҳайрон монд. Аз шахсе пурсид:

- Садои ҳамсояи ҷавон ба гӯшам намерасад. Куҷо бошад?

Мард ҷавоб дод:

- Волӣ ҷавонро ҳабс кард.

Субҳ Имоми Аъзам (р.а.) назди волӣ рафт. Толибилмон фикри онро мекарданд, ки Имоми Аъзам (р.а.) ба волӣ ташаккур мекунад. Волӣ Имоми Аъзамро мебинаду аз ҷой мехезад ва мегӯяд:

- Ё Имом! Лутфан, сababи ташрифатонро бифармоед.

Имоми Аъзам (р.а.):

- Аз шумо хоҳиш мекунам, ки ҳамсояи ҷавонамро озод кунед.

Волӣ:

- Барои чунин масъалаи ночиз чаро заҳмат кашидед? Хабар равон мекардӣ, амрат дарҳол иҷро мешуд.

Ҳамсояи ҷавон озод шуд. Назди Имоми Аъзам (р.а.) худро нороҳат ҳис мекард. Имоми Аъзам (р.а.) фармуд:

- Бубин, мо туро фаромӯш намекунем.

Ҷавон дар муддати кӯтоҳ тавба карду яке аз толибилмони Имоми Аъзам (р.а.) шуд.

*** Бузургон ҳаргиз шахсони афтидаро дубора

намеафтонанд, баръакс дасташонро мегирифтанд, то ислоҳ гарданд.

Се намуд одамро ҳаргиз фаромӯш макун:
Шахсе, ки туро дар мушкилӣ, дастгирӣ мекунад.
Шахсе, ки туро ба мушкилӣ, дучор кардааст.
Шахсе, ки туро дар мушкилӣ, тарк кардааст.

***ХУДОБАХШ***
***18.07.2015с.***

## Ҳар кас бо дӯстдоштааш якҷо ҳаст

Саҳобаҳо Расулуллоҳ (с.а.с.)-ро хело зиёд дӯст медоштанд. Рӯзе Расулуллоҳ (с.а.с.) Савбонро мебинад, ки ғамгин аст ва мепурсад:

- Ё Савбон, ин чӣ ҳол аст? Чӣ шуд?

Савбон:

- Ё Расулуллоҳ (с.а.с.), фикри онро мекунам, дар дунё бо Ту (с.а.с.) ҳастем, аммо дар қиёмат чунин намешавад. Мо бо дигарону Шумо бо паёмбарон хоҳед шуд. Мо он ҷо Шуморо намебинем. Ҳоло дар дунё лаҳзае аз Шумо дур буданро тоқат карда наметавонем, чӣ гуна дар қиёмат сабр хоҳем кард? Ин фикр тағйири чеҳра кардааст.

Барои марҳами ин дард ояте нозил шуд:

وَمَنْ يُطِعِ اللّٰهَ وَالرَّسُولَ فَاُولٰئِكَ مَعَ الَّذِينَ اَنْعَمَ اللّٰهُ عَلَيْهِمْ مِنَ النَّبِيّنَ وَالصِّدّيقِينَ وَالشُّهَدَاءِ وَالصَّالِحِينَ وَحَسُنَ اُولٰئِكَ رَفِيقًا

«Ва ҳар кӣ аз Худову паёмбараш итоат кунад, ҳамроҳ бо касоне хоҳад буд, ки Худо (ҷ.ҷ.) неъматашон додааст, чун анбиё ва сиддиқон ва шаҳидону солеҳон ва инҳо чӣ некӯ рафиқонанд!» Сураи «Нисо», ояти 69;

***Дар қиёмат ҳар кас бо дӯстдоштааш якҷо мешавад. Пас, дар ин дунё бо шахсони солеҳу тақводор дустӣ кунем, то фардо бо эшон ҳашр шуда, боқӣ бимонем.

Агар мо қадам нагузорем, соле як рафиқ хам пайдо намекунем, аммо агар қадам гузорем, пас, дар муддати кӯтоҳе соҳиби дӯстони зиёде хоҳем шуд.

Агар касе дӯстро чун касе донад, ки доимо дар кори дунёияш дастгираш бошад, пас, ӯ дӯст не, балки ғулом мехоҳад.

***ХУДОБАХШ***
***13.09.2011с.***

**Ҳар шабро қадру ҳар касро Хизр дон!**

Рӯзе дили Иброҳими Ҳаввос анор хост. Барои дарёфти анор берун баромад. Дар роҳ шахсеро дид, ки пашшаҳо гирдаш карда буданд.

Иброҳими Ҳаввос бо садои баланд барояш чунин дуо кард:

- Агар ин одам яке аз дӯстҳои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бошад, пас, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ӯро аз ин аҳвол наҷот диҳад.

Мард бо шунидани ин дуо мегӯяд:

- Агар ту ҳам яке аз дӯстҳои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бошӣ, пас, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) туро аз хоҳиши анор наҷот диҳад.

*** Ҳар шабро қадр ва ҳар касро Хизр дон. Аҳли нодорро ҳақир машумор, зеро аз ҷойи вайрона хазинаҳо мебарояд. Новобаста аз ки будани шахсият, бояд ҳамаро эҳтирому иззат кард, зеро ҳар шахс аз эҳтирому содиқ буданаш қимат пайдо мекунад. Роҳбар ва муршиди ҳар як мӯъмин ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) аст, ки ахлоқи намунавӣ ва азим доштанд ва ин буд, ки ҳатто душманонаш молашонро ба Ӯ (с.а.с.) амонат мегузоштанд. Ният ва дуо мекунем, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) моро аз сифатҳои паёмбарона маҳрум насозад. Модоме, ки касеро дӯст ва ормони худ мешуморем, пас роҳи ӯро бояд интихоб кунем.

***ХУДОБАХШ***
***09.09.2011с.***

## Ҳатто аз бӯяш ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) паноҳ бурд

Аз хазина ба назди халифа Умар ибни Абдулазиз (р.а.) барои нишон додан, мушке (хӯшбӯӣ) овара́нд. Халифа бинияшро бо дасташ маҳкам нигоҳ дошт. Сабаби ҳолро пурсон шуданд. Халифа ҷавоб дод:

- Аз моли мардум, ки ҳаққи ман нест, аз бӯй кашидан ва лаззат бурдани он ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) паноҳ металабам.

*** Аксари вақт шоҳиди он мегардем, ки мардум ҳисобкунакҳои барқиро сукут мегардонанд, то ин ки ройгон (ба таври дуздӣ) қувваи барқро истифода кунанд. Мисоли дигар, гурехтан аз пардохти пули об, хизмати коммуналӣ, андоз ва дигар масъалаҳое, ки ҳаққи давлат мебошанд. Давлат, ин мардуми ҳамон сарзамин аст. Ҳар фарде, ки аз давлат моле медуздад ва ё аз пардохти ҳаққи давлат сарпечӣ ва ё роҳи гурез меёбад, бидонад, ки рӯзи қиёмат мардум гиребони он касро мегиранд. Шояд дар ин дунё гурехта тавонӣ, аммо дар қиёмат ҷойи гурез нест. Модоме, ки пардохт кардан намехоҳӣ, пас, истифода макун. Дар корҳои беҳуда маблағи зиёд сарф мекунанд, аммо пардохти пули ночизи давалатро зиёд мебинанд. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ҳамаамонро ҳидоят бикунад.

***ХУДОБАХШ***
***12.05.2013с.***

## Ҳаҷми гуноҳ дар телевизион

Шахсе ҳама гуна баронамаҳои телевизиониро тамошо мекард ва худро чунин тасалло медод: Телевизиони ман хурд аст.

Дӯсташ ба ӯ чунин гуфт:

- Хурд будани телевизион, монеаи бузургии гуноҳ намегардад.

*** Ҳама гуна амали хайри кӯчак инсонро ба он водор мекунад, ки боз ҳам амали хайрашро зиёду бузургтар созад. Чунин рафтор дар кори бад ҳам чунин аст. Ин аст, ки Саиди Нурсӣ гуфтааст;

Дар ҳар як гуноҳ роҳе ҳаст ба сӯйи куфр.

Пас, боэҳтиёт бояд шуд. Ҳар як гуноҳи кардашуда дар қалб доғеро мегузорад. Агар тавба нашавад, пас доғи дар дил буда боз ҳам бузургтар мегардад ва бо мурури замон қалбро иҳота мекунад. Сиёҳшавии қалб инсонро ба куфр мебарад.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Ҳаҷҷи мӯри ланг

Мӯри ланге нияти сафари Ҳаҷ намуд ва ба роҳ баромад. Мӯрҳое, ки иқдоми мӯри лангро диданд, чунин гуфтанд:

- Ту бо ин аҳволат ба он ҷо рафта наметавонӣ.

Мӯри ланг ҷавоб дод:

- Ба он ҷо нарасам ҳам, ҳеҷ набошад, дар он роҳ мемирам.

*** Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар сураи «Оли Имрон» ояти 97-ум фармудааст:

فِيهِ اٰيَاتٌ بَيِّنَاتٌ مَقَامُ اِبْرٰهِيمَ وَمَنْ دَخَلَهُ كَانَ
اٰمِنًا ۜ وَلِلّٰهِ عَلَى النَّاسِ حِجُّ الْبَيْتِ مَنِ اسْتَطَاعَ اِلَيْهِ
سَبِيلًا وَمَنْ كَفَرَ فَاِنَّ ۜ اللّٰهَ غَنِىٌّ عَنِ الْعَالَمِينَ

«Дар он ҷост ояти равшан ва мақоми Иброҳим. Ва ҳар кӣ ба он дохил шавад, эмин аст. Барои Аллоҳ Ҳаҷҷи он хона бар касоне, ки қудрати рафтан ба онро дошта бошанд, воҷиб аст. Ва ҳар кӣ роҳи куфр пеш гирад, бидонад, ки Аллоҳ (ҷ.ҷ.) бар ҷаҳониён муҳтоҷ нест».

Пайғомбарамон, ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) фармудааст:

- Ҳар фарде, ки Ҳаҷ рафтан мехоҳад, зуд ҳаракат бикунад, зеро бемор шуданаш мумкин, молаш гум шуданаш мумкин ва ё монеае пеш омаданаш мумкин (маънои ҳадис, Аҳмад ибн Ҳанбал).

Ҳар фарде, ки ният ва шуруъ ба иқдом мекунад, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мададаш мекунад. Муҳим он аст, ки ният холисона бошад. Аллоҳ (ҷ.ҷ.) ба ҳама кор Қодиру Тавоно аст.

***ХУДОБАХШ***
***10.02.2013с.***

## Ҳикояи хоркаш ва мор

Рӯзе хоркаш вақти дарахтбурияш мореро мебинад. Мехоҳад бо табараш сари мор бизанад, аммо раҳмаш меояду аз задан даст мекашад. Мор ҳам ба забон меояду чунин мегӯяд:

- Эй фарзанди одам! Ту бар ман раҳм кардӣ, ман ҳам ба ту хубӣ мекунам. Мор даруни ғор даромада тангаи тилло бар даҳон берун баромада, ба ҳезумкаш медиҳад ва мегӯяд: Аз ин пас, ба ту ҳар рӯз тангаи тиллое медиҳам. Ҳезумкаш ҳар рӯз назди ғор меравад ва мор барояш тангаи тилло медиҳад. Ба касе аҳволашро ҳикоят намекард. Зиндагии ҳезумкаш ҳар рӯз хубтар мешуд. Рӯзе ҳезумкаш бемор мешавад ва писарашро наздаш мехонаду мегӯяд:

- Ба назди ғор бирав ва он ҷо мореро мебинӣ. Барояш бигӯ, ки фарзанди ҳезумкаш ҳастам. Бароят як танга тилло медиҳад.

Писар назди ғор меравад. Мор баъди эътимод пайдо кардан ба фарзанди ҳезумкаш тангаи тилло медиҳад. Писар фикр мекунад, ки дар ғор тиллои зиёде аст ва мехоҳад морро бикушад, аммо табар ба думи мор мезанад. Мор писарро мегазад ва писар мемирад.

Шом мешавад, аммо аз писар дараке нест. Падар тоқат намекунад ва назди ғор меравад. Писарро беҷон мебинад. Каме меистад ва морро мебинаду мегӯяд:

- Писари ман гунаҳгор аст. Маро бубахш. Аз ин пас танҳо маро мебинӣ ва танҳо бо ман дӯстӣ мекунӣ.

Мор мегӯяд:

- Ман ҳам мехоҳам, аммо дар ту дарди фарзанд асту дар ман дарди дум. Мо дигар дӯст шуда наметавонем.

*** Кушиш бикунем, ки ба ҷони касе захм нагузорем, вагарна дубора дӯст шудан хело душвор ва ҳатто ғайри имкон мегардад.

***ХУДОБАХШ***
***23.06.2013с.***

## Ҳилаи шайтон бар муқобили Ҷунайди Бағдодӣ

Шайтон ба сурати хизматгор тӯли бист сол назди Ҷунайди Бағдодӣ рафту омад мекард. Васвасае ба қалби Ҷунайди Бағдодӣ дохил карда натавонист. Рӯзе шайтон ба Ҷунайди Бағдодӣ гуфт:

- Ё Устод! Магар ту медонӣ, ман кӣ ҳастам?

Ҷунайди Бағдодӣ гуфт:

- Ту Иблиси лаънатӣ ҳастӣ. Аз рӯзи аввали омаданат медонистам.

Шайтон:

- Ман ба ғайри ту ягон нафареро намедонам, ки ба ин мартаба расида бошад. Дар тӯли бист сол муваффақ нашудам, ки ягон иқдомамро дар ту роҳандозӣ намоям.

Ҷунайди Бағдодӣ гуфт:

- Дафъ шав малъун! Акнун мехоҳӣ, ки худамро бар худам қобили қабул намоӣ, то худамро дӯст бидорам. Бо ин амалат мехоҳӣ, ки худамро барбод бидиҳам? Кореро, ки дар бист сол карда натавонистӣ, мехоҳӣ дар лаҳзае анҷом бидиҳӣ? Дафъ шав аз наздам.

*** Яке аз нуқтаҳои заифтарини инсон, шунидани таъриф ва нисбат ба он фахр кардан аст. Абдуллоҳи Тустарӣ фармудааст:

- Қалбе, ки кибр дорад, дар он қалб тарси Аллоҳ (ҷ.ҷ.) ёфт намешавад.

***ХУДОБАХШ***
***18.07.2015с.***

## Ҳилакорӣ

Абӯҳам (р.а.) нақл мекунад:

Расулуллоҳ (с.а.с.) назди фурӯшандае омад ва пурсид:

- Чӣ фурӯхта истодаӣ?

Фурӯшанда: Маводи хӯрока.

Дар ин ҳангом ба Расулуллоҳ (с.а.с.) ваҳй омад, ки даст ба даруни маводи хӯрока дарорад.

Расулуллоҳ (с.а.с.) даст ба даруни маводи хӯрока медарорад ва эҳсос мекунад, ки даруни он, тар аст. Ба соҳиби мол мегӯяд:

- Эй фурӯшанда, ин чӣ аст?

Фурӯшанда ҷавоб медиҳад:

- Эй Расулуллоҳ (с.а.с.)! Борон расидааст.

Расулуллоҳ (с.а.с.) мефармояд:

- Тарафи тариро аз боло мегузоштӣ, мардум ҳам медид. Шахсе, ки ҳилакорӣ мекунад, аз ман ва аз уммати ман нест.

*** Дар тиҷорат баракат аст, аммо шахсе, ки ҳилакорӣ мекунад, аз баракат маҳрум мемонад. Ҳилакорӣ дар тарозӯ ва дар чен кардан, умуман фиреб ҳаром аст. Худованди Мутаъол дар сураи «Мутаффифин», оятҳои 1-3 фармудааст:

وَيْلٌ لِلْمُطَفِّفِينَ

اَلَّذِينَ اِذَا اكْتَالُوا عَلَى النَّاسِ يَسْتَوْفُونَ

وَاِذَا كَالُوهُمْ اَوْ وَزَنُوهُمْ يُخْسِرُونَ

- Вой бар камфурӯшон. Онон, ки чун аз мардум паймона меситонанд, онро пур мекунанд. Ва чун барои мардум мепаймоянд ё бармекашанд, аз он кам мекунанд.

- Шахсе, ки муъминро зарар медиҳад ва ҳила мекунад, малъун аст (маънои ҳадис, Тирмизӣ, китоби Бирр 27, 1942).

***ХУДОБАХШ***

***17.03.2013с.***

## Ҳисобу китоби ресмон

Дорое аз марг ва аз танҳоӣ дар қабр бисёр метарсид. Ба мардум эълон кард, ки ;

«Шаби аввали маргам, ҳар касе, ки то субҳ маро дар қабр ҳамроҳӣ мекунад, нисфи сарватамро мебахшам».

Марди фақире, ки танҳо ресмони ҳезумкашӣ дошт, ба ин пешниҳод розӣ шуд.

Фақирро бо марди доро дафн карданд. Малоик наздашон омаданд ва диданд, ки дар қабр ду нафар ва яке зинда ва дигаре мурда. Малоик гуфтанд:

- Мурда бе ин ҳам бо мост. Биё, зиндаро суол бикунем:

- Ин ресмон моли кист? Аз куҷо гирифта шуд? Барои чи гирифта шуд? Чӣ гуна гирифта шуд? Дар куҷоҳо истифода карда шуд?

Фақир то субҳ бо саволу ҷавоб машғул шуд.

Субҳ, ворисон ба фақир гуфтанд, ки нисфи мол аз они ту.

Фақир:

- Не, чизе намехоҳам. То субҳ ҳисобу китоби як ресмонро дода натавонистам, ин моли зиёдро чӣ гуна ҷавоб медиҳам.

*** Ҳадаф аз ин нақл, ташфиқи фақирона зиндагӣ кардан нест, балки ба роҳи дуруст истифода бурдани ҳамаи он лутфу неъматҳое, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бароямон бахшидааст. Бо мардони ҳимматбаланди тақводори мусулмон фахр мекунем.

Доро шудан ва сабаби дастгирии фақирон шудан, беҳтарин аъмол аст, аммо барои доро шудан набояд, қалби дигареро ранҷонид.

***ХУДОБАХШ***
***10.03.2012с.***

## Ҳодисае дар Покистон: «Ҳаргиз аз дуо кардан (талаб аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) даст накашед!»

Яке аз ҷарроҳони покистонӣ бо номи Доктор Ишан Ҳусайнӣ барои гирифтани ҷоиза дар конфронси байналмилалӣ баҳри фаъолияти волояш ба шаҳри дигаре парвоз мекард. Пас аз чанд вақти парвоз бо сабаби раъду барқи зиёд, ҳавопаймо дар фурӯдгоҳи наздиктарине нишаст кард. Идомаи парвоз пас аз 16 соат сурат мегирад. Доктор Ишан Ҳусайнӣ садо кард, ки ман 16 соат мунтазир намешавам ва бояд, ки дар конфронс ҳузур дошта бошам. Масъулон гуфтанд, ки пас мошине кироя бигир ва дар муддати 3 соат ба нишонаи конфронс хоҳӣ расид. Доктор мошине кироя гирифт ва ба роҳ баромад. Аз сабаби борони сахт бо мошин роҳро тай кардан душвортар шуд. Пас аз ду соат дарк кард, ки роҳро гум кардааст.

Баъди чанд муддате мошин ҳам аз ҳаракат монд, зеро аз сабаби борону роҳи харобшуда мошин рондан ҳам хело мушкил шуд. Дар канори роҳ истод. Ба хонаи наздиктарин рафт. Дари хонаеро тақ-тақ кард. Зани пиронсоле дарро кушод. Ба зан суол кард:

- Телефонатро ба ман медиҳӣ? Бояд занг бизанам.

Пиразан бо табассум мегӯяд:

- Фарзандам ту кӣ ҳастӣ? Намебинӣ магар, ки дар ин ҷо на телефон ҳасту на қувваи барқ. Гузаред ва каме истироҳат кунед. Чой ва нону хӯрок бихӯред ва баъд масъаларо фикр мекунем.

Доктор вориди хона шуд. Доктор Ишан чой ва нонашро тамом кард. Пиразан намози дарозе хонду дуо мекард. Дар канори пиразан тифлаке хоб буд. Доктор Ишан назди пиразан омаду гуфт:

- Шумо маро бо меҳрубонӣ ва ибодататон ҳайрон

намудед.

Пиразан гуфт:

-Худованд (ҷ.ҷ.) ба ман фармудааст, ки меҳмонро меҳмондорӣ намоям. Худованд (ҷ.ҷ.) дуоҳои маро қабул намудааст ба ҷуз як дуоям.

Доктор Ишан суол кард:

- Чист он дуо?

Пиразан:

- Ин тифл набераи ман ва ятим аст. Ба беморие гирифтор шудааст, ки табибони ин минтақа аз табобат кардани тифли ман оҷизанд. Табибон гуфтанд, ки ҷарроҳе ҳаст бо номи Доктор Ишан, танҳо ҳамон кас метавонад, табобат кунад, аммо ӯ аз ин минтақа хело дур аст. Ман имкони бурдани тифлро надорам. Доимо дуо мекунам, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) мушкиламро осон гардонад.

Доктори Ишан бо чашми гирён ва садои гирён суханронӣ кард:

- Аллоҳу Акбар. Ло хавла ва ло қуввата илла биллаҳ. Бо дуои пиразан Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) раъду барқ оварду ҳавопайморо ба замин шинонд. Роҳро чунон сохт, ки роҳгум задам. Ҳамааш ба хотири дуои пиразан.

Баъдан Доктор Ишан ба пиразан гуфт:

- Дуоят қабул шудааст. Ман Доктор Ишан ҳастам.

http://meta-news-en.blogspot.in/2014/08/do-not-ever-stop-praying-until-god.html

https://www.facebook.com/khudobakhsh

***ХУДОБАХШ***
***15.02.2015с.***

## Ҳукм бар шахс не, бар ҳақ аст

Ҷамоате аз Қурайш барои ҳалли масъалае назди Умар бинни Абдулазиз омаданд. Халифа ҳар ду тарафро гӯш кард ва баъд як тарафро ба ҳақ ҳукм намуд. Тарафи мағлуб эътироз намуда, чунин гуфт:

- Аллоҳ (ҷ.ҷ.) туро ислоҳ намояд. Ман як далели махфӣ дорам. Дар ҳукм кардан, саросемагӣ намудед.

Умар бинни Абдулазиз чунин фармуд:

- Ман ҳақро дар як тараф, ки бубинам, дар ҳукм додан, истодагарӣ намекунам. Агар ту далел пеш орӣ, аз ҳукми додаам, аввалин шуда, ман худам бармегардам.

*** Халифа бо ин суханаш панд бидод, ки муҳим шахс нест, балки ҳақ аст. Дар ҳолате, ки ҳақиқат рӯй барояд ва санад пеш оварда шавад, ҳукми гузашта иҷборан дар по намеистад ва ба ҳақ тобеъ мегардад.

Боязиди Бастомӣ фармудааст: «Ҳақшинос будан сифати муъмин аст».

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Ҳукми ғайбат

Шахсе ба Ибни Ширин гуфт:

- Туро ғайбат кардам. Ҳақатро ҳалол бикун.

Ибни Ширин фармуд:

- Он чиро, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бар ту ҳаром кардааст, ман чӣ гуна ҳалол бикунам.

*** Касе дар назди мо нисбати дигаре сухан гӯяд, пас, ҳам ғайбат кардааст ва ҳам бидон, ки нисбати ту бар дигаре ҳам сухан хоҳад гуфт.

Шунидам, ки маро ғайбат кардаӣ ва ҳарос кардӣ, ки дар рӯям нагуфтӣ. Аз як мани оҷиз тарсидӣ, аммо аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) натарасидӣ.

***Ҳар кӣ айби дигарон пеши ту оварду шумурд,***
***Бегумон, айби ту пеши дигарон хоҳад бурд.***

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Чаро ашки чашмашро тоза намекард?

Авн бинни Абдуллоҳ рӯзе ҳам мегиристу ҳам ашки чашмонашро бар баданаш мешакид. Аз ӯ суол карданд:

- Чаро ашки чашмонатонро тоза намекунеду бар баданатон мешакед?

Амр бинни Абдуллоҳ гуфт:

- Ашки чашме, ки аз тарси Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) рехта мешавад ва он ашк бар ҳар кучҷои бадани инсон бирасад, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) он ҷойро бар ҷаҳаннам ҳаром мегардонад ва намесӯзонад.

*** Яҳё бинни Муоз намудхои ашки чашмро чунин тафсир намудааст;

- Тавбакорон барои гуноҳҳояшон ашк мерезонанд.

- Зоҳидон барои дур будан аз маконашон (охират) бо ҳисси ғурбат ашк мерезонанд.

- Содиқон барои хомӯш нашудани имонашон, аз тарс ашки чашм мерезонанд.

***ХУДОБАХШ***
***24.03.2013с.***

**Чаро инсон аз дигар махлуқот бошараф аст?**

Яке аз солеҳон чунин нақл мекунад:

Рӯзе Зунуни Мисрӣ дар масҷид амри маъруф мекард. Нафаре аз ҷо хесту чунин хоҳиш кард:

- Каме дар бораи ишқу муҳаббат сухан кунед.

Зунуни Мисрӣ фармуд:

Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) дар ишқу муҳаббат соҳиби шаъну шараф аст, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) Ӯро (с.а.с.)-ро «Ҳабибам- дӯстам» хитоб кардааст. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) инсонро офарид ва дараҷаашро аз ҳама волотарин гардонид.

Инсон чӣ гуна ба ин дараҷа метавонад бирасад. Танҳо бо хӯрдану нӯшидан магар? Не, албатта. Агар ба хӯрдану нӯшидан мешуд, пас, уштурон аз инсон волотар мегардиданд, зеро як уштур аз панҷоҳ инсон зиёдтар менӯшаду мехӯрад.

Агар дараҷаи волоро соҳиб шудан аз шаҳват вобастагӣ медошт, пас, ҳайвонҳо аз инсон дида, шаҳвати зиёдтарро соҳибанд.

Агар дараҷаи волоро соҳиб шудан аз қаҳру ғазаб вобастагӣ медошт, пас, шерон аз одамҳо дида зиёдтар қаҳру ғазаб доранд.

Агар дараҷаи волоро соҳиб шудан аз дидан (чашм дӯхтан) вобастагӣ медошт, пас, уқобу дигар паррандаҳо аз одамон дида, хубтару дуртар мебинанд.

Агар аз бӯйкашӣ вобастагӣ медошт, пас сагу гурба аз одам дида хубтар бӯй мекашанд.

Шояд аз ақл вобастагӣ медошт, пас, малоик ба ин шаъну шараф аз одамон дида, имтиёзи зиёдтар доранд.

Аммо мебинем, ки шарафи ишқу муҳаббатро Аллоҳ

Таъоло (ҷ.ҷ.) ба одам ато кардааст. Ишқу муҳаббат инсонро ба маънои волотарин овардааст. Одамизод амрҳои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.)-ро ба оғӯш гирифта, савияи волотаринро соҳиб мегардад. Бад-ин васила ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) наздиктар мегардад.

*** Ишқу муҳаббат бар Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ва ҳазрати Муҳаммад (са.с.) инсонро ба савияи аҳсанул тақвим, яъне савияи волотарин мерасонад. Албатта, соҳиби ишқу муҳаббат шудан, бо итоати амрҳо ҳосил меёбад.

***ХУДОБАХШ***
***12.07.2015с.***

## Чаро мардҳо бар ситами занҳо сабрро пеша мекунанд?

Дар хона зан сӯи мард ситамҳо мекард. Мард хост ҷавоб диҳад, зеро ситам ҳам аз меъёр гузашта буд. Мард боз андешаи онро кард, ки шояд ба хатогие рӯ ба рӯ шавад. Аз ин хотир, роҳ ба сӯи хонаи амиралмуъминин ҳазрати Умар (р.а.) ниҳод. Сабаб маълум буд. Шикоят аз ҳамсар. То ба назди дари ҳазрати Умар (р.а.) омад ва ба гӯшаш садоҳое шунид, ки интизор ҳам набуд. Ҳамсари ҳазрати Умар (р.а.) ба сӯи амиралмуъминин ситамҳо мекард, аммо ҳазрати Умар (р.а.) аксуламале нишон намедод. Ба сӯи ҳамсараш доду фиғон намекард ва сарзанише нишон намедод. Мард пас аз шунидан ва дарки манзара аз назди дар дур шудан мегирад, ки дар ин асно садои ҳазрати Умар (р.а.) мебарояд:

- Эй бандаи Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.)! Ба куҷо меравӣ? Ман ҳамин ҷоям. Масъалае бошад. бипурс.

Мард:

- Як чиз мепурсидаму...

Ҳазрати Умар (р.а.) фармуд:

- Шарм макун. Ҳар чӣ ки мехоҳӣ, бипурс.

Мард:

- Ман барои шикояти ҳамсарам омадам, аммо дидам, ки ҳамсари ту ба мисли ҳамсари ман суханҳо мегуфтааст. Ту садое ҳам набаровардӣ. Ман ҳам аз шикоят кардан даст кашидаму ба хона меравам.

Амиралмуъминин ҳазрати Умар (р.а.) фармуд:

- Хубиҳо, хизматҳо ва сабру таҳаммули ҳамсарро ба инобат мегирам ва боз ӯро биранҷонам? Суханҳояш аз зери таъсири ҳиссиёти офаринишаш бармеояд.

Ҳамсарам хонаамро нигоҳ мекунад, тоза мекунад,

хӯрокамро тайёр мекунад, либосҳоямро мешӯяд, фарзандҳоро нигоҳ мекунад. Боз хизматҳо ва хубиҳои зиёде мекунад. Баъзан зери ҳиссиёт мемонаду ситам мекунад ва барои ҳамин набояд, сарзанишаш кард. Чаро осоиштагии оиларо вайрон кунам?

Гуфтаҳои ҳазрати Умар (р.а.) хело таъсираш намуд ва худ ба худ чунин мегуфт:

- Ман аз ҳазрати Умар (р.а.) ҳаргиз боло нестам. Ӯ, ки бо ҳамсараш чунин рафтор мекунад, пас, чаро ман накунам? Ман, ки нисбати ҳиссиёти ҳамсарам доду фиғон бикунам, пас, дар оила ҳузур ҳам ёфт намешавад. Чӣ гуна, ки ҳазрати Умар (р.а.) якдигарфаҳмӣ мекунад, ман ҳам бояд чунон рафтор бикунам. Сабр бояд бикунам.

Мард фикрҳояшро чунин идома медиҳад:

- Маълум мешавад, ки нафсам маро ба беҳузурӣ талқин мекунад. Нафсамро шайтон қувват медиҳад, то ин ки хонаро вайрон бисозам.

Эй шайтон! Аз ин пас маро беҳуда васваса макун, зеро дигар туро гӯш намекунам. Барои ман ҳазрати Умар (р.а.) намунаи беҳтарин шудааст. Магар ман аз ҳазрати Умар (р.а.) боҳайбаттарам?

*** Дар ҳар оила нофаҳмиҳо шуданаш мумкин аст. Муҳим сабр ва дуо кардан аст. Ба шайтон имтиёзи онро набояд бидиҳем, ки ҳузури оилаамонро барбод бидиҳад.

***Охири ҳар гиря, бешак, хандаест,***
***Марди охирбин муборак бандаест.***
***Ҳар кӣ охирбин бувад, оқил бувад,***
***Ҳар кӣ охурбин бувад, ҷоҳил бувад.***

*(Мавлонои Балхӣ)*

***ХУДОБАХШ***
***30.06.2013с.***

## Чаро пайғомбари сахӣ хӯрокашро надод?

Ҳазрати Закариё (а.с.) пайғомбари хело сахӣ буд ва бо арақи ҷабини худ рӯзашро мегузаронид. Замоне дар сохтмоне шахсе кор мекард. Вақти кор миқдори ноне ба ҳазрати Закариё (а.с.) доданд, ки танҳо ба худаш кифоягӣ мекард. Вақти хӯрдан, чанд касе наздаш омада буданд. Ҳазрати Закариё (а.с.) онҳоро ба хӯрдани нон даъват накард. Афроде, ки сахӣ будани ҳазрати Закариё (а.с.)-ро медонистанд, ба ин аҳвол ҳайрон шуданд. Ҳазрати Закариё (а.с.) пас аз тамом кардани нон чунин шарҳ дод:

- Барои анҷоми корҳои фармуда, ба ман ҳамин миқдор нон медиҳанд. Агар нонро якҷоя мехӯрдем, на ба шумо басандагӣ мекард ва на ба ман. Баъдан ман ҳам кори фармудаи соҳиби сохтмонро ба пуррагӣ анҷом дода наметавонам ва ҳаққи соҳиби сохтмон ба ман мегузарад. Аз ин лиҳоз, шуморо ба нонхӯрӣ даъват накардам.

*** Бешубҳа, ки фақир ва гуруснаеро ба нонхӯрӣ даъват кардан кори хайр аст. Албатта, ки иҷрои кори фармуда ҳақ аст ва ба ҷо овардани ҳақ фарз аст. Костагарӣ дар кор, нишонаи нуқсонӣ дар фарз аст. Тақсим накардани нон бошад, нуқсони дар фазилат аст. Фазилат дар назди фарз чӣ қимате дорад?

***ХУДОБАХШ***
***07.04.2013с.***

## Чаро рибо ҳаром карда шуд?

Рӯзе шахсе аз Ҷаъфари Содиқ суол кард:

- Барои чӣ Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) рибоʀо ҳаром кард?

Ҷаъфари Содиқ чунин ҷавоб дод:

- Барои он, ки мардум ба якдигар бидуни таллофӣ (мутақобил) хайру эҳсон намоянд. Агар рибо ҳаром карда намешуд, дар дунё касе намемонд, ки бидуни таллофӣ хайру эҳсон намоянд. Ҳама хубиро барои манфиати дунёии худ мекард.

*** Албатта, ин яке аз сабабҳои ҳаром кардани рибо аст, аммо ҳикматҳои ҳаром будани рибо зиёд аст.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Чаҳор гурӯҳи дӯст

Дӯстҳоро метавон ба чаҳор гурӯҳ ҷудо кард.

1. Дӯстҳое, ки ҳам кӯмак гирифтан мехоҳанд ва ҳам кӯмак кардан мехоҳанд.

2. Дӯстҳое, ки на кӯмак гирифтан мехоҳанд ва на кӯмак кардан мехоҳанд.

3. Дӯстҳое, ки кӯмак гирифтан мехоҳанд, аммо кӯмак кардан намехоҳанд.

4. Дӯстҳое, ки кӯмак гирифтан намехоҳанд, аммо кӯмак кардан мехоҳанд.

Дӯстони гурӯҳи аввал инсоф доранд. Ҳаққҳои якдигарро риоя мекунанд.

Дӯстони гурӯҳи дуюм, на хайр доранду на шар.

Дӯстони гурӯҳи сеюм, ашхоси бад мебошанд. Аз ин гурӯҳ дӯстон хайре намеояд ва аз шаррашон ҳам эмин наметавон шуд.

Дӯстони гурӯҳи чахорум раҳмдил мебошанд ва дӯстҳои беҳтарин мебошанд. Афроде, ки чунин дӯстҳоро пайдо мекунанд, бояд, ки ононро сахт ба оғӯш бигиранд.

Иқтибос аз китоби «Сад қоидаи тиллоӣ»-и Меҳмет Дикмен

***ХУДОБАХШ***
***04.08.2013с.***

## Чаҳор неъмат дар ҳар як мусибат

Ҳазрати Умар (р.а.) фармудааст:

Дар ҳар балои дунявӣ рӯ ба рӯ шавам, ҳатман чаҳор неъмати Аллоҳ Таъолоро фикр мекунам;

1. Мусибат дар динам нест.

2. Дар мусибати бузургтар дучор нашудан.

3. Аз розӣ шудан ва сабр кардани мусибат маҳрум намондан.

4. Савобҳое, ки аз мусибат ба даст овардан (Имом Ғазолӣ).

*** Дар ҳақиқат, баъзан дарди кӯчакеро дар чашмамон чунон бузург месозем, мисле ки аз ин дарду ғами бузургтаре нест. Ҳол он ки, каме истода фикр бикунем ҳамон дарде, ки барояш ғам мехурем, куллан бузургие надорад. Пас, чун Имом Ғазолӣ фикри онро бикунем, ки пушти ҳар дард, дарди бузургтаре аст ва аз дарди доштаамон шукрона бояд кард.

***ХУДОБАХШ***
***30.06.2013с.***

## Чаҳор шарти тавба

Тавбакунандагон ба чаҳор чиз бояд диққат диҳанд.

1. Забонро аз суханҳои беҳуда, аз ғайбат, аз дурӯғ ва аз ҳасад дур кардан.

2. Аз муҳити одамони бад ва гунаҳгорон дур шудан.

3. Ҳар вақте ки гуноҳ ба ёд меояд, аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) шарм кардан ва истиғфор намудан.

4. Доимо барои марг омода будан.

Барои марг омода будан. Дур шудан аз аҳволе, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аз он розӣ нест (Ҳотами Асам).

***ХУДОБАХШ***
***07.07.2013с.***

## Чашмоне, ки гиря намекунад, дар он хайр нест

Чашмони Собит бин Аслам ал Банонӣ бемор шуд. Назди табиб рафт. Табиб ташхис карду фармуд:

- Агар дар ин маврид таваҷҷуҳ бикунед, чашмонатон сиҳҳат меёбад.

Собит бин Аслам ал Банонӣ пурсид:

- Ба чӣ таваҷҷуҳ кунам?

Табиб:

- Гиря намекунӣ.

Собит бин Аслам ал Банонӣ фармуд:

- Чашмоне, ки гиря намекунанд, дар он хайр нест. Аз оне, ки чашмонам бино ҳасту гиря намекунам, чашмони нобиноро интихоб мекунам.

*** Бузурге фармудааст:

***Гиря бар ҳар дарди бедармон давост,***
***Чашми гирён чашмаи файзи Худост.***

Ҳар як узви бадан бояд вазифаҳои имонии худро иҷро кунад, вагарна набуданаш аз буданаш барои мо беҳтар мегардад.

***ХУДОБАХШ***
***30.03.2013с.***

## Чӣ гуна аз ғафлат бояд халос ёфт?

Носири Хусрав нақл мекунад:

Шаб дар хобам шахсеро дидам. Ба ман гуфт:

- Кай аз нӯшидани шароб, ки ақлатро мебарад, даст мекашӣ?

Ман ба он кас гуфтам:

- Аҳли ҳикмат барои рафъи ғаму андӯҳ дигар чизе наёфтаанд.

Мард:

- Аз худ бехуд шудан ва аз ақл бегона шудан, маънои бароҳатӣ ва фароғатиро надорад. Шахсе, ки мардумро ба беақлӣ ташфиқ мекунад, аз аҳли ҳикмат маҳсуб намеёбад. Бояд чизе ёфт, ки ақлу фикрро афзун бикунад.

Аз мард суол кардам, ки чӣ гуна метавонам дарёфт кард. Мард ҷавоб дод:

- Ҷӯянда меёбад.

Аз хоб хестам ва худ ба худ гуфтам:

- Аз хоби имшаба хестам, аммо аз хоби ғафлати чиҳилсолаам чӣ гуна бояд бархезам. Баъди ин сухан, аз тамоми одатҳои бадам тавба кардам.

*** Интизори касе дар хобамон нашавем. Ба умри гузаштаи худ назар кунем. Умри гузашта рафторамонро нишон медиҳад. Агар хайр бошад, хайртар бигардонем ва агар шар бошад, пас, онро ба хайр бигардонем. Бузурге фармудааст:

- Шахси дар хоб бударо бедор карда мешавад, аммо касеро, ки худро ба хоб андохтааст, бедор карда намешавад.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Чӣ гуна Расулуллоҳ (с.а.с.)-ро дар хоб дид?

Марде назди шайхе омад ва барои чӣ тавр дар хобаш дидани Расулуллоҳ (с.а.с.) таъбир хост.

Шайх фармуд:

- Шаб пеш аз хоб, як коса намакро бе об бихӯр.

Мард тавсияи шайхро ба ҷо меорад ва шаб пеш аз хоб як коса намакро бе об мехӯрад, аммо дар хобаш танҳо обу ҷуйбору дарёҳоро хоб мебинад. Субҳ назди шайх меравад ва хоби дидаашро нақл мекунад. Шайх мефармояд:

- Барои дидани Расулуллоҳ (с.а.с) ташнаи Ӯ (с.а.с.) шуд. Ту, ки шаб ташнаи об будӣ, танҳо обро дар хоб дидӣ.

*** Алӣ Нисорӣ доимо қурбонӣ мекард ва гуштҳояшро ба фақирон тақсим мекард. Сабаби қурбонӣ карданашро ба ҷуз дӯстони наздикаш касе намедонист. Алӣ Нисорӣ вафот мекунад ва дӯстонаш бардавом қурбонӣ кардани Алӣ Нисориро чунин шарҳ доданд.

- Ҳар вақте ки Расулуллоҳ (с.а.с.)-ро дар хоб медид, баҳри шукрона ба ҷо овардан қурбонӣ мекард ва гуштҳояшро ба фақирон тақсим мекард.

***ХУДОБАХШ***
***20.05.2013с.***

**Чӣ ҳоҷат ба ибодат?**

Нафаре ба доктор Ҳалук Нурбакӣ гуфт:

- Ман ҳатто мӯреро (мурчаро) ҳам озор намедиҳам, ибодат кардани ман чӣ ҳоҷат?

Доктор Ҳалук Нурбакӣ ҷавоб дод:

- Шояд шахсе ибодат намекунад ва мӯреро ҳам озор намедиҳад. Аммо, дар ин ҳолат амрҳои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ва таблиғҳои амрҳои илоҳиро, ки тавассути ҳамаи пайғомбарҳо бо сарварашон ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) ба башарият расонидаанд, озор додан нест, магар?

*** Баъзан шайтон бо суханҳои дуруст туро вориди кибру ғурур тела медиҳад. Мутаассифона, мо ҳам дохили он кибр мегардем. Сарро аз саҷда ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дур месозем. Корҳои хайру суханрониҳои амри маъруфро сабабгори ноил шудани Раҳмати Илоҳӣ медонем. Ҳол он ки ҳазрати Умар (р.а.) нововаста аз даҳ нафари башоратшудаи аҳли ҷаннат дар ҳаёт, доимо аз мунофиқ буданаш тарс дошт. Пас, моро ҳеҷ амале набояд аз шукру саҷдаи барзиёд дур созад. “Амалҳои бад надорам” гуфтану аз саҷдаю зикру закоту ҳаҷ дурӣ ҷустан, магар амрҳои илоҳиро анҷом надодан, амрҳои илоҳиро беҳурматӣ кардан нест? Магар амал накардани амрҳои илоҳӣ гуноҳи бузург нест?

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Чист неъмати бузург?

Суоле ба ҳамаамон?

- Чиро дар ҳаётамон неъмати бузургтарин медонем?

Ҷавобҳоямон гуногун мешавад.

Саломатӣ, сарват, муҳаббат, оила ва ғайраҳо.

Бале, ҳамаи ин неъмат мебошанд, аммо на бузургтарин ва на азизтарин ва на қиматтарин.

Биёед, якҷоя ба як дарси ибрат назар кунем ва азизтарин, қиматтарин ва бузургтарин неъматро бидонем.

Марди фақир бар замми фақирияш, ки пойҳои маъюб, дастҳои шох, чашмҳои кур дорад, дар масҷид нишаста, чунон дуо мекард:

- Эй Худованд (ҷ.ҷ.)! Шукри бепоён бар неъматҳои додаат.

Марде дар ақиби ин марди маъюб нишастааст, мегӯяд:

- Дар ту чи неъмат аст, ки ин қадар шукр мекунӣ? На пои солим дорӣ на дасти солим ва ҳатто чашми бино надорӣ?

Марди ба сурат фақиру ба сират доро чунин мегӯяд:

- Эй ғофил! Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) қалбе ба ман додааст, ки бо он қалб ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) имон овардам ва хурсандона зиндагӣ дорам. Иловатан, ба тарафи садои мард нигариста мегӯяд:

- Ту аз ҳидоят дида, неъмати бузургтаре медонӣ? Кадоме аз неъматҳои ҷойи ҳидоятро гирифта метавонад?

Мард ин суханро мешунаваду фикр мекунад ва кӣ медонад ҳоло ҳам фикр карда истодааст.

*** Шахсе, ки тамоми дунё моли ӯ бошаду аз имон бенасиб шуда бошад, ба дардаш чӣ мехӯрад? Имон, ки мо бо он, биизниллоҳ, ба ҷаннат меравем ва Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) ва Расули Худо (с.а.с)-ро он ҷо мебинем.

Мисоли оддӣ: дар дунё заҳмат мекашӣ ва бегоҳ ба хона меравӣ. Агар ки зан бо рӯи хуш пешвоз нагирад ва шаб ҷойи гарм надошта бошӣ, на молу мулкат хурсандӣ медиҳад на вазифаат. Акнун фикр кун, ки чанд сол умре, ки дар дунё мебинем, агар ҷаннат наравем, чӣ суд аз он умре, ки дар дунё мегузаронем.

***ХУДОБАХШ***
***0704.2012с.***

## Чор шамъ

Чор шамъ оҳиста –оҳиста даргирон буд.

Хомӯшӣ ҳукмфармо буд ва суханҳои шамъҳо шунида мешуд.

**Шамъи аввал гуфт:**

- Ман сулҳам.

Касе қадри сулҳро намедонад. Ба фикрам, хомӯш мегардам. Оташаш заиф шуду, куллан хомӯш гардид.

**Шамъи дувум гуфт:**

- Ман бовариям.

Қариб ҳама фикри онро мекунад, ки дигар лозим нестам. Аз ин рӯ намехоҳам, ки даргиронам бошам. Баъди ин сухан, шамоли кӯчаке вазид ва хомӯш гардид.

**Шамъи савум гуфт:**

- Ман муҳаббатам.

Дигар қуввае надорам, ки оташамро нигоҳ бидорам. Мардум маро ба гӯшае тарк кардаанд. Қадрамро дарк накарданд. Ҳатто фаромӯш кардаанд, ки наздикони худро дӯст бидоранд. Суханро ба итмом расониду хомӯш гардид.

Ногаҳон кӯдаке вориди утоқ мегардад ва мебинад, ки се шамъ хомӯш гардидааст. Бо овози пур аз нола гуфт:

- Чаро хомӯш шудед, шумо бояд беохир даргирон бошед.

**Шамъи чаҳорум гуфт:**

- Ман умедам.

То он вақте, ки ман даргиронам, шамъҳои дигарро дармегиронам.

Кӯдак шамъи умедро гирифта дигар шамъҳоро даргиронд.

*** Шамъи умедамонро набояд хомӯш бигардонем. То он вақте ки ҷон бар тан аст, пас, умедамонро ҳам бояд зинда нигоҳ бидорем.

***ХУДОБАШ***
***26.01.2013с.***

## Чуби охират дардноктар аст

Баҳлули Доно бо Ҳорунаррашид робитаи хуби дӯстӣ дошт, ҳатто ӯро чун бародараш медонист. Ин аст, ки бе даъват вориди қаср мешавад ва касе чизе намегӯяд. Рӯзе ба тахти подшоҳ мешинад. Муҳофизин ин маротиб Баҳлулро аз тахт фароварда, лату кӯбаш мекунанд. Баҳлул низ бо овози баланд гиря мекунад. Аҳволро ба Ҳорунаррашид мерасонанд. Ҳорунаррашид муҳофизонро сарзаниш мекунаду чун тасалло ба Баҳлул мегӯяд:

- Баҳлул, бас, дигар гиря макун. Аз ин пас ба ту чизе нахоҳанд гуфт.

Баҳлул:

- Ман аз зарбаи чуби онҳо гиря намекунам.

Ҳорунаррашид:

- Пас, чаро гиря мекунӣ?

Баҳлул:

- Барои ту.

Ҳорунаррашид:

- Барои чи?

Баҳлул:

- Ман дар тахт лаҳзае нишастам, ин қадар зарба хӯрдам. Ту доимо дар ин тахт менишинӣ. Туро фикр кардам ва аз зарбаҳое, ки ту мехӯрӣ, аз он гиря дорам. Чӯби охират аз чуби дунё дардноктар аст.

Ҳорунаррашид:

- Барои нахӯрдани чуби охират чӣ кор бояд кард?

Баҳлул:

- Адолатро аз даст мадеҳ, бо шафқат рафтор кун, мардум аз ту розӣ бошанд, дуоҳои хайри мардумро гир.

*** Чӣ дар кори дунё ва чӣ дар кори охират олим нақши зиёде мебозад. Пойдории давлат аз илм вобастагӣ дорад. Такя бар илму амал, пешрафти давлату давлатдорӣ ва беҳдошти миллат аст.

Хуш ба ҳоли он олиме, ки меҳри дунё дар дил надораду, ба роҳбарон дарси адлу инсофу идоракунӣ мебахшад. Ва хуш ба ҳоле он роҳбароне, ки суханҳои олимони боамалро қадрдонӣ мекунад.

***ХУДОБАХШ***
***10.08.2011с.***

## Чунин амр гирифтем

Шаъбӣ нақл мекунад:

- Рӯзе баъд аз адои намози ҷаноза аспи яке аз бузургони асҳоб Зайд бин Собитро ба наздаш овардам. Дар ин асно, Абдуллоҳ ибни Аббос (писари амаки Расулуллоҳ (с.а.с.)) назди асп омад ва хост узангӯи аспро бигирад. Ҳазрати Зайд инро дид ва гуфт:

- Эй писари амаки Расулуллоҳ (с.а.с.)! Узангуро сар бидеҳ.

Абдуллоҳ ибни Аббос фармуд:

- Мо амри рафтор бар олимонро чунин гирифтаем.

Баъди чунин сухан ҳазрати Зайд дасти Абдуллоҳ ибни Аббосро бӯса кард. Абдуллоҳ ибни Аббос ҳайрон монд. Зайд бин Собит чунин фармуд:

- Мо амри чунин рафтор бар аҳли байтро гирифтаем.

*** Дӯст, дӯстест, ки дӯсти дӯстро дӯст бидорад. Мо Аллоҳ Таъолоро дӯст медорем, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аз ҳама барзиёд Расулуллоҳ (с.а.с.)-ро дӯст медорад. Моро мебояд, ки Расулуллоҳ (с.а.с.)-ро дӯст бидорем. Ҳамин тариқ, шаҷара бардавом мегирад.

Дӯст бидорем, то ин ки моро низ дӯст бидоранд. Заминбударо дӯст бидор, то аршбуда дӯстат бидорад.

***ХУДОБАХШ***
***01.05.2013с.***

## Ҷавоб ба касе, ки дуо талаб кард

Волии Басра ба ҳузураш Молик ибни Динорро даъват кард ва фармуд:

- Дар ҳаққи мо дуо бикунед.

Молик ибни Динор чунин фармуд:

- Дар берун ҳазорҳо мазлум дуои бад доранд, боз ту аз ман дуои нек талаб мекунӣ?

*** Шарт нест, ки мазлум дуо кунад, «оҳи дарднок» кашидани мазлум, маънои дуои бад кардан аст. Аз ин хотир, набояд ба касе бадӣ намоем. «Оҳи мазлум» дер ҳам бошад, ҳатман мустаҷоб мегардад.

***ХУДОБАХШ***
***07.07.2013с.***

## Ҷавоб бар айбдоркунӣ

Зунуни Мисриро туҳмат намуда чанд муддате зиндонияш карданд ва ӯро ба ҳузури шоҳ баровარданд. Шоҳ аз ӯ суол кард:

- Туро кофар мехонанд, аз роҳи рост баромадааст мегӯянд. Нисбати ин айбдоркунӣ чӣ мегӯӣ?

Зунуни Мисрӣ ҷавоб медиҳад:

- Ман чӣ гӯям. Агар «Не» бигӯям, пас мусулмонҳое, ки маро айбдор кардаанд, дурӯғгӯ мешаванд. Агар «Бале» гӯям, дурӯғгӯ мешавам. Аз ин лиҳоз, шумо ба виҷдонатон мурочият намоед ва ҳукмро ба он нигариста диҳед. Ман тарафи нафсам намешавам ва онро ҳифз намекунам.

Шоҳ каме ба фикр рафту чунин фармуд:

- Ин фард, аз ҳама гуна айбдоркуниҳо дур аст. Ҳамаи гуфтаҳо туҳмат аст. Ӯ озод аст.

*** Такя бар Ҳақ (ҷ.ҷ.), ҳақдорат мебарорад. Фикри дигаронро бикун, то фикрат бикунанд. Дӯст бидор, то дӯстат бидоранд.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Ҷавоб бар одами беадаб

Шахси ҷанҷолие ҷавонеро ҳақорати зиёде мекунад. Ҷавон чунин мегӯяд:

- *Ло ҳавло ва ло қуввата илла биллаҳ.*

Ҷавононе , ки он ҷо буданд, ба ӯ гуфтанд:

- Охир ин марди ҷанҷолӣ ба ту суханҳои хело зишт гуфт ва ту сухани зиште ба ӯ нагуфтӣ.

Ҷавон:

- Дар кунҷи маҳалла саге ба ман аккос занад, ман ҳам сӯи саг бояд аккос занам? Ҳол он ки Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) маро чун инсоне офаридааст.

*** Инсоне, ки аз адаб маҳрум мондааст, набояд одамаш донист. Умратро аз амали беманфият ва забонатро аз сухани беҳикмат нигоҳ дор.

***Аз Худо хоҳем тавфиқи адаб,***
***Беадаб маҳрум шуд аз лутфи Раб.***
***Беадаб танҳо на худро дошт бад,***
***Балки оташ бар ҳама офоқ зад.***

*(Мавлоно Балхӣ)*

***ХУДОБАХШ***
***24.09.2011с.***

## Ҷавоби зани оқила бар ҳамсояи фитнагар

Зане ба ҳамсоязанаш мегӯяд, ки «Бахт надоштаед, ба марди баде хонадор шудаед». Ҳамсоязан мегӯяд:

Аз куҷо медонӣ, ки шавҳарам бад аст? Марди ман ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) хуш намебуд, маро ба ӯ насиб мегардонид? Айни ҳол, вазифаи ман розӣ будан бар тақдири Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аст. Банда ба тақдири Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) розӣ бошад, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) низ дар тақдири бандааш розӣ мешавад. Бар ӯ ва бар оилааш хушнудӣ насиб мегардонад. Ман бо ин умед хушнудам. Чаро бар тақдири Аллоҳ Таъоло (ҳошо,тавба) хато дида, маро бо одами бад хонадор кардааст гуфта, ҳам бар Офаридгор (ҷ.ҷ.) исён кунаму ҳам фазои хайри оиларо вайрон кунам? Бар тақдир бояд бовар кард, то дар амин бимонем.

*** Баъзан ҳамсоя, дӯстони ба ном наздик ва ҳатто аҳли оила сухани ғаразноки шайтониеро бароят мегӯяд, ки сабаби ҷудо гардидани оила мегардад. Мусулмон бояд босабр ва ба Тақдирсоз (ҷ.ҷ.) имон дошта бошад. Ягон сабру шукр беаҷр намемонад.

Ҳазрати Алӣ (р.а.) фармудааст:

- Садоқат, беҳтарин туҳфаест, ки ба ҳамсарат медиҳӣ.

- Оила асари меъморӣ аст. Бо фикр ва бо нақша бояд таъсис дода шавад (Дейл Карнегин).

***ХУДОБАХШ***
***09.02.2014с.***

## Ҷавоби Имоми Аъзам (р.а.)

Дар яке аз баҳсҳо марде ба рӯи Имоми Аъзам як шаппотӣ мезанад. Имоми Аъзам (р.а.) муқобилият нишон намедиҳад ва мегӯяд:

- Ман метавонам мисли ту ҳаракат кунам, аммо намекунам. Метавонам ба халифа шикоят кунам, аммо намекунам. Метавонам ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) шикоят кунаму рӯзи қиёмат ҳақамро талаб кунам, аммо инро ҳам намекунам. Аммо агар пурсанд, мегӯям, ки бе ту ҷаннат даромадан мехоҳам.

Бо ин суханҳо мардро ғаму алам зер кард ва пеши Имом нишаст.

Имоми Аъзам:

- Гиря макун, ман туро аз аввал бахшидам.

*** Имоми Аъзам (р.а.) ба ӯ дарси адаб дод ва назди виҷдонаш бо ин гӯфтор маҳкумаш кард. Дӯст бо касе шав, то туро ҳар рӯзе аз рӯзи қиёмат ва амрҳои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) огоҳ намояд.

***ХУДОБАХШ***
***15.08.2011с.***

## Ҷавонон сухан намегӯянд?

Умар бинни Абдулазиз вақти халифа таъйин шуданаш, дар миёни зиёраткунандаҳо ҳайате аз Ҳиҷоз низ буданд. Аз миёни ин ҳайат ҷавоне хост суханронӣ намояд. Умар бинни Абдулазиз фармуд:

- Дар назди ту пиронсолон ҳастанд, магар сухан гуфтани ту хайр аст?

Ҷавон:

- Инсон бо ду узви баданаш инсон аст; яке қалб, дигаре забон. Бандае, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бар ӯ қалби пок ва забони озод эҳсон карда бошад ва ӯ сухан накунад, пас, кӣ сухан бикунад? Агар сухан гуфтан ва пешво будан ҳаққи пиронсолон бошад, пас, ба ҷойи шумо барои нишастан дар ин тахт, ёфтани пиронсолон кори душвор нест.

*** Бузургӣ ба ақл аст, на ба сол. Расулуллоҳ (с.а.с.) Амр бинни Саламаро, ки ҳамагӣ ҳашт сол дошта буд, бар қавмашон имом таъйин карда буд, зеро ӯ Қуръонро аз дигарон дида, хубтар медонист.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Ҷазои марде, ки ба номуси зан даст зад

Аз қабилаи Ҳузайл Ҳамала ном ҷавоне ба уштураш савор шуда, ба чарогоҳ рафт. Дар ҳамин ҳангом Асила духтари Рашидро мебинад.

Асила гусфандбонӣ мекард. Шамоле мешавад ва чодари сари Асила аз сараш мепарад. Ҳамала воқеъаро тамошо мекард. Ҳамал уштурашро мебандаду ба Асила садо мекунад:

- Асила маро рад макун. Бо ту якҷо шудан мехоҳам.

Асила ҷавоб медиҳад?

- Аз ин ҷо дур шав. Нияти хуб дошта бошӣ, ба падарам муроҷиат бикун. Маро чун ҳамсар талаб кун. Ӯ туро рад намекунад.

Нияти Ҳамала хайр набуд. Танҳо барои завқу ҳавас фикронӣ мекард. Ба тарафи Асила рафтан гирифт. Асила, ки боқувват буд, барои ҳифзи номусаш бо тамоми ҷасораташ, биизниллоҳ Ҳамаларо ба замин хобонид ва гӯфт:

- Аз ин ҷо дафъ мешавӣ ва ё саратро мекафонам.

Ҳамала ваъда дод, ки меравад. Афсӯс, ки пас аз хестан, дубора ҳамла кард. Ин маротиб ҳам Асила ӯро хобонид ва боз гуфт:

- Аз ин ҷо дафъ мешавӣ ва ё саратро мекафонам.

Дар ин ҳолат ҳам, Ҳамала ваъда дод, аммо боз ҳамла кард ва ин маротиб ҳам мағлуб шуд. Асила санге бар сари Ҳамала зад, ки сараш хуншор шуд.

Асила гусфандҳоро гирифту дур шуд. Қофилае аз он диёр мегузашт. Ҳамаларо шинохтанд. Аз Ҳамала пурсиданд:

- Ҳамала ба ту чӣ шуд?

Ҳамала ҷавоб дод:

- Уштурам маро ба замин афтонд.

Пурсиданд:

- Охир уштурат баста аст. Сарат захмин аст ва ин санг ҳам хунолуд аст.

Ҳамала гуфт:

- Ҳар чӣ гӯям, ҳамон аст, чӣ ин қадар мепурсед. Маро дар уштур савор карда, ба хона бибаред.

Ҳамаларо ба хона оварданд. Якчанд рӯз хоб кард. Аз сиҳҳат ёфтани Ҳамала ноумед шуданд. Суол карданд:

- Касе, ин корро кардааст, аз ӯ товон талаб мекунем. Ҳаққи хун мепурсем.

Ҳамала гуфт:

- Бар хуни ман Асила ҷавоб медиҳад.

Пас аз ин Ҳамала вафот мекунад. Ҳузайл пешвоҳоро ҷамъ мекунаду назди Расулуллоҳ (с.а.с.) меравад ва ба Расулуллоҳ (с.а.с.) мегӯяд:

- Ба хуни Ҳамала, Рашид ҷавоб медиҳад.

Ҳазрати Расулуллоҳ (с.а.с.) Рашидро даъват мекунад (номи қаблии Рашид, Золим буд, пас аз мусулмон шудан, номашро ба Рашид иваз мекунад). Рашид аҳволро мефаҳмад ва мегӯяд:

- Ман аз ин гуна марг хабар надорам. На дидаму на шунидам.

Ин маротиб даъвогарон мегӯянд, ки духтари Рашид, Асила гунаҳгор аст. Асиларо низ меоранд. Ба Асила мегӯянд:

- Асила, инҳо даъвои онро доранд, ки ту Ҳамаларо куштаӣ.

Асила мегӯяд:

- Ягон зан мардро кушта метавонад?

Худ фаҳмид, ки бо ин сухан худро ҳимоя карда наметавонад. Фикр кард, ки ба Расулуллоҳ (с.а.с.) ваҳй нозил мегардад. Аз ин хотир, ҳодисаро нақл кард.

- Се маротиба бар ман ҳамла кард. Ду маротиби аввал ваъда дод, ки аз ин ҷо меравам. Сеюм маротиб ҳамла кард ва ман ҳам номусамро ҳимоя кардам ва бо санг сарашро захмин кардам. Баъд фаҳмидам, ки аз сабаби ҳамон захм мурдааст.

Мардуми Ҳузайл эътирофи занро шуниданд ва даъво карданд, ки товони хун бидиҳанд.

Расулуллоҳ (с.а.с.) фармуданд:

- Асила номусашро ҳимоя кардааст. Даъвои шумо беасос монд ва товони хун ҳам бардошта шуд.

*** Дар асри саодат ҳифзи номус ҳақ баромад. Ин ҳукм, то рӯзи қиёмат гузаранда аст. На танҳо зан, балки мард низ бояд номусашро ҳифз намояд.

Чӣ хеле, ки мо мехоҳем зани бономусеро соҳиб бошем, пас, зан ҳам мехоҳад, ки марди бономусе насибаш бошад.

***ХУДОБАХШ***
***14.04.2012с.***

## Ҷанги ҳезумкаш бо шайтон

Шахсе бо роҳи ҳезумкашӣ рӯзашро мегузаронид. Дар наздики деҳаи ҳезумкаш, мардум ба дарахте рози дил карду, онро муқаддас медонистанд. Рӯзе ҳезумкаш ният кард, ки дарахтро шиканаду ҳам мардумро аз исён ба Худо (ҷ.ҷ.) наҷот диҳад ва ҳам чӯби дарахтро фурӯхта, пул ба даст орад. Роҳ ба сӯи дарахт кард. Дар роҳ шахсе ба куҷо рафтани ҳезумкашро пурсид. Ҳезумакаш гуфт:

- Ман барои шикастани дарахте меравам, ки мардум онро парастиш мекунанд.

Мард гуфт:

- Ман шайтонам. Дастурат намедиҳам, ки дарахтро шиканӣ.

Ҳезумкаш қаҳролуд шуда бо шайтон даст ба гиребон мешавад. Шайтонро ба замин афтонида кордро ба гулӯяш мемонад. Шайтон мегӯяд:

- Ту маро кушта наметавонӣ. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ман то рӯзи қиёмат иҷозати зиндагӣ кардан додааст. Маслиҳате мекунем ва ту дарахтро машикан. Ман ба ту ҳар рӯз як танга тилло медиҳам ва ту ҳам аз шикастани дарахт даст бикаш. Ҳар касе дарахтро парастиш мекунад, ба ту чӣ фарқе дорад, тангаи тиллоро гир ва коратро аҷом деҳ.

Ҳезумкаш шайтонро сар медиҳад. Шайтон ба ҳезумкаш мегӯяд:

- Аз ин баъд. Ҳар субҳ аз таги болиштат як танга тилло бигир.

Ҳезумкаш ба хона бармегардад. Субҳ таги болишт мебинад, аммо аз тангаи тилло хабаре нест. Ҳезумкаш қаҳролуд мешавад ва барои шикастани дарахт мебарояд.

Дар роҳ боз бо шайтон рӯ ба рӯ шуда, ба шайтон ҳуҷум мекунад, вале ин маротиб ба шайтон мағлуб мегардад. Шайтон мегӯяд:

- Дирӯз барои ризогии Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) нияти шикастани дарахт кардӣ ва маро мағлуб кардӣ. Имрӯз барои тангаи тилло надоданам ба ман ҳуҷум кардӣ, аз ин сабаб мағлуб шудӣ.

*** Дар роҳи ҳақ, дастгират Ҳақ Таъоло (ҷ.ҷ.) мегардад. Дар иқдоми илоҳӣ ризогии Аллоҳ Таъоло аст, ки хоҳиши ҳар як банда мебошад.

Худованди Мутаъол (ҷ.ҷ.) дар сураи «Нисо», ояти 14 фармудааст:

وَمَنْ يَعْصِ اللهَ وَرَسُولَهُ وَيَتَعَدَّ حُدُودَهُ يُدْخِلْهُ نَارًا خَالِدًا فِيهَا وَلَهُ عَذَابٌ مُهِينٌ

«Ва ҳар кӣ аз Худову Расулаш фармон набарад ва аз аҳкоми ӯ таҷовуз кунад, ӯро дохил дар оташ кунад ва ҷовидон дар он ҷо хоҳад буд ва барои ӯст азобе хоркунанда».

- Шахсе маро итоат кунад, Аллоҳро низ итоат кардааст. Касе, ки муқобили Худову Расул (с.а.с.) исён мекунад, ба Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) низ исён кардааст (маънои ҳадис).

***ХУДОБАХШ***
***17.03.2013с.***

## Ҷаннат рафтан мехоҳам

Робия ибни Каъб ал-Асламӣ саргузашташро чунин нақл мекунад:

- Шабҳо бо Расулуллоҳ (с.а.с.) мемондам. Оби таҳораташ мебурдам ва хизматаш мекардам. Рӯзе Расулуллоҳ (с.а.с.) ба ман гуфт:

- Бихоҳ аз ман ҳар он чӣ, ки дилат мехоҳад?

Ман гуфтам:

- Ман орзӯ дорам, ки дар ҷаннат бо ту бошам.

Расулуллоҳ (с.а.с.) боз фармуд:

- Ягон чизи дигар намехоҳӣ?

Гуфтам:

- Танҳо ҳаминро мехоҳам.

Расулуллоҳ (с.а.с.) фармуд:

- Пас, бисёр намозу саҷда бикун, то барои кӯмак кардан даррасад.

*** Бе рӯзаю бе намоз имон маталаб. Зайд ибни Собит фармудааст:

Ҳар вақте, ки инсон ба намоз меистад, гуноҳҳояш болои сараш овезон мешавад ва дар ҳар саҷдааш як гуноҳаш меафтад.

Пас, агар хоҳем, ки аз раҳмати Аллоҳ (ҷ.ҷ) ва шафоати Расулуллоҳ (с.а.с.) баҳраманд гардем, бояд ки амрҳои илоҳӣ ва тавсияҳои Ҳабибуллоҳ (с.а.с.)-ро ба ҷо оварем, зеро танҳо тақво метавонад моро наздиктар созад.

***ХУДОБАХШ***
***18.10.2015с.***

## Ҷаннати абадӣ чӣ гуна ба даст оварда мешавад?

Ҳасани Басрӣ дар бораи ният бисёр суҳбат мекард. Аз Ҳасани Басрӣ суол карданд:

- Ният чӣ ҳикмат дорад, ки доим мефармоед, ки «ниятатонро дуруст нигоҳ доред, қалбҳоятонро ислоҳ намоед».

Ҳасани Басрӣ фармуд:

- Шумо фикр мекунед, ки бо амалҳои рӯзонаатон ҷаннати абадӣ ба даст меоред?

Шояд ҷаннати абадиро бо ниятҳои хайр ва ихлосатон, ки болои амалатон изофа мекунед, ба даст меоред.

То ниятатонро дуруст накунед, амалҳоятон қабул намегардад.

Дар ниятҳоятон мақсадҳои дунявӣ магузоред, танҳо ризогии Аллоҳ Таъоло (ҷ. ҷ.) гузоред.

*** Ниятат пок бошад, пас матарсед! Ба кучое, ки меравӣ, нур ва баракататро бо худ мебарӣ.

*Амал бо ният қадр пайдо мекунад (маънои ҳадис).*

***ХУДОБАХШ***
***30.03.2913с.***

## Ҷоду

*Лабид ибн Асам* ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.)-ро ҷоду намуд. Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) аз ҷоду воқиф шуд ва дуо карду аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) шифо талаб кард. Дере нагузашта, ҳазрати Ҷабарил (а.с.) ва ҳазрати Микоил (а.с.) ҳақиқати корро ба Расулуллоҳ (с.а.с.) хабар доданд. *Лабид ибн Асам* мӯи сар ва риши мубораки Расулуллоҳ (с.а.с.)-ро ва инчунин гули хурморо чун ҷоду истифода намудааст ва ба чоҳи Зарвон партофтааст. Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) бо гурӯҳе аз Асҳоб рафтанду чоҳро маҳкам карданд. Ҳазрати Оиша (р.а.) аз пайғомбарамон (с.а.с.) пурсид:

- Ё Расулуллоҳ (с.а.с.), сеҳро кушодед?

Расулуллоҳ (с.а.с.) ҷавоб доданд:

- Не, накушодам. Андеша аз он кардам, ки дар кушодани ҷоду дар миёни мардум суханҳои мухталиф паҳн мегардад.

*** Ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) бо чунин рафтор ба мо дарси онро додаанд, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) шифо медиҳад ва барои шифо ёфтан ҳоҷат ба кушодани ҷоду нест.

На танҳо ҷоду, балки барои рафъи тамоми дарду ғаму бемории танҳо аз Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бояд талаби шифо намуд. Табибонро чун василае бояд бидонем. Тақдирро бо тадбир бояд ба оғӯш гирифт.

***ХУДОБАХШ***
***09.02.2013с.***

## Ҷойи фаромӯшшуда

Марде пулашро дар ҷое пинҳон мекунад, аммо ҷойи мондаашро фаромӯш мекунад. Ба касе дардашро гуфта бошад ҳам, дастгире наёфт. Дар охир назди Имоми Аъзам (р.а.) меравад ва дардашро мефармояд.

Имоми Аъзам:

- Дарди ту ба фиқҳ рабте надорад, лекин ба ту роҳе нишон медиҳам. Рав то саҳар намоз хон. Иншоаллоҳ, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ҷойи пулатро ба ёдат меорад.

Мард тавсияро амалӣ мегардонад. Нисфи намози шабона ҷойи пул ба ёдаш меояд. Намозро тарк мекунаду пулашро аз ҷойи мондааш мегирад.

Субҳ назди Имоми Аъзам (р.а.) рафта, миннатдорӣ мекунад ва мегӯяд:

- Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аз шумо розӣ бодо. Саҳар ношуда, ҷои пул ба ёдам омад ва рафта гирифтам.

Имоми Аъзам:

- Кош то саҳар намозатро адо мекардӣ. Маълум мешавад, ки шайтон нахост, то субҳ намоз бихонӣ. Кош баъди ёфтани ҷойи пул боз намози шукр мехондӣ, ки ин хело ҳам беҳтар мешуд.

*** Баъзан мушкиле пешамон ояд, худро чунон зоҳид ва шайхе мегирем, ки аввалу охир Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.), агар ҳамон замон вафот кунем, аз раҳмати Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бенасиб намегардем, аммо вақти хурсандӣ ва ё муваффақияте аз намози шукру аз хурсанд кардани фақир ё ятиме ёде намекунем. Худоё, моро аз зумраи бандаҳои шукргузор бигардон.

***ХУДОБАХШ***
***01.10.2011с.***

## Ҷунайди Бағдодӣ ва дарвеш

Ҷунайди Бағдодӣ рӯзи ҷумъа дарвешеро мебинад, ки ба гадоӣ машғул аст ва ба дилаш мегузаронад, ки;

- Ин дарвеш чаро кор намекунаду аз ину он пул талаб мекунад.

Шаби ҳамон рӯз Ҷунайди Бағдодӣ хобе мебинад, ки шахсе барояш як табақи рӯпӯшида меорад. Ҳазрати Ҷунайд табақро кӯшода мебинад, ки дарвеши дар рӯз дидааш дар ҳолати бирёншуда истодааст.

Садо:

- Ҷунайд инро бихӯр!

Ҷунайд :

- Хӯрда наметавонам, ҳаром аст.

Овоз:

- Дар назди дари масҷид чи гуна, ки хӯрдӣ, ҳамон хел бихӯр.

Ҷунайди Бағдодӣ аз хобаш бедор мешавад.

дарк мекунад, ки бо қалбаш ғайбат кардааст.

*** Ғайбат, дар бораи нафаре, ки ҳузур надорад сухане мегӯӣ, ки агар дар ҳузураш бигӯӣ, барои ӯ хӯш намеояд. Барои шахсони бузург, ҳатто чунин фикрронирo дар қалбҳояшон бояд ҷо надиҳанд. Аз ин хотир, ба таври оҷил Ҷунайди Бағдодӣ огоҳонида шуд. Ҷунайди Бағдодӣ аз хоб мехезаду дар ҷустуҷӯи дарвеш мешавад. Ӯро дар назди дарёи Диҷла мебинад, ки худро шӯстааст. Наздаш омада, саломаш медиҳад. Дарвеш саломашро ногирифта, мегӯяд:

- Барои амалеро, ки дар баромадани масҷид анҷом дода будӣ, тавба кардӣ?

Ҷунайд:

- Бале, кардам.

Мард:

- Тавба карда бошӣ, пас дигар ҳоҷати шарҳ нест. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) тавбакунандаро мебахшад.

Мард «натарс» мегӯяду ғайб мегардад.

Ҷунайд чунон гиря мекунад, ки чашмаш варам мекунад.

*** Он афроде, ки мақоми маънавӣ доранд, қалбҳояшонро аз ҳама гуна фикрҳои бад нигоҳ медоранд. Ҳоҷат оид ба амали бад сухан гуфтан ҳам нест.

***ХУДОБАХШ***
***17.08.2011с.***

## Ҷунубӣ ду намуд аст

Рукниддин Абулфатҳ дар боби ҷунубӣ чунин фармудааст:

- Ҷунубӣ ду намуд аст:

Яке қалбан ва дигар вуҷудан. Ҷунуби вуҷудӣ маълум аст, аммо ҷунуби қалбӣ зимни суҳбат бо ашхоси ғайриқобил ҳосил мешавад. Ҷунубии вуҷуд бо об тоза мешавад, аммо ҷунубии қалб бо ашки чашм тоза мешавад.

*** Шахсе, ки гиря карданро медонад, чӣ будани қалбро низ медонад.

***Гиря бар ҳар дарди бедармон давост,***
***Чашми гирён чашмаи файзи Худост.***

***ХУДОБАХШ***
***02.06.2013с.***

## **Шайтон кай ғолиб мебарояд?**

Ҳазрати Мӯсо (а.с. ) дар маҷлисе нишаста буд. Наздаш Иблис омад. Ҳазрати Мӯсо (а.с.) суол кард:

- Ба ман гуноҳеро бигӯ, ки фарзанди Одам онро амалӣ кунад ва ту бар ӯ ғолиб бароӣ?

Шайтон:

- Вақте ки одам худро маъқул медонад, хизмат ва ибодатҳояшро бисёр медонад ва вақте ки гуноҳояшро фаромӯш мекунад, ман ба он ғолиб мебароям.

*** Ҳар касе, ки худро олим мегирад, ӯ ҷоҳил аст (маънои Ҳадис).

На танҳо худро олим гирифтан, инчунин амалҳои хайрро барзиёд дидану амалҳои бадро кам дидан ҳам, нишонаи ҷоҳилӣ аст.

***ХУДОБАХШ***
***30.03.2013с.***

## Шайх ва хизматгор

Шайх Абӯабдуллоҳ хизмагорзане дошт, ки як чашмаш кӯр буд. Зани солеҳа будааст. Рӯзе шогирдон дар бораи ӯ баҳс карданд:

- Ин зан чунон обида (ибодаткунанда) аст, ки касро ба ҳайрат мегузорад. Як чашмаш нобино аст.

Шайх:

- Дар бораи кадом зан баҳс доред?

Муридон:

- Зане, ки дар хонаи шумо хизматгор аст.

Шайх:

- Он зан дар хонаи ман 30 сол аст, ки кор мекунад, аммо то ҳол намедонистам, ки як чашмаш кур аст.

*** Вақте ки мо касеро шайх ва ё мулло мегӯем, манзури мо шайх ва муллои дар боло зикркардаи мост, на ин ки онҳое, ки исми шайх ва муллоро истифода мекунанд. Ва ин аст, ки рафторҳои ғализонаи баъзе аз «шайх» ва «муллоҳо» сабаби дилхунукии ҳам мусулмонон ва ҳам ғайримусулмонон ба дини Ислом мегарданд. Он шахсоне, ки худро дар тақво нигоҳ дошта наметавонанд, худро бо тахаллусе миёни мардум машҳур насозанд, зеро зоминии зиёде бар гарданашон бор мегарданд ва он онҳое, ки меҳрашон нисбати дин коста мегарданд, рӯзи қиёмат гиребони «шайх» ва «муллоҳо»-ро хоҳанд гирифт. Ҳеҷ набошад, овораи гуноҳҳои танҳо худатон гардед, аммо дуо мекунем, ки заррае ҳам олудаи гуноҳ набошед.

***ХУДОБАХШ***
***31.08.2011с.***

## Шапалак

Пилла дар ҳаракат даромад ва сӯрохие пайдо шуд. Марде онро бодиққат назар мекард. Шапалак соатҳо кушиш мекард, ки берун барояд. Чанд лаҳзае оромӣ ҳукмрон шуд. Мард фикр кард, ки шапалак аз кушиш кардан даст кашидааст. Мард ба шапалак кӯмак кардан хост. Чӯбе гирифта, сӯрохии пилларо васеъ кард. Шапалак ба осонӣ аз пилла берун шуд. Бадани шапалак хушку кӯчак буд ва қанотҳояш ҳам солим намудор набуд.

Мард ба шапалак нигоҳ кардан гирифт. Шапалак қанотҳояшро кушода наметавонист. Шапалак борҳо кӯшиш кард, аммо натиҷа нагирифт. Мард бо нияти хайр кӯмак карда бошад ҳам, аммо ба шапалак бадӣ кардааст.

Мард як чизро намедонист. Кӯшишҳои шапалак барои баромадан аз пилла ба он нишон медиҳад, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) моеи бадани шапалакро ба қанотҳояш медиҳад ва он вақт шапалак метавонад, ки парвоз бикунад. Шапалак то муддати лозима дар пилла қарор нагирифт ва ин сабаб шуд, ки шапалак аз парвоз кардан маҳрум монд.

*** Баъзан кӯмак монеаи пешрафт мегардад. Кӯшишҳое, ки дар ҳаёт мекунем, ҳамааш барои рушд ёфтан аст. Агар бе кӯшиш соҳиби муваффақияте бигардем, пас чун шапалак дар кори дигаре маъюб мемонем. Ҳар як мушкилӣ барои пешрафт чун қуввае ба ҳисоб меравад.

Дар дард ва кӯшишу ғайрат набояд шикоят кард, балки тарафи мусбати онро бояд назар кард. Дард дарс аст, албатта, барои аҳли фаҳм.

Дар куҷо ва чӣ гуна кӯмак карданро бояд хуб донист, то ин ки ба ҷои кӯмак зарар надиҳем ва ё кӯмакро сари вақт бояд бикунем, то ин ки дер накунем.

***ХУДОБАХШ***
***02.02.2013с.***

## Шарбати асал

Дар яке аз рӯзҳои Рамазон марди Мадинагие халифа ҳазрати Умарро ба хонааш барои ифтор даъват кард. Дар аснои хӯрок назди ҳазрати Умар нӯшокие гузошт. Ҳазрати Умар пурсид:

- Ин чист?

Мард:

- Шарбати асал аст.

Ҳазрати Умар шарбатро нанӯшида гуфт:

- Қисме аз аҳолӣ оби чоҳро наёфтаанд, ман чӣ гуна ин ҷо шарбати асал менӯшам.

*** Бале, касоне ҳастанд, ки мегӯянд, ки ин қадар меҳнат мекунем, ҳади ақал нӯшокии хубе нӯши ҷон кардан мехоҳам. Хуб, нӯши ҷон кун, аммо ҳаққи волидайн, бародарон, ҳамсоя ва хешу таборро фаромӯш макун.

***ХУДОБАХШ***
***19.08.2011с.***

## Шарикии зан дар савоби мард

Ҳазрати Асмо (р.а.) яке аз саҳобазан ба Расулуллоҳ (с.а.с.) чунин суол кард:

- Ё Расулуллоҳ (с.а.с.)! Падару модарам фидоят бодо! Ман аз номи занҳои мусулмонон назди шумо омадам. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) шуморо барои марду зан чун пайғомбар равон кардааст. Мо дар роҳи шумоем ва шуморо бовар кардему имон овардем. Мо дар миёни чор девор қарор дорем. Ба берун кам мебароем. Мардҳо бошанд, ба намози ҷумъа, намози ҷаноза ва намозҳои ид мераванд. Корҳои хайр мекунанд. Мо бошем, даруни хона ҳастем ва аз ин корҳо маҳрумем. Мо дар хона бо фарзандҳо машғулем. Ба шавҳарҳоямон либос медӯзем, хӯрок омода мекунем, хона тоза мекунем ва умуман он чӣ, ки аз дастамон меояд, татбиқ менамоем. Он корҳои хайре, ки шавҳарҳоямон мекунанд, магар аз савоби онҳо мо ҳам баҳра мегирем? Ё ин ки аз савобҳои гирифтаи онҳо маҳрумем?

Расулуллоҳ (с.а.с.) хело шод шуданд ва ба асҳоб фармуданд:

- Магар боре шунидед, ки зане чунин суханронӣ карда бошад?

Асҳоб:

- Ё Расулуллоҳ (с.а.с.)! Ҳатто дар фикрамон набуд, ки зане омада, аз чунин зебогиҳо суол намояд.

Расулуллоҳ (с.а.с.) ба тарафи Асмо (р.а.) нигариста, мефармояд:

- Ё Асмо (р.а.)! Агар зане дили шавҳарашро шод нигоҳ дорад, вазифаҳои ҳамсарияшро иҷро намояд, пас, он зан ба тамоми савобҳои гирифтаи шавҳараш муштарак мебошад (баҳра мебарад).

*** Чӣ саодат ба он занҳое, ки шавҳарҳояшон дар роҳи хайр мебошанд. Албатта, саодати бузургтар ба он занҳое, ки шавҳарҳояшон аз он аз онҳо розиянд.

Мард ҳам дар баробари эҳтироми ҳамсараш, бояд ҳам иззат ва ҳам шукр намояд, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) барояш ҳамсаре насиб кардааст, ки дар роҳи хайр ва қаноат қарор дорад.

***ХУДОБАХШ***
***05.01.2014с.***

## Шарти ғусл

Ба яке аз авлиёҳо суол мекунанд:

- Кадом вақт ғусл бояд кард?

Авлиё:

- Барои шумо ва ё барои мо?

Мард:

- Барои шумо алоҳида ва барои ман алоҳида аст, магар?

Авлиё:

- Бале, шумо кадом вақт ғусл кардани худро медонед. Мо лаҳзае Аллоҳамонро фаромӯш бикунем, ғусл мекунем.

*** Барои амри вазифадореро ва ё волидайнро ба ҷо овардан, амрҳояшонро доимо дар ақлу ҳушат қарор медиҳӣ, пас, магар аз рӯи инсоф аст, ки амрҳои илоҳиро фаромӯш созӣ.

Агар доимо Аллоҳро дар наздатон бидонед ва дарки онро бикунед, ки Аллоҳ (ҷ.ҷ.) ҳар як рафторатонро мебинад, ҳаргиз хато намекардед (Эпиктетос).

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Шарти омӯхтани илм

Ҳазрати Имоми Аъзам (р.а.) дарси ҳадис мекард. Шахсе омад ва гуфт:

-Эй Имом! Ҳадисро як тараф бимон. Ба мо Қуръон бихон.

Ҳазрати Имоми Аъзам (р.а.) гуфт:

- Шояд агар суннат намебуд, мо ҳеҷ кадомамон Қуръонро намефаҳмидем.

Ҳазрати Имоми Аъзам (р.а.) ба мард гуфт:

- Дар бораи ҳаром будани гушти маймун дар Қуръон ояте ҳаст?

Мард хомӯш истод. Имоми Аъзам (р.а.) гуфт:

- Ту чӣ гуфтаатро намедонӣ. Шахсе, ки бе ҳадис талаби илм мекунад, танҳо фитнаву фасод паҳн мекунад.

*** Дар замоне, ки фитнаву фасод бармехезад, ҳар касе, ки суннатро ба оғӯш мегирад, савоби сад шаҳидро мегирад (маънои ҳадис, Ҳаким).

***ХУДОБАХШ***
***17.03.2013с.***

**Шахсе, ки зулмаш кардааст, дуои авф намуд**

Яке аз ходимони низомӣ ҳазрати Иброҳими Адҳамро намешиносад ва нофаҳмида ӯро ба чӯб зада, сарашро хуншор мекунад. Новобаста аз ин, ҳазрати Иброҳими Адҳам ба ӯ дуои бад накард ва ҳатто дуо кард, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ӯро авф намояд.

Ашхосе, ки шоҳиди ҳодиса буданд, чунин фармуданд:

- Чаро ба шахси зулмкунанда авф талаб кардан мехоҳӣ? Чаро ӯро сарзаниш намекунӣ?

Иброҳими Адҳам чунин фармуд:

- Ман боварӣ дорам, ки барои бар ман ноҳақ зулм карданаш, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ба ман мукофот медиҳад. Ӯ бошад, барои зулми кардааш ҷазо мебинад. Ман ҳаргиз намехоҳам, ки дигаре зарар бубинад ва аз зарари он ман сӯде бубинам. Сабаби хостани авфи ӯ ҳамин аст.

*** Мардум барои ба даст овардани фоида, зарари дигаронро нодида мегиранд. Ҳол он, ки инсон ба мартабаи воло, ки бирасад, зарари дигареро дар охират намехоҳад, дар сурате, ки аз он нафар зулм ҳам карда бошад. Ҳам дуо ва ҳам кӯшиш кунем, ки Аллоҳ ба мо имони комил насиб бигардонад. Авф бикунем, то авф карда шавем.

***ХУДОБАХШ***
***30.03.2013с.***

## Шахси талабкунанда нашавед

Яке аз имомони аҳли байт Зайналобидин нақл мекунад:

- Назди яке аз бузургон нишаста будам. Яке аз китобҳоро кушодаму ба хондан шурӯъ намудам. Вақти хондан хатое дидам. Барои дуруст кардани навиштаҷот аз он шахси бузург кордашро хоҳиш кардам.

- Корди дастатонро медиҳед, ки ҳамин хаторо дуруст кунам?

Шахси бузург кордашро дод. Ман хаторо дуруст кардам ва кордашро баргадонидам. Шахси бузург чунин фармуд:

- Маротиби дигар, чунин макун. Фарзандам аз касе чизе талаб макун. Аз касе чизе талаб кардан, туро чун дасти талабкунанда меорад. Пайғомбарамон (с.а.с.) ба Савбон фармуд: «Аз касе чизе талаб макун». Баъди он Савбон аз касе чизе талаб нанамуд. Вақти ба роҳ баромадан, агар болои аспаш савор мебуд ва қамчинаш меафтид, ба касе намегуфт, ки қамчинашро бидиҳад. Худ аз асп мефаромад ва қамчинашро мегирифт.

*** Дасти диҳанда аз дасти талбанда (гиранда) болотар аст. Ҳар як кор, чун сифатамон мегардад. Ҳар як кор, дар ахлоқамон зам мегардад, аммо мо аз он бехабар мемонем. Кӯшиш ба он бидиҳем, ки дар ахлоқамон сифати номақбул ворид нагардад. Ҳаддалимкон аз касе чизе талаб накунем. То зарурати ҷиддӣ пеш наояд, дари касеро барои талбидан набояд тақ-тақ кард.

***ХУДОБАХШ***
***12.05.2013с.***

## Шаҳри худро бо адолат иҳота кунед

Волие ба халифа Умар бинни Абдулазиз чунин мурочиат мекунад:

- Барои ҳифзи шаҳрамон мехоҳем, атрофи шаҳрҳоро бо девор иҳота намоем. Маблағи лозимаро равон кунед.

Умар бинни Абдулазиз мефармояд:

- Шаҳратонро бо девор не, бо адолат ҳифз намоед ва аз зулм дурӣ биҷӯед.

*** Барои идора кардани давлату миллат, роҳи асосӣ адолат аст. Шояд ба зурӣ роҳбар шавӣ, аммо танҳо бо адолат метавон идора кард.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Шаъну шараф чист?

Шаъну шараф на онест, ки ту ҳамеша дар ибодати нафл бошӣ ва дигаре барои ту заҳмат бикашад.

Шаъну шараф он аст, ки худат заҳмат кашида нонатро ба хона биёрӣ ва баъд ба намоз шурӯъ бикунӣ. Дар чунин ҳолат дари хона садо барорад ҳам, таваҷҷуҳ намекунӣ.

Агар дар хонаат чизе набошад ва дар намоз бошӣ, дар ҳар садои дари хона, фикри онро мекунӣ, ки «шояд ин одам бароям ноне овардааст».

*** Агар ризқ бо илм зиёд мегардид, аз ҷоҳил дида, дигаре умри душвортаре ба сар намебурд. Илму ибодат, танҳо барои розигии Аллоҳ Таъолоро насиб кардан ба ҷо оварда мешавад.

***ХУДОБАХШ***
***07.07.2013с.***

## Шубҳа

Шахси дорое муфассири Қуръон Фахриддини Розиро барои зиёфат ба боғи зебояш даъват намуд. Дар зиёфат касе ҳам ҳузур дошт, ки Фахриддини Розӣ ӯро намешинохт. Суҳбат хело хуб мегузашт. Дар ин асно меҳмон аз Фахриддини Розӣ суол кард.

- Ҳадаф аз илм шинохтани Аллоҳ (ҷ.ҷ.) бошад, пас Аллоҳ Таъолоро чӣ гуна мешиносӣ?

Фахриддини Розӣ ҷавоб дод:

- Аллоҳ Таъолоро бо сад далелу бурҳон мешиносам.

Меҳмон гуфт:

- Ба ман бигӯ, ки магар далелу бурҳон барои рафъи шубҳа нест? Маълум мешавад, ки дар ту ба ин миқдор шубҳа будааст, ки бо далелҳо шубҳаҳоятро рафъ намудаӣ. Ин дар ҳолест, ки Аллоҳи Зулҷалол (ҷ.ҷ.) бар ман имон додааст, ки заррае аз шубҳа дар қалбам нест. Барои рафъ намудани ҳеҷ чиз, чаро далелу бурҳон биҷӯям?

Баъди ин сухан хомӯшӣ ҳукмрон шуд. Фахриддини Розӣ аз ҷой мехезад ва ба меҳмон мегӯяд:

- Дастатро бидеҳ, то онро бӯса кунам. Ту шахси оддӣ нестӣ, ту султони маънавиёт ва намунаи имону ихлос ҳастӣ. Бигӯ, кӣ ҳастӣ ва маро дар мароқ магузор.

Шахсе қоматашро тарафи Фахриддини Розӣ хам карда, дар гӯшаш мегӯяд:

- Ин шахс Наҷмуддини Кубро (р.а) мебошад.

*** Инсон чӣ қадаре, ки омӯзад, боз аз макон ва аз шахси фозилтар дарс мегирад, ки интизор ҳам нест. Илм инсонро ба сӯи нур мебарад.

Дар сураи «Зухруф» ояти 61-ум Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) фармудааст:

وَاِنَّهُ لَعِلْمٌ لِلسَّاعَةِ فَلَا تَمْتَرُنَّ بِهَا وَاتَّبِعُونِ هٰذَا صِرَاطٌ مُسْتَقِيمٌ

- Ва бешубҳа, ӯ (Исо) нишонаи фаро расидани қиёмат аст. Дар ин шак накунед ва ба Ман пайравӣ кунед! Ин аст роҳи рост.

Ояти мазкурро барои рафъи яке аз шубҳаҳои аср зикр намудем.

***ХУДОБАХШ***
***16.03.2013с.***

## Шукр

Дар пойи Муҳаммад бин Васӣ захме пайдо шуд. Шасхе захмро мебинаду мегӯяд:

- Дилам ба ту месӯзад.

Муҳаммад бинни Васӣ мегӯяд:

- Ман шукр мекунам, ки ин захм дар чашмам набаромадааст.

*** Дар ҳар бадӣ, бадтаре аст. Шукр ва дуо ба он бикунем, ки Худованд аз бадтар моро нигоҳ бидорад. Ба кӯҳ нигариста, барф медиҳад, албатта, ба инсон бореро медиҳад, ки он борро бардошта метавонад.

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар Қуръони Карим мефармояд:

- Ва Парвардгори ту фазли худро бар мардум ато мекунад. Вале бештаринашон шукр намегӯянд!

***ХУДОБАХШ***
***03.02.2013с.***

**Эҳтиёҷ дошта бошӣ, назди мо биё**

Дузде дар шабонгоҳ ба анбори Сайид Тоҳо даромад ва халтаро пур аз орд кард, аммо бардошта натавонист. Халтаро то нисф холӣ кард, аммо боз ҳам бардошта натавонист. Боз кам кард, аммо бардошта натавонист. Дар ин асно, Сайид Тоҳо ба анбор даромаду ба дузд гуфт:

- Магар халтаро бардошта натавонистӣ? Ин хел бошад, кӯмакат мекунам.

Дузд ҳайрон монд. Сайид Тоҳо халтаро ба пушти дузд бардошта гузошт ва фармуд:

- Инро гир ва рав. Одамони мо набинанд, шояд ба ту зарар расонанд. Ҳар вақте ки муҳтоҷ шудӣ, ба таври пинҳон ба анбор надаро, ошкоро назди мо биё.

Баъди чанд вақт дузд товба мекунад ва яке аз шогирдони содиқи Сайид Тоҳо мегардад.

*** Албатта, ҳар як фард хато мекунад. Шахси оқил ва пешворо мебояд, чунон насиҳат кард, ки хатокор худро назди дари тавба бубинад. Баъзан хатокор зери таъна ва сарзаниши бардавом қарор мегирад ва хатокор боз ба шайтон наздиктар мегардад.

***ХУДОБАХШ***
***09.05.2013с.***

## Эҳтиром намехоҳам

Дасти олимеро бӯсидан хостанд, аммо олим зуд дасташро мегирифт. Олим мегӯяд:

- Агар дасти ман баринро бӯса карданӣ бошед, беҳтар он аст, ки дасти худатонро бӯса кунед.

Мардум пурсиданд:

- Устод! Мо шуморо ба хотири илматон аз бузургони хеш мешуморем.

Олим гуфт:

- Шумо маро аз бузургонатон мешуморед, аммо ман намешуморам. Шумо маро чун яке аз бузургонатон шуморед, тавозӯъ аст. Агар ман худ шуморам, пас, ин кибр аст.

***ХУДОБАХШ***
***23.03.2013с.***

## Эҳтироми олимон ба якдигар

Абдураззоқ нақл мекунад:

Бо Имоми Аъзам дар наздики Каъба нишаста будем. Шахсе омад ва гуфт:

- Эй Абӯҳанифа! Амали Суфёни Савриро шунидӣ? Ӯро дидам, ки дар Сафо зикри талбия (*лаббайк, Аллоҳума лаббайк, лаббайка ла шарика лака лаббайк. Иннал ҳамда ванн-неъмата лака валмулк, ла шарика лаҳ*) дорад.

Мақсадаш маълум буд. Ду олими фиқҳро бар муқобили якдигар овардан аст.

Абӯҳанифа фурсате надода, ба ҷавон чунин ҷавоб дод:

- Ҳайф бар ту бод! Нисбати Суфёни Саврӣ чунин магӯ. Рав тобеъи ӯ шав, зеро Суфёни Саврӣ бе илму бе далел дар Сафо зикри талбия намекунад.

*** Олимон ба якдигар бо чашми хайр назар мекунанд. Ҷоҳилон мехоҳанд, ки миёни олимон фитнае ба миён оваранд, аммо олимон ба онҳо фурсат намедиҳанд.

Олимонро эҳтиром намоед, зеро олимон ворисони пайғамбаранд. Аз ин рӯ, ҳар касе , ки олимеро эҳтиром мекунад, маънои онро дорад, ки Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) ва Расулуллоҳ (с.а.с.)-ро эҳтиром кардааст.

***ХУДОБАХШ***
***02.06.2013с.***

## Эҳтироми устод!!!

Яке аз олимон асри бистум бо номи Тоҳирул Мавлавӣ дар синни 73 солагӣ вафот мекунад. Қабл аз вафоташ ба наздиконаш васият мекунад, ки;

- Маро дар қабри марказӣ дар назди модар ва устодам гӯр кунед. Тобутамро то назди қабри устодам болои китф бубаред. Наздики қабри устодам расидед, аз китфатон фароред ва ба замин кашонида бареd. Мехоҳам ҳурмату эҳтирому миннатдории худро ба устодам баён намоям, зеро устодам василае шуд, ки ман имон овардааму илму адаб омӯхтам. Ин васиятамро ҳатман ба ҷо оред.

Тоҳирул Мавлавӣ мемирад. Васият ба ҷо оварда мешавад, аммо муфтӣ, ки он ҷо ҳузур дошт, эътироз мекунад ва мегӯяд:

- Тобути Устоди бузургворро чӣ гуна аз китфатон мефарореду ба замин кашола карда мебаред?

Наздиконаш ҷавоб доданд:

- Мо танҳо васияти устодамонро ба ҷо меорем.

Шайх Музаффар, ки он ҷо ҳузур дошт, чунин мефармояд:

- Ягон хубӣ ба андозаи сабаби ҳидоят шудан, баробар ва ё бузург нест. Бигзор, тобутро ба замин кашола карда, аз назди қабри устодаш бурда шавад, то барои мардум дарси ибрат шавад.

*** Ҳазрати Алӣ (р.а.) фармудаааст:

- Касе ба ман як ҳарф меомӯзонад, чиҳил сол ғуломаш мешавам.

Ҳаққи устод аз падар беҳ. Ин суханро қаблан мехондаму андешаи онро мекардам, ки чӣ гуна ҳаққи

устод болотар бошад. Баъдан кам ҳам бошад, дарк кардам, ки «Падар василае мешавад, ки ба дунё меоем, аммо устод василаи наҷоти дунё ва охират мегардад. Бешубҳа, ки наҷоти қиёмат волотарин наҷотҳост».

***ХУДОБАХШ***
***12.0.2015с.***

## Ягон амали хайр бе аҷр намемонад

Дар Бағдод рӯзҳои қаҳтӣ омада буд. Аз ҳама зиёд мардони боркаш азияти зиёдтар мекашиданд. Марди боркаш аз назди хонае мегузашт, ки бӯи нони гарм ба димоғаш мерасад. Дари хонаро тақ- тақ мекунад. Ба зане, ки нон мепухт гуфт:

- Аз барои Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) як порча нон диҳед,ки чанд рӯз боз луқмае бар даҳон нагузоштаам.

Зан ба марди боркаш нон медиҳад. Марди боркаш хело хурсанд мешавад ва роҳашро идома мебахшад. Марде аз пешаш мебарояд ва мегӯяд:

- Ин нони гармро аз куҷо гирифтӣ?

Марди боркаш хонаро нишон медиҳаду мегӯяд:

- Аз ҳамон хона.

Мард боз қаҳролуд мешавад, зеро нон аз хонаи ӯ баромадааст. Ба хона медарояду ба ҳамсараш мегӯяд:

- Ба марди боркаш кӣ нонро дод?

Ҳамсараш фикр мекунад, ки шояд дилаш ба духтараш месӯзаду ӯро намезанад, ба шавҳараш гуфт:

- Духтаратон ба марди гуруснае нон дод.

Мард бо қаҳр ба дасти духтараш чунон мезанад, ки дасти духтараш маъюб мегардад.

Мард ғазабона боз мегӯяд:

- Агар ман ба ҳамаи мардум нон бидиҳам, дар хона дигар нон намемонад.

Баъд аз замоне кори мард чунон коста мегардад, ки дуконашро ҳам мефурӯшад. Ҳатто дигар имконе намеёбад, ки ба хонааш нон биёрад. Рӯзе ба хона меояд ва ба зану духтараш мегӯяд;

- Аз ман умедатонро канед. Имрӯз маблағе ҳам наёфтам, ки нон харидорӣ бикунам. Ба духтараш амр мекунад, ки акнун бирав дар кӯча ист ва нафари шиносеро, ки дидӣ аз ӯ пули нон талаб кун.

Духтар новобаста аз он, ки духтари ба воя расида буд, сухани падарро рад накарда, дар кӯча рафта нишаст, то шиносе ояду аз ӯ пули нон талаб кунад. Марде духтарро аз дур назорат мекунад. Баъди чанд лаҳзае наздаш меояд ва мегӯяд:

- Ту ин ҷо чӣ интизорӣ мекашӣ?

Духтар маҷбур шуд, ки ҳодисаро нақл кунад:

- Дигар пуле ҳам намондааст, ки рафта нон бихарем.

Мард аз ҷайбаш миқдори пуле бароварду ба духтар дод ва гуфт:

- Ту ба ин миқдор нон бихар, то ин ки ман ҳам шукри неъматро ба ҷо биёрам.

Духтар, ки як дасташро пушташ пинҳон мекард, ба дасти дигараш пулро гирифт. Мард ҳайрон монду гуфт:

- Чаро дастатро пинҳон мекунӣ? Агар захме дошта бошад, табобаташ мекунем. Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) бар ман эҳсон кардааст ва бояд, ки шукргузор бошам, бояд, ки хубӣ бикунам, вагарна неъмати додашуда дубора гирифта мешавад.

Духтар саргузашташро нақл мекунад:

- Марди боркашеро, ки чанд рӯз нон нахӯрда буд, бо модарам нонаш додем. Падарам аз ин кор бохабар шуду, ба дасти ман чунон зад, ки дастам маъюб монд ва ин сабаби он шуд, ки дар хона мондаам. Касе маро талабгор ҳам намешавад.

Вақте ки мард ин нақлро гӯш кард, бо садои баланд

гуфт:

- Эй мардум! Хоҳиш мекунам, ки ҳама ин ҷо ҳозир шаванд. Ман хонумеро, ки барои издивоҷ кардан меҷӯстам, дарёфтам. Шумо ҳам шоҳид бошед.

- Марде, ки аз хонаи шумо нонро гирифта буд, ман мебошам. Ман сабаб шудам, ки дасти шумо маъюб шуд. Агар туро ба ин аҳвол гузорам, Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) аз ман розӣ намегардад. Туро аз дур назорат мекардам, дар дилам муҳаббате пайдо шуд. Фикр мекардам, ки ин духтар ба ҳамон духтаре, ки ба ман нон дод, хело монандӣ дорад. Падарат ношукрӣ кард ва Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дуконашро ба ман насиб гардонид. Акнун навбати имтиҳони ман аст. Ман намехоҳам, ки ношукрӣ бикунам. Биё, равему падаратро дастгирӣ бикунем ва зуд никоҳамонро анҷом диҳем.

*** ***Аз шукр шакар зиёда гардад,***
***Ношукр зи хар пиёда гардад.***

Аллоҳ Таъоло (ҷ.ҷ.) дар ояти 40-уми сураи «Намл» фармудааст:

قَالَ الَّذِى عِنْدَهُ عِلْمٌ مِنَ الْكِتَابِ اَنَا اٰتِيكَ بِهِ قَبْلَ اَنْ يَرْتَدَّ اِلَيْكَ طَرْفُكَ فَلَمَّا رَاٰهُ مُسْتَقِرًّا عِنْدَهُ قَالَ هٰذَا مِنْ فَضْلِ رَبِّى لِيَبْلُوَنِى ءَاَشْكُرُ اَمْ اَكْفُرُ وَمَنْ شَكَرَ فَاِنَّمَا يَشْكُرُ لِنَفْسِهِ وَمَنْ كَفَرَ فَاِنَّ رَبِّى غَنِىٌّ كَرِيمٌ

Ва он каст, ки аз илми китоб баҳрае дошт, гуфт: «Ман пеш аз он, ки чашм бар ҳам занӣ, онро назди ту меоварам». Чун онро назди худ дид, гуфт: «Ин бахшиши Парвардгори ман аст, то маро биёзмояд, ки шукргузорам ё кофири неъмат. Пас, ҳар кӣ шукр гӯяд, барои худ гуфтааст ва ҳар кӣ ношукрӣ кунад, Парвардгори ман бениёзу карим аст».

Ин саргузашт моро ёдрас ба он мекунад, ки шукргузор бошему қадршинос.

***Шукри неъмат, неъматат афзун кунад,***
***Куфр неъмат аз кафат берун кунад.***

*(Мавлонои Балхӣ)*

***ХУДОБАХШ***
***12.07.2015с.***

## 86400 сония

Фикр кунед, ки дар бонке суратҳисоб доред. Ҳар субҳ ба суратҳисобатон 86 400 доллар интиқол меёбад. Ин маблағро то шаб бояд, ки истифода бибарад, зеро барои фардо интиқол намеёбад. Пулатро хоҳ истифода бикунӣ хоҳ не, маблағ сифр мегардад. Чӣ кор мекунӣ? Албатта, кӯшиш мекунӣ, ки ҳамаашро истифода кунӣ. Ҳамаамон муштариҳои бонк ҳастем, ки номамон "Вақт" мебошад.

Ҳар субҳ соҳиби 86 400 сония мешавем. Дубора интиқол намешавад. Ҳар субҳ суратҳисоб пур мешавад ва ҳар шаб холӣ мегардад. Баргашт нест. Сонияҳоро истифода бикун, беҳтараш бо он сармоя гузор. Барои хурсандӣ, саломатӣ ва муваффақият. Вақт меравад. Ҳар рӯз беҳтарашро анҷом бидеҳ.

Барои фаҳмидани қадри як сол, толибилмеро бипурс, ки дар синфаш монда бошад.

Барои фаҳмидани қадри як моҳ, аз модари ҳомиладор бипурс.

Барои фаҳмидани қадри як ҳафта, аз соҳиби маҷаллаи ҳафтаина бипурс.

Барои фаҳмидани қадри як соат, аз дидори ду ошиқ бипурс.

Барои фаҳмидани қадри як дақиқа, аз мусофире бипурс, ки қатораро аз даст додааст.

Барои фаҳмидани қадри сония, аз ронандае бипурс, ки пеши роҳи садамаро гирифта натавонистаст.

Аз сад яки сонияро фаҳмидан хоҳӣ, пас, аз варзишгаре пурс, ки мақоми дуюмро дар олимпиада гирифтааст.

Ҳар як лаҳзаро қадрдонӣ бикун. Ҳар як дақиқаро дар корҳои хайр истифода бикун.

Фаромӯш макун! Вақт барои касе намеистад. Вақти гузашта таърих аст. Омадани вақти оянда дар гумон аст ва чун сир аст.

Шайх Аттор фармудааст:

***Умрро медон ғанимат ҳар нафас,***
***Чун равад. дигар наояд боз пас.***

***ХУДОБАХШ***
***14.07.2013с.***

***Дар таълифи китоби мазкур манбаъҳои зерин истифода шудаанд:***

1. Қуръони Карим
2. Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ
3. «Қутул қулуб»-и Абутолиб ал-Маккӣ
4. «Китоби зуҳд»- Байҳоқӣ
5. Мукошифатул қулуб
6. «Эҳёи улумид-дин»- и Имом Ғазолӣ
7. «Анварул ошиқин»- Аҳмади Бечон
8. «Сифатус-Сафва»- и Ибнил Ҷавзӣ
9. «ал-Муҷамул кабир, ал-муҷамул сағир»- и Табаронӣ
10. «Зуҳд»- и Ибни Моҷа
11. «Фиқҳи акбар»- и Имоми Аъзам
12. «ал-Муснад»- и Аҳмад ибни Ҳанбал
13. «Ҳикояҳои диннӣ»- и Аҳмад Шоҳин

ХАЗИНАИ МАЪРИФАТ 5

*500 ҲИКМАТ*

*Қисмати дуюм*

Ба чоп 30.09.2016 имзо шуд. Андозаи 32x48 $^{1}/_{8}$.
Қоғази офсет. Гарнитураи адабӣ.
Ҷузъи чопии шартӣ 19,5.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 13.0 чопи офсет.
Адади нашр 500. Супориши №26/2016.

ҶДММ «Графика принт»
ш.Душанбе, кӯчаи Карин Манн, 130
E-mail: admin@grafikaprint.tj